ГУЛИ МУРОД

ҲАЗОРУ ЯК ДАРД

https://bikhon.tj/

Ба номи Худованди Бузургвору Бахшоянда

ШОИРЕ ДАР САҲНАҲОИ ДАРДУ ЛАБХАНД

Гули Мурод огоҳона ба рубоиву дубайтӣ рӯ овардааст. Каломаш дар ин қолаб, дар бисёр маворид бо лаҳҷаи мардум омехта шудааст. Ин омезиш бо гӯйиши мардум низ аз тарафи шоир огоҳона аст. Чаро?

Ошкор аст, ки хонандаи имрӯзии мо, ҳатто хонандаи шабакаҳои иҷтимоъӣ, тавону таҳаммули хондани матни тӯлониро надоранд. Ба нудрат метавон аз миёни насли ҷавон касонеро пайдо намуд, ки таҳаммули хондани асарҳои калонҳаҷмро дошта бошанд. Ба фарз достони бузургу манзумеро бигзоред. Хонандаи бешуморро зери он намебинед.

Дар адабиёти муосир низ акнун шоиронеро дорем ва ҳалқаҳои адабиеро дорем, ки ба гуфтани намунаҳои бисёр кӯтоҳ, беш аз ҳадди маъмул кӯтоҳ, машғуланд. Навъи шеъри “Хусравонӣ” (Ахавони Солис), “Зулол” (Аъзами Хуҷаста), “Сегонӣ” ва ҳатто гунаи форсии (тоҷикии) шеъри ҷопуниасли “Ҳойку” мисолҳое барои ин қавланд. Хонандаи имрӯзӣ муътоду масруфи ахбори кӯтоҳ аст ва ба пайоми сареъу мӯҷаз бештар гароиш дорад.

Шоири огоҳ аз руҳияи хонандаи имрӯз низ даст ба ибдоъу ибтикор мезанад ва кӯшиши гуфтани ашъори кӯтоҳро мекунад. Табиъист, бояд зеҳн хеле қавӣ бошаду табъ пурбор, то битавонӣ матлабе азимро дар қолабе хӯрд гунҷоиш бидҳӣ.

Гули Мурод ба ҳамаи намунаи ашъор, ки дар саҳифаҳои адабии шабакаҳои иҷтимоъӣ нашр мешаванд, ошноӣ дорад. Худ табиъатан шоирест, ки дар қаволиби пешиниён сухан мегуфтааст. Аммо ҳузур дар “олами маҷоз”, пай бурдан ба руҳияи хонандаи ин рӯзгор ӯро муътақид ба суроиш дар навъи шеърии тарона (дубайтӣ) ва рубоӣ кардааст.

Дар замоне, ки миёни хонандаи шеъри тоҷикӣ баҳс бар сари гӯйиши “эронӣ” ва “тоҷикӣ” меравад, дар замоне, ки забони ноби порсӣ, ки абаршоире чун устод Рӯдакӣ ва ҳакиме бас тавоно чун Фирдавсӣ ва алломае бас машҳур чун

https://bikhon.tj/

Иқбол ба он дурри дарӣ суфтаанд, ба ғализии тамом ва лаҳҷаи кӯча нузул кардааст, Гули Мурод қолаби кӯтоҳи дубайтиву рубоъӣ ва баёни мардумии ашъорро ба кор мегирад.

Боре навишта будам, ки Гули Мурод метавонад Фоизи Даштистонии тоҷик бошад, чун дар таронасароӣ касе ҳиссу равонии табъи ӯро надорад. Ман аз мушкилоти дигари сурудаҳои ӯ чашм мепӯшам ва ба амд чунин корро намекунам.

Ҳоло метавонед шеъри ҳар шоиреро – аъам аз машҳур то номашҳур, - пеши худ бигзореду аз тарзи суроиш то мазомину калимоти ӯро маҳаки интиқоди худ қарор диҳед. Метавонед гунаҳои барҷаставу қаблан сурудашуда ва ҳамонанд ба онро пайдо кунед. Метавонед аз вазн сар карда то қофияву радифу дигар саноеъи шеъриро дар он баррасӣ ва интиқод кунед. Гули Мурод истисно нест.

Ончи чеҳраи ин шоирро дурахшон нигоҳ медорад ва шеъри ӯро эътибор мебахшад, сухани рӯз будани он, фарогири тамоми лаҳзаҳову ҳисҳо ва ҳолатҳо будани он аст!

Муҳимтарин мавзуъе, ки наздик ба бист сол аст, миллати тоҷикро дар азияти руҳии шадид нигоҳ медорад, муҳоҷирати иҷбории кор ва дур мондани фарзандон аз сарвари хонадони худ мебошад. Ин мавзуъи дарднокро шумо шояд натавонед дар шеъри шоирони ба истилоҳ машҳур ва ё ҷоизадор пайдо намоед. Ин мавзуъ чун иртиботи мустақим ба оммаи заҳматкаши кишвар дорад, онро бо ҳеч гунае наметавон дилангезтар аз баёни худи мардум ва наметавон дар ҳеч қолаби шеърие беҳтар аз қолаби дубайтӣ баён намуд.

Дар ин мавзуъ номи Абдувоҳиди Зевар ва махсусан Гули Муродро бояд нақди адабӣ ҷудогона баён намояд.

Аз дур садо шавад, гумонам – додо,
Гар шарфаи по шавад, гумонам-додо.
Аз баҳри навозиши писар ҳар нафасе,
Марде ба наво шавад, гумонам, додо.

Дар ин тарона чи қадар эҳсоси як тифли солҳо аз падар дурафтода баён шудааст? Хонандаи тоҷик вусъати ин эҳсосро беш аз хонандагони дигари порсизабон дарк мекунад. Забони баён комилан мардумист.

https://bikhon.tj/

Мавзуъи муҳоҷирати иҷбории кор пур аз фоҷиаҳост. Аз ҳар каронае, ки ба он нигаред, мушкили азими як миллатро, эҳсоси онро, ашку заъфи онро ба вузуҳ мебинед.

Ҳатто, ворид шудани беихтиёри калимаҳои русӣ дар забони гуфтугӯии мардум низ иртибот ба муҳоҷирати иҷбории кор пайдо мекунад ва Гули Мурод ин мавзуъро аз зеҳнаш дур надоштааст:

Мактаб ҳама ҷо хусусӣ шуд, додо нест,
Ду хоҳаракам арӯсӣ шуд, додо нест.
Аз тилфунаш садои «Занят» шунавам,
Ҳарфу суханам урусӣ шуд, додо нест.

Дарднокторин мавзуъ – ҳолати муҳоҷирони иҷбори кор дар Русия ҳаст. Кишваре, ки ба гунаи даҳшатнок шаҳрвандони Тоҷикистонро дар хориву беҳуқуқӣ нигоҳ медорад. Зеро аз шаҳрванд то пулиси рус ва то давлатмардони Русия беҳуқуқ мондани миллати тоҷикро дар Тоҷикистон ба хубӣ дониставу дарк карданд.

Гули Мурод бевосита ин хиффату хориро дар он кишвар ҳама рӯза ба мушоҳида мегирад ва ин мавзуъ дар каломи ӯ ҷойи худро ба гунаҳои мухталиф пайдо кардааст. Намуна:

Дар ҳар сари кӯча ҳуҷҷатам мепурсад,
“Рекет” бошад, зи буҷҷатам мепурсад.
Ман чун гули бегона миёни ҳама хор,
Ҳар лаҳза зи хоку кӯчатам мепурсад.

Оре, қофия дар мисраъи чорум мушкил пайдо кардааст. Метавон онро ислоҳ кард. Аммо ман тарҷеҳ медиҳам, ки чунин бимонад. Далелаш ҳам ин аст, ки бо сабки мардум суруда шудааст ва муҳимтар аз ин, мисраъи чор бо “хоку кӯчат”-и худ раги ҷони ин шеър аст ва аз эҳсоси зишти миллигароёну нажодпарастони кишваре дар баробари муҳоҷирон ҳикоят мекунад.

Шумо бо хондани ҳар таронае аз Гули Мурод ба мавзуъи муҳими ҳаётии дигар рӯ ба рӯ меоед. Бо ҳар дубайтӣ оламе дарду ҳамдардии шоиреро эҳсос мекунед, ки ҳама рӯза аз саҳифаи интернетии худ ба шумо пайғом медиҳад ва дар кӯчаҳои Русия чун ҳазорон ҳамватанаш умр мефарсояд.

Гули Мурод пешравии рӯзгорро бо ҳар нафас мушоҳида мекунад ва дар ҳамин қолаби кӯтоҳ ба миллати муҳоҷиршудаи худ хӯшдор медиҳад, ки:

https://bikhon.tj/

Дигар шуд илму техник иқтидораш,
Каланду бели бобо мурд –кораш.
Ба худ о,тоҷики ман, дар ҳунар куш,
Сафи бекор афзун шуд-шумораш!

Фоҷиаи мардуми бекору бемаош ва рафтан ба нуқоти дур пайи ёфтани кор ва солҳо барнагаштанро меоварад:

Яке анбори додо кард холӣ,
Дигар дуздандаи гандуму шолӣ.
Зану фарзанди худро монда дар деҳ,
Яке бигрехт то Қутби Шимолӣ.

Нуктаи муҳими дигар. Дар шеъри Гули Мурод шумо ба анбуҳи вожаҳои русӣ рӯ ба рӯ меоед. Наметавон ин кори Гули Муродро харобкунии забони шеъру забони адабӣ номид. Чаро? Чун ин калимаҳо ду мафҳумро аз ин рӯзгор барои хонандаи имрӯз ва хонандаи фардо мерасонанд:

1) Ба чунин ҳадд таназзул кардани забони мардуми тоҷик.

2) Баёни мафҳуми асл, баёни вазъият ва дар куҷо иттифоқ афтодани воқеъа ва онгоҳ: баёни зиндагие, ки мардум дар чунин рӯзгоре доштаанд!

Ман метавонам мавзуъҳои фаровонро, ки дар ҳар дубайтиву рубоии Гули Мурод ҷой доранд, табақабандӣ кунам. Ҳунари ӯро дар фаро гирифтани тамомии ҳолоту ҳаводис нишон диҳам. Аммо, ончи овардам, худ роҳнамоӣ, худ мушт аз харвор буд.

Таваҷҷуҳ кардан ба сурудаҳои Гули Мурод – таваҷҷуҳ кардан ба ҳаводисест, ки бист сол боз аз сари тоҷик мегузарад, ҳаводисе, ки ҳамин алъон мегузарад.

Ман шоиреро дар фарогирии мавзуъоти муҳими рӯзона ба пояи Гули Мурод намебинам. Гули Мурод дар сабки мардумии суроиш ва ҳама рӯза дам задан аз мушкили мардуми худ ва умуман дарди инсон, дар миёни насли давраи чаҳоруми адабиёти форсзабонони Варозруд, чеҳраи рушан ва қобили эътибор аст!

Исфандиёри Назар,
Олмон,
06.08.2017

https://bikhon.tj/

ДОДОНОМА

https://bikhon.tj/

1.
Бароям хубиҳо кун, омадам ман,
Сари раҳрӯбиҳо кун, омадам ман.
Ба лаб шеъру тарона дар дилам меҳр,
Биё, кафкӯбиҳо кун, омадам ман.
2.
Аз дур садо шавад, гумонам – додо,
Гар шарфаи по шавад, гумонам-додо.
Аз баҳри навозиши писар ҳар лаҳза,
Марде ба наво шавад, гумонам, додо.
3.
Мактаб ҳамачо хусусӣ шуд, додо нест,
Ду хоҳаракам арӯсӣ шуд, додо нест.
Аз тилфунат садои «Занят» шунавам,
Ҳарфу суханам урусӣ шуд, додо нест.
4.
Додо-гӯён дилам адо шуд, додо,
Бо ман ҳама деҳа ҳамсадо шуд, додо.
Шукронаи қотурмаи очам дорам,
Ношукрии ман шояд хато шуд, додо?
5.
То кай зи ғарибӣ месароям, додо,
Бе ту чу сағири бенавоям, додо.
Эй кош, ки як саҳар дарои аз дар,
Аз таънаи душмано бароям, додо.
6.
Берун зи канори ғам шавам, мегӯям,
Аз зиққи нафас кафам-кафам мегӯям.
Кайҳо ба дилам задаст: «додогӯй»,
Додои худам-худам шавам, мегӯям.
7.
Кай медонам ба Маскавӣ ё Кавқоз,
Додо, ту кучо рафтӣ, раҳи дурудароз?
Баргардӣ агар, чун дигарон бо сад ноз,
Дастурхони худои мекардам боз.
8.

https://bikhon.tj/

Оча ба худаш «ғуд-ғуд»-у «бай-бай» мегуфт,
Аз хоричи мамлакат туро «ҳай» мегуфт.
Додо, кошке туро зи бепарвоит,
Бо хости Худо Рассия «гуд бай» мегуфт.

9.

Фардо ба диёр мебиёяд, додо,
Бо азми чӣ кор мебиёяд, додо?
Дар фикри маро хатнакунӣ, ё мошин,
Андешасавор мебиёяд, додо.

10.

Бо ёди Ту гашта-гашта беёд шудам,
Зардолӯи хушкондаи компот шудам.
Андар баданам қаламчаи гӯште нест,
Додо-додо мисоли робот шудам.

11.

Шеъре бари мардикор мегӯму гирист,
Дар сози наю дутор мегӯму гирист.
Додо ба канори дигаре дар роҳат,
Ҳайфи мани интизор мегӯму гирист.

12.

Ҳар буттаи хору хораро мешумарам,
Гижжоси дари даробаро мешумарам.
Э кош, биёӣ дар шумори саду бист,
Додо, ҳама шаб ситораро мешумарам.

13.

Панҷвакта намози хешро мехонам,
Сар бар тарафи ту, эй Худо, мемонам.
Гӯ чун бикунам ба хотири модари зор,
Додома зи роҳи зишт баргардонам?

14.

Додо, додо, чӣ сарбаландӣ, додо,
Байту ғазалу таронабандӣ, додо.
Монандаи шоҳи одилӣ бар сари мо,
Зебанда сари зини самандӣ, додо.

15.

Додо, додо, иморатат вайрун аст,

https://bikhon.tj/

Андеша миюни ғусса андармун аст.
Бефарзандӣ агар бувад мушкилу сахт,
Ин бепадарии мо балои ҷун аст.
16.
Додо, додо, зиндаятимам кардӣ,
Дар доираи ҳаросу бимам кардӣ.
Як себи умеди туву модар будам,
Рафтиву ба ғуссахо ду нимам кардӣ.
17.
Аз мулки Расӣ сафар надорӣ, додо,
Андешаи мо ба сар надорӣ, додо.
Аз номусу нанг пеши ҳамсинфонам.
Чун мемураму хабар надорӣ, додо.
18.
Бегонаба тилло мехарӣ, додоҷун,
Бо завҷаи кас сар ба сарӣ, додоҷун.
То кай сари роҳ интизорат бошем,
Бар очаи мо чӣ мехарӣ, додоҷун?
19.
Аз кори Шумо хабар шудам, додоҷун.
Дар оби азоб тар шудам, додоҷун.
Рафтед Расӣ, очама танҳо мондед,
Ман хунаба қуфли дар шудам, додоҷун.
20.
Андоми гулам хазон бишуд, додоҷун,
Се ҷумъаву сад азон бишуд, додоҷун.
Ман бе ту чунон гусса хӯрдам имрӯз,
Хун аз ҷигарам равон бишуд, додоҷун!
21.
Худ бо татару гурҷӣ забон меёбам,
Ноне ба катори ину он меёбам.
Хоҳам, ки биёиву ҷавобам бидихӣ,
Кай ман зи балои ту амон меёбам?
22.
Кай медонам ба Маскавӣ ё Қавқоз,
Додо, ту куҷо рафтӣ раҳи дурудароз?.

https://bikhon.tj/

Баргардӣ, агар чун дигарон бо сад ноз
Дастурхони худоӣ мекардам боз.
23.
Соле мешад гармӣ напухтем, додо,
Лабташнаву нимгӯшна бихуфтем, додо.
Дидем, ки бе ту зиндагӣ танг омад,
Мо гова ба гӯсола фурӯхтем, додо.
24.
Додо ба Расӣ - ғамзада, сарсон баччам,
Ҳайрон ба дари масҷиду дӯкон баччам.
Модар ба аҷал дасту гиребон ин дам,
Дар синаи ту ҳазор армон, баччам.
25.
Додо ба сафар нома надорӣ, баччам,
Бар мактаби худ хома надорӣ, баччам.
Баъди сари ман чӣ мешавад авҳолат?
Ман мемураму ҷома надорӣ, баччам.
26.
Ларзон чу баргаму наёмад додот,
Борону тагаргаму наёмад додот.
Эй кош, Худо ҷазоша бидҳад як бор,
Дар бистари маргаму наёмад додот.
27.
Маро Гулбону хуш дорад, падарҷон,
Паси хона тавуш дорад, падарҷон.
Биё, пинҳонӣ як-ду маслиҳат деҳ,
Ки ҳар девор муш дорад, падарҷон.
28.
Аз рафти падар чӣ нола дорӣ, оча?
Анҷомоша кашола дорӣ, оча?
Мактуби ба хун навиштаи додоро
Хондиву чаро ҳавола дорӣ, оча?
29.
Шамъ маҳтоб аст дар ин манзара,
Дарси одоб аст дар ин манзара.
Ҷуз мани бедор дар ин нимашаб,

https://bikhon.tj/

Боқӣ дар хоб аст дар ин манзара.
30.
Субҳона парӣ ба хонааш меҳмон кард,
Ин гуфтаву он гуфтаву андармон кард.
Гуфтам бахшиш, зи кор мемонам дер,
Бо бӯса зиёни бандаро ҷуброн кард.
31.
Мардро чӣ заиф мекунад?-Ғурбати зан,
Ӯро чӣ баланд мекунад?-Ҳурмати зан.
Аз ҳарзаи беҷову суханҳои қабеҳ,
Худро ба канора гир, дар суҳбати зан.
32.
Дафтари худ пеши худ бинвистӣ,
Ё миёни хирсу хуке зисти?
Силу зардобам намудӣ, чӣ кунам,
Ман туро одам накардам.-Кистӣ?
33.
Набинад дил туро, бад мезанад, гул,
Ва худ берун зи сарҳад мезанад, гул.
Гаре дар рӯ ба рӯям ойӣ, хамоно,
Дилам аз рӯи сесад мезанад, гул.
34.
Омад ба амал навиштаҳои сунъӣ,
Рӯида ба ҳота киштаҳои сунъӣ.
Шояд, ки ба дунёи дигар афтодам,
Дар чор тарафам фариштаҳои сунъӣ.
35.
Бад омаду ҷанг омад, маломат омад,
То омадани ӯ сад аломат омад.
Дидам ба миёни мазҳабо шӯру мағал,
Гуфтам ба худам худи қиёмат омад.
36.
Аз рӯди Қахор мебиёяд Замзам,
(Боинг)а савор мебиёяд Замзам.
Бар кишвари мо паси табобат донӣ,
Ҳар лаҳза ба кор мебиёяд Замзам.

https://bikhon.tj/

37.
Дар киссаи ман гӯшӣ намозе хонад,
Қуръона ба оҳангу ба созе хонад.
Панҷвақтагузор ҳам набошад, аммо
Ҳар лаҳза ба сӯзу бо гудозе хонад.
38.
Ҳадисе офарида, хон ки боб аст,
На аз таърихи моҳу офтоб аст.
Гирифтан домани шавҳар ба занҳо,
Ба мардон зан гирифтан ин савоб аст.
39.
Яке Наврӯзро аз они мо гуфт,
Яке Наврӯзро аз дин ҷудо гуфт.
Миёни ин ҳама баҳсу талошо,
Ҳамоне рост гуфт, ӯ аз Худо гуфт.
40.
Аз Тоҳиру Зуҳра ёд дорам бе ту.
Чӣ мушкилии зиёд дорам бе ту.
Донандаи ҳоли ман дихад исботӣ,
Сарсонии мисли бод дорам бе ту.
41.
Бегоҳӣ маҳу ситораҳо меҷустанд,
Субҳона сафи қатораҳо меҷустанд.
Ман дар бағали хаёли шармини туву,
Ин ҳамсафаро ҳама маро меҷустанд.
42.
Лаби дарё чанору бед бишкуфт,
Зи тори қуллахо хуршед бишкуфт.
Гул аз нав сӯи ман ширин назар кард,
Чи хуш дар синаам уммед бишкуфт.
43.
Яке бемории қанд аст, ё Раб,
Дигар бо дарди дил банд аст, ё Раб.
Гули бемориҳо ин ҷо шукуфта,
Ба боғи мо чӣ пайванд аст, ё Раб?
44.

https://bikhon.tj/

Баччам, баччам, ба зери чоҳам, баччам.
Донӣ, ба Худо, ки бегуноҳам, баччам.
Бепулӣ ҳамин, ки ҷумла роҳам банд аст,
Ҷуз модари ту зане нахоҳам, баччам.
45.
Само пурдард шуд аз омади дай,
Замин дилсард шуд аз омади дай.
Саропо иллат аст ин фасл гӯё,
Ки рангам зард шуд аз омади дай.
46.
Қабо аз рӯи худ бардошт хуршед,
Заминро зарру зевар кошт хуршед.
Ба як роҳу ба як диди назар буд,
Ба худ нури Илоҳӣ дошт хуршед.
47.
Ҳаво сарду ҳаво сарду ҳаво сард,
Зимистон то барояд беғаму дард.
Ҳама долу дарахти дашту ҳомун,
Ба худ барфи заминро сандалӣ кард.
48.
Ҷавоне аз пайи Фарҳод мерафт,
Матое рӯи торе бод мерафт.
Ба сони наммиҳои он матое,
Маро байту ғазал аз ёд мерафт.
49.
Сигору носро дӯсти ҷавонам,
Ба солу маҳ кашидӣ пачка-пачка.
Ба куллӣ тарк гуфтӣ ҳафтае чанд.
Асаб ором дорӣ бо жвачка.
50.
Аз гуфтаи ҳак бар бало печидам,
Каж рафта ба чӯю ҷариҳо геҷидам.
Шояд.ки ягон илоҷи дигар бошад,
Боқии ҳаёти монда месанҷидам.
51.
Хоҳарҷонам нон мепазад, додоҷун,

https://bikhon.tj/

Таъриф кунамаш, ки месазад, додочун.
Ҳамсинфонаш суол кунанд: Додот ку?
Аз номусаша лаб мегазад, додочун.

52.

Аз ӯ сад нусхаи мобил баромад,
Ва ӯ ҳам мисли мо аз гил баромад.
Ҳазорон пеш раф(т) дар ҷодаи илм,
Хитоибачча ҳам қобил баромад.

53.

Ба куллӣ хӯрдӣ музди меҳнати мо,
Ҳақи моро зи мо кандӣ, гирифтӣ.
Худованд адлу инсофи туро бурд,
Чаро онро накардӣ фифтӣ-фифтӣ.

54.

Барои нафс часпочасп карда,
ИМА- ҷанги сарде касб карда.
Садои танку тупу бомбаборон,
Ду давлат Украинро ғасб карда.

55.

Муомилаи бад мекунад ҳамсоя,
Таклифома рад мекунад ҳамсоя.
Гар қаҳрӣ шавам, тавассути тилфунаш,
Бахшиш, гӯён хат мекунад ҳамсоя.

56.

Гӯяд хоҳари Фариштаям додо нест,
«Додо»-нома навиштаям, додо нест.
Дар марзаи синаям бари табрикаш,
Тухми «Гули Додо» киштаям, додо нест

57.

Худоро шукр моро достон аст,
Замину осмону обу дон аст.
Гаҳе бо шӯхиву бо ханда бо ҳам,
Лаку Пак зинда монем, достон аст.

58.

Ҳама асрори худро фош кардам,
Намедонам, ки побарҷош кардам?

https://bikhon.tj/

Маро каж офарид, ё ин ки барҷо,
Таваккал бар Худои хеш кардам.
59.
Сари баҳсе ба ин ҷо хондааст илм,
Ҳазорон нағмаро раҳ додааст илм.
Ба фарқи неку бад то ошно шем,
Ишоратҳои «лойк»-ро мондааст илм.
60.
Чӣ чора?-Гиря не, механдам имрӯз,
Алоқа аз ду ҷайба кандам имрӯз.
Изофа пул надорам, то гузорам,
Дари як кисаро мебандам имрӯз.
61.
Зи посбони ситора хона омад,
Даруни бистари нилӣ даромад.
Ба вақту соати корӣ дар ин субҳ,
Зи нав хуршеди заҳматкаш баромад.
62.
Буҳрони сиёсӣ дар миён шуд, баччам,
Имсола ҳама савдо зиён шуд, баччам.
Аз бонки Амонат аз ҳисоби доллар
Қарздории додот ду «Лимон» шуд, баччам.
63.
Корҳо ҳама ҷо ба ҷо шавад, меоям,
Фармон агар аз Худо шавад, меоям.
Ман ваъда намедихам, ки меоям зуд,
Бегоҳии шаб ҳаво шавад, меоям.
64.
Намудем ҳар куҷо бардор-бардор,
Ба қонунҳои нодаркору даркор.
Задем беҳуда ӯро бар ғалатҳо,
Ду дасти хешро кардем гунаҳкор.
65.
Ғубору гард бар ҷӯ холӣ кардем,
Ба рӯи роҳҳо гӯ холӣ кардем.
Ҳар оне дар насиҳат шуд моро,

https://bikhon.tj/

Нигоҳи сард сӯяш холӣ кардем.
66.
На пулу молу сарват мебарам ман,
Диламро бар табобат мебарам ман.
Ба ҷои тӯҳфа имрӯз аз ғарибӣ
Ба ту як сумка ҳасрат мебарам ман.
67.
Яке чангу чағона кор мебурд,
Яке по, даст шона кор мебурд.
Барои пеш бурдан зиндагиро,
Яке садҳо баҳона кор мебурд.
68.
Ба як кунчи дилам по монда рафтӣ,
Ҷазира байни дарё монда рафтӣ.
Чаро якбора шудгораш накардӣ,
Барои кӣ бигӯ, ҷо монда рафтӣ?
69.
Ба мисли оби дарё шӯху мастанд,
Ба сони шефашон зебопарастанд.
Дубайтиҳои ман чун актёре,
Ҳазорон нақшро дар бозӣ ҳастанд.
70.
Ба лаб лабҳои қандашро кашидам,
Ба дандон синабандашро кашидам.
Дар ин хилватгаҳи шаҳри ғарибӣ,
Майи сорти баландашро кашидам.
71.
Моҷористон равам ҳам, тоҷик астам,
Тотористон равам ҳам, точик астам.
Манам аз нусхаи Бобои тоҷик,
Ба қабристон равам ҳам, тоҷик астам.
72.
Ба Боинги бузурге дар ниҳоят,
Ватанро дуяшон рафтан зиёрат.
Худо хоҳад, Ширину очаҷонам,
Пагоҳ аз Тоҷикистон мебиёяд.

https://bikhon.tj/

73.
Биё, афсонаам гӯ, аз гузашта,
Ман аз “Новости” безорам, эй дӯст.
Хоҳархонду писархондам дурӯғанд,
Зи ҷамъи ростӣ безорам, эй дӯст.
74.
Туро ин кулба аз хишт аст, гули ман,
Ва саҳни ҳавлӣ гулкишт аст, гули ман.
Дизайнер-аш ҳамедонам худи ту,
Мувофиқ бо план шиштаст, гули ман.
75.
Зи як то садро бо худ шумур кард,
Чаҳор соли ҳаёташро убур кард.
Худо бидҳад ба ӯ умри дарозаш,
Адиба, ҷони бобо, панҷа пур кард.
76.
Рухсораи ту синаи окрачка барин,
Роҳгаштанакат ба сони ласточка барин.
Мӯят ба мисоли ҷуфти мори печон,
Чашмони хубат «молочни лампочка» барин
77.
Маро ояндаам бо танку туп аст,
На бо сементу обу сангу чӯб аст.
Миёни касбу кори инзамона,
Мусалмонкуштан охир, шуғли «хуб» аст.
78.
Зулмам кардӣ монанди ҳайвон, мардак,
Партофтӣ мана аз тори айвон, мардак.
Акнун, ки расида осиё навбати ман,
«Успет» кунӣ, калима гардон, мардак.
79.
Намехоҳам таҳи ҷорӯб бошам,
Зи бадрафториям саркӯб бошам.
Дигар тарзи адабро кор фармой,
Дуои бад макун, то хуб бошам.
80.

https://bikhon.tj/

Туро дидам, ҳавас кардам, дилором,
Нафасҳоро «запас» кардам, дилором.
Лабатро бо лабонам ҷафс кардам,
Ба табъҳояш «класс» кардам, дилором.

81.

Танӯри гарму рахшон дорӣ, эй гул,
Ҳамеша лаззати нон дорӣ, эй гул.
Ҳамедонам, ки андар нисбати ман,
Ту як меҳри фаровон дорӣ, эй гул.

82.

Танӯрат пури оташ, эй занакҷон,
«Нигодни» беҳавокаш, эй занакҷон.
Мабодое, ки афтад, сӯхта монӣ,
Каме худро қафо каш, эй занакҷон.

83.

Фалак мӯҳре зада бар дасту поям,
Ҳазор афсӯс дорам, кӣ хар астам.
Чӣ рафтору чӣ гуфтору чӣ ҳусне,
Муҳаббатҳои инсонро парастам.

84.

Ба инсон чизу чора дода мондаст,
Хару аспи савора дода мондаст.
Ба як рӯзу ба даҳ моҳу ба сад сол,
Ба мо ҷонро иҷора дода мондаст.

85.

Ту аз доллар балан(д) будӣ, азизам,
На дар бонке ту бан(д) будӣ, азизам.
Бародар ҳам, баробар ҳам, замоне,
Ба як киллои қан(д) будӣ, азизам.

86.

Танӯрояш зи хиштай, очаҷонам,
«Пержки» пухта шиштай, очаҷонам.
Ба рӯи ҳотаи мизаш бубинед,
Чиҳилта кулча киштай, очаҷонам.

87.

Саропо сап-сафедаст банди ришам,

https://bikhon.tj/

Ба чил рафтам, вале дигар намешам.
Ту шири сина не, додӣ «Малыш»-ам,
Аз ин рӯ шояде кӯдакманишам?
88.
Ман ҳамсари *Донна-Маргарит*-ам, баччам,
Андар *час(т)*-и хона *зампалит*-ам, баччам.
Бе *приказ*-и ӯ қадам наемонам ҳеҷ,
Дар ҷайбаи ӯ қуфлу калидам, баччам.
89.
Танӯратро бидидам дар аланга,
Рухи нонат ҳама тиллоитанга.
Худатро мисли хуршеди дурахшон,
Гули пероҳанат рангобаранга.
90.
Сарат бар рӯи китфам, хобат омад,
Кушо чашмони худ, арбобат омад.
Ба нозу нуз дорӣ хуш табассум,
Магар кайфи шабина ёдат омад?
91.
Ду абрӯ дорӣ-мохи навбаромад,
Надорад ҳусни зебоят камомад.
Ба ту ман розгӯи омадам, гул,
Димидрпол хӯрдаӣ-чӣ, хобат омад?
92.
Ту фикр макун, ки ман кулӯхам, додо,
Монандаи дарёчаи шӯхам, додо.
Бо апаи Марямам бирав хостгорӣ,
Дилдодаи гулбонуи Сӯхам, додо.
93.
Як бӯи хуше надорӣ, духтар, бӯям,
Ранге ба ту нест, то гирад мавзӯям.
Як сӯҳбати хуш надорӣ лоакл, бо кас,
Дар бораи ту чӣ шеър бояд гӯям?!
94.
Баромад, кӯчаҳоро рӯфт келин,
Ба тифлонаш фасона гуфт келин.

https://bikhon.tj/

Саранҷом кард дегу косаҳоро,
Пасон оҳиста рафту хуфт келин.
95.
Саҳар то шом бо тилфун авора,
Зи кору бори хона барканора.
Агарки як насиҳат карда монӣ,
«Приступ» мегирад келинамора.
96.
Ту ангишт астиву ман гулхани ту,
Чӣ дар шодӣ, чӣ дар ғам бо манӣ ту.
Кадомин миллатӣ, фарқе надорад,
Ту шӯи ман бигарду ман зани ту.
97.
Кулоҳеро ба сар кардам, ҳамонам,
Шляпамро дигар кардам, ҳамонам.
Ҳазорон зеб додам хештанро.
Ба оина назар кардам, ҳамонам.
98.
Ба зӯрӣ шавҳарам додӣ, падарҷон,
Дуо пушти дарам додӣ, падарҷон.
Наёфтӣ боле менашро насӯзам,
Сиёҳу ачкарам додӣ, падарҷон.
99.
Наёбад роҳ ин ҷо сад баҳона,
Қабули очаи бачч-о шабона.
Худо тавфик дода дуи моро,
Ҳамин тур кардаем мо, тухму дона.
100.
Ба он ҷое расида синну солаш,
Нагирад то маро ногаҳ уболаш.
Ба рӯзе се маҳал, бечора-дилро,
Парастиш мекунам бо Карвалолаш.
101.
Зи дигар тест ту дигар дрожӣ,
Николай ном дорӣ, чёрни кожӣ.
Суоле кардӣ боре бо мамашка-т,

https://bikhon.tj/

Намедонӣ чаро бар мо пахожӣ?
102.
Магӯ, ки душ бар душем ману ту,
Мисоли деги барҷӯшем ману ту.
Ҳақиқат андар он аст, гарчи талх аст,
Мисоли гургу заргӯшем ману ту.
103.
Ба моён аз мураббӣ приказ шуд,
Садову шухиҳову ханда бас шуд.
Ҳама худро ба рӯи кат гирифтем,
Ба кулли боғчаи мо тихи час шуд.
104.
Шамоли зиндагонӣ тухми моро,
Ба гулдонҳои олам бурда пошид.
Нумӯ карде, тулӯъ карде, чӣ карде,
Ба ҳар ҷое, ки бошед, зинда бошид.
105.
Ба зери сояаш дар гармии рӯз,
Маро таклифи шиштан кард ин боғ.
Сарамро сила карда гоҳ-гоҳе,
Ва амри шеъркиштан кард ин боғ.
106.
Шкурка кардаӣ девори рута,
Ба зевар додаӣ оро гулута.
Ба як сумме намеарзидӣ, имрӯз,
Худатро кардаӣ хеле крута.
107.
Ҳаётамро пуриш рафту камаш монд,
Бишуд барбод шодиву ғамаш монд.
Чӣ микдоре, ки буд андар насибам,
Шабу рӯзаш гузашту як дамаш монд.
108.
На ӯ парвои мӯ дорад гули ман,
Рухашро гурбашӯ дорад гули ман.
Опаздат кардааст бар ҷои кораш,
Чӣ ҷон андар гулӯ дорад гули ман.

https://bikhon.tj/

109.
Бихон, гуфтам, нахондӣ, ҷони додо,
Ту аз ҳад бигзарондӣ, ҷони додо.
Сарамро паст кардӣ, назди мардум,
Миёнамро хамондӣ, ҷони додо.
110.
Зи худ бегона дидӣ шавҳаратро,
Фаро бигрифт ларза пайкаратро.
Ба девора худатро такя дода,
Права поварот кардӣ саратро.
111.
Ба сар бигрифтаст ӯ синий каска,
Кашида рӯи бинӣ якта маска.
Ба шеъргӯӣ ягон вақте надорад,
Бувад илҳом машғули краска.
112.
Набигрифтӣ агар панди акота,
Ва дар ин ҷо баровардӣ ҳавота.
Хилофу акси қонун кардӣ рафтор,
Намоям қайчӣ ҷуфти тухмакота.
113.
Зи худ садҳо сухан эҷод карда,
Дили бобоякашро шод карда.
Суруди «амма» мехонад дамодам,
Адиба аммаҳоро ёд карда.
114.
Худ рӯзу шабона кор кардам, додо,
Ғамҳои Ту барканор кардам, додо.
Фотеҳа ба тӯйи наварӯсиш дода,
Хоҳарма ба асп савор кардам, додо.
115.
Пас аз оши палав чои кабуд дод,
Бад-он як коса аз оби қурут дод.
Зи пешонии ман шаш бӯса бигрифт,
Ба ман се бӯса аз лабҳои худ дод.
116.

https://bikhon.tj/

Озодаву тозаву ҳалол пӯшидам,
Як туфлира ман ба даҳ сол пӯшидам.
Бар қиммату қадри чиз расидам, баччам?
Ҳифз карда варо мани убол пӯшидам.
117.
Ноомадани Шумора ҳис кард, додо,
Даъват ману Лоларо раис кард, додо.
Дар рӯйхати сағераҳои деҳа,
Моро чу сағера номнавис кард, додо.
118.
Ман зардӣ ба рангу рӯ гирифтам, додо,
Раҳ ҷониби дашту кӯ гирифтам, додо.
Андешаи номади Шумо дар сар буд,
Аз фанни риёзӣ 2 гирифтам, додо.
119.
Хушам ояд, ки дар бовар шудастӣ,
Приколома тобовар шудастӣ.
Пас аз чандин огоҳӣ, билохир,
Яке аз беҳтарин повар шудастӣ.
120.
Мамашка ҳукмрон аст бар папашка,
Сафи алкаш ин ҷо пашка-пашка.
Аҷаб расме шуда бар нару модаш,
Фақат дар дасти онҳо полтарашка.
121.
Бидидам, эй занак, рӯзои охир,
Баровардӣ ту феъли интересни.
Агар такрор ёбад бори дигар,
Гуселат мекунам рӯзе с песни.
122.
Дарси адаба гӯй, аз куҷо хонда будӣ?
Ту шавҳари аввалината ронда будӣ.
Дар хонаи шӯи дуюмат ҳам, духтар,
Приписка и семоҳа магар монда будӣ?
123.
Макун такрор дигар, ҷони ширин,

https://bikhon.tj/

Дигар, ки дер кардӣ, мемирам ман.
Ба ин деромаданҳои батакрор,
Ба ҷонам сер кардӣ, мемирам ман.

124.

Зи мо сиррота рӯпӯш кардӣ, додо,
Чаро тилфуна хомӯш кардӣ, додо?
Ту дар болои зонуи кӣ хуфтӣ?
Чаро моро фаромӯш кардӣ, додо?

125.

Нодода пули чароғмо, додоҷун,
Ночида анори боғмо, додоҷун.
Монанди ҳавои шаҳраки Оймаякон,
Накшода даме димоғамо, додочун.

126.

Сарашро сила ҳам кардам, набаргашт,
Ҳазорон гила ҳам кардам, набаргашт.
Ба зону ҳам задам дар пеши пояш,
Дусадто ҳилла ҳам кардам, набаргашт.

127.

Дигар рафтори бад кардӣ, намерам,
Ту кори бесифат кардӣ, намерам.
Агар рафтам, кароли хона мешам,
Слава повторят кардӣ, намерам.

128.

Агарчи шири ту гарм асту қандак,
Зи боло не, туро мемакам аз таг.
Як эроди дигар дорам, азизам,
Надорӣ мисли очам ҷиҷибандак.

129.

Мане, ки ону инро дӯст дорам,
Гули рӯи заминро дӯст дорам.
Ва боз аз байни ин ёрони дерин,
Яке аз ҳозиринро дӯст дорам.

130.

Бар гӯшаки ҷом ишораангӯшт заданд,
Нӯшида шаробу ҳарду бар пӯшт шуданд.

https://bikhon.tj/

Гӯё, ки гуноҳи ту дар ин ҷо бошад,
Ин айби ту, гуфтаву туро мушт зананд
131.
Маро дарди миёнам кардӣ, эй пул,
Балоҳое ба ҷонам кардӣ, эй пул.
Надодӣ нафъи бисёреву аммо,
Ҳазору сад зиёнам додӣ, эй пул.
132.
Маҳу Хуршеда ҳамраҳ карда шиштаст,
Назора ҷониби раҳ карда шиштаст.
Ҳаминро кардааст Аллоҳ насибаш,
Ситора шукри даргаҳ карда шиштаст.
133.
Шудан хоҳӣ дубора меҳмонам,
Санавбарқомати ширинзабонам.
Биё, оҳиста, ҳуштак нокашида,
Подозрительни мешем ҳарду, ҷонам.
134.
Кунад хушбахтро бадбахт, медон,
Фарорад шоҳро аз тахт, медон.
Пазиро нест, ҳазлу шӯхии мо,
Худоро повороташ,сахт, медон.
135.
Гунаҳро бар ту борат карда монданд,
Зи бозӣ барканорат карда монданд.
Фаронса бар ту Афғону Араб нест,
Ана дидӣ, пазорат карда монданд.
136.
Маро зиққи нафас кардӣ, занакҷон,
Ба акси ман ҳавас кардӣ, занакҷон.
Бидидӣ синну солам рафта мондаст,
Кунун рашкота бас кардӣ, занакҷон.
137.
Ту номи баланду ҷолибӣ, додоҷун,
Аз дидаи ман чӣ ғоибӣ, додоҷун?
Рафтӣ ба куҷои Руссия, номаълум,

https://bikhon.tj/

Унвони Ғариба соҳибӣ, додоҷун.
138.
Яке аз шоҳ фармон шуд дар ин шом,
Малика чаппагардон шуд ин шом.
Ба мисли Иттифоқи даври Шӯро,
Союзи хона вайрон шуд ин шом.
139.
Гумонамкашша варит мекунӣ ту,
Зелёни чай заварит мекунӣ ту.
Худо бигрифт дигар хӯрданиро?
Фақат картошка жарит мекунӣ ту.
140.
Хамӯшакҳо чӣ гуна активистан,
Нашояд байнашон осуда зистан.
Ҳама меҳмонхона меҳмонкӯб созанд,
Саратро шишка карда мефиристан.
141.
Зи ҷабри зиндагӣ афтода мондаст,
Ва ё дар зери пои пода мондаст.
Ва ё монанди бархе аз муҳочир,
Кабӯтар рӯи раҳ ҷон дода мондаст.
142.
Ба чашми ту агар зебоПалина,
Ба диди дигаре дилҷӯ Галина.
Миёни ин ҳама кулли паризод,
Басо бозоргир, Хема Малина.
143.
Тасолу равғанатро дидан аз ман,
Ҳама бемориатро дидан аз ман.
Ба ҷои тонна 3тонн бора бардор,
Ба ДПС палав фармудан аз ман.
144.
Чӣ хуш овозхони моҳир астӣ,
Китоби Сурхро ҳам доир астӣ.
Туро аз ҳусни зебоят шинохтам,
Ту зоти хуби Боботоир астӣ.

https://bikhon.tj/

145.
Ҳазину бемадорам кардӣ, Аллоҳ,
Машаққатҳо Ту борам кардӣ, Аллоҳ.
Савори Рахш будам то ба дирӯз,
Кунун асосаворам кардӣ, Аллоҳ.
146.
Замин кам буд, ки он маҳро гирифтед?
Зи мо кулли чарогаҳро гирифтед.
Куҷо рафтан надонем, мо баранҳо,
Иҷора, гуфтаву раҳро гирифтед.
147.
Хамир бошад, хӯрияш лунда-лунда,
Зи хӯрдан гаштаӣ монанди кунда.
Саводат нест, то хониву фаҳмӣ,
Дубайтии маро, гӯӣ ерунда
148.
Ту дар Маскав ва ё Олмону Мадрид,
Чӣ дар мотам, чӣ дар шодиву дар ид.
Бигӯ, эй момаи Маҳ, дар ту ҷонам,
Ба додоҷони ман чашмат наафтид?!
149.
Раҳораҳ дол Қирғиз месупорӣ,
Магасҳоро анализ месупорӣ.
Дар он шаҳри ғарибӣ хоҳӣ зистан,
Тани гарм дорӣ, ҳар чиз месупорӣ.
150.
Махорон, ҷони ман, ҳар гаҳ забонам,
Расондӣ кордро то устухонам.
Магӯ лох асту чизе ҳам нагӯяд,
Манам сдачи додан метавонам.
151.
Миёни думба дард дорад, азизам,
Ва ҳам пайваста мехорад, азизам.
Табиби ман туӣ-Бузғолабону,
Массажҳои ту мефорад, азизам.
152.

https://bikhon.tj/

Ба даргоҳи ту мардикор шудастем,
Машаққат дида ноҳамвор шудастем.
Ва ҳатто рӯзу шаб мо, хоҳу нохоҳ,
Магасҳои тур одонор шудастем.
153.
Нияту хулқи бад дорӣ, Абама,
Гунаҳ сесад карат дорӣ, Абама.
Нишаста хеш бар як кунҷи дунё,
Ҷаҳонро руливат дорӣ, Абама.
154.
Мапиндораш, ки ӯ гулчидан омад,
Ба гулгаштои Ғарм гардидан омад.
Муродро модар аз ҷиҷӣ чудо кард,
Запасной модарашро дидан омад.
155.
Сари ҷоинамозӣ? Дар дуоӣ?
Ва ё дар даст Қуръон, бо Худоӣ?
Бигӯ, пардоз дорӣ хештанро,
Саногӯи тану ҷонам, куҷоӣ?
156.
На баҳри нафс роҳи бад бигиред
Зада аз ҳамдигар, сарват бигиред.
Сиёҳу зангиву сурху сапедон,
Зи дуи мо ҳама ибрат бигиред.
157.
Чу гӯшти дар палав ҷӯшидаӣ ту,
Эзоратро ки чап пӯшидаӣ ту.
Занатро дида тар кардӣ ба ҷоят,
Магар сесад грамм нӯшидаӣ ту?
158.
Плохо ё хорошо мекунӣ ту,
Чи ороиш ба кошо мекунӣ ту.
Ту баъди соати хаждах хамеша,
Поженемсятамошо мекунӣ ту.
159.
Чи хуш дар рақсу бозӣ, абрувонат,

https://bikhon.tj/

Фақат ҳарфи ширин андар забонат.
Пробаш карда дидам як дусе бор,
Натуральни будас соки лабонат.
160.
Яке ҳушёр ҳасту дигаре маст,
Яке имкони хубро дод аз даст.
Яке гум кард сомону сарашро,
Дар ин бозор додои манам ҳаст.
161.
Ҷаҳидам, гардани додо қапидам,
Нарошно бинии ӯро газидам.
Лабони модарамро бӯса мекард,
Қасоси модарамро ман кашидам.
162.
Нахустин ҳамсари Маҳмадамин аст,
Ба симояш нигар, ранги замин аст.
Наметвонӣ, ки аз қисмат гурезӣ,
Зани сездаҳуми баччам ҳамин аст.
163.
Туро бо меҳрубонӣ я глижу,
Зимистону баҳорон бо ту сижу.
Надонам аз чӣ бошад, Бибихарҷон,
Валекин курраатро ненавижу.
164.
Задам як чашмакиаш, «булҳавас» гуфт,
Қапидан хостам ӯро, «нарас» гуфт.
Убур кардан ҳамехостам, хаташро,
Яке Барбосаша сар доду «фас» гуфт.
165.
Ҳама ризқи худашро чида гаштаст,
Сагам сагбаччаашро дида гаштаст.
Ҳамон майхорагону бомжҳо ҳам,
Намурда, хеста, ғалтида гаштаст.
166.
Муҳаббатҳои ман бо Гулинет аст,
Ба огӯшаш даромад бо билет аст.

https://bikhon.tj/

Наемонад, ки ангушташ расонам,
Ба ишқи мо набера конкурент аст.
167.
Хуҷанд асту балан(д) мегардӣ, эй ёр,
Ба монанди саман(д) мегардӣ, эй ёр.
Ту дар роҳҳои кӯҳистони Меҳан,
Бигӯ, аз рӯи чан(д) мегардӣ, эй ёр?
168.
Ма ёдат кардаям, қаймоқи дастӣ,
Чи хелӣ? Ҳолу авҳоло…хуб астӣ?
Ду солу се маҳу даҳ рӯзи пурра,
Набудам дар барат, ҷоно, прости!
169.
Равам, чои кабудам мекунӣ ту?
Як оши сернахудам мекунӣ ту?
Вагар масти ҷамолат гашта монам,
Бигӯ, ки латтадудам мекунӣ ту?
170.
Хушам ояд, ба додо гуфтани ту,
Ба сӯи оча момо гуфтани ту.
Ту аз ман киву ин кӣ гуфтани ман,
Ба путит карда бобо гуфтани ту.
171.
Биё, бо ман нишин, ман зан надорам,
Талоши духтари Арман надорам.
Магӯ хоҳиш, маро бар рестуран бар,
Ки лични денги дар карман надорам.
172.
Палав пухтан бароямду карат ду,
Қапидан ҳам тавонам, гӯши манту.
Биё, Восточни кухни, як назар кун,
Манам кадбонуи хуб, бехабар, ту.
173.
Ҳама хушҳолиҳоро гуфта падруд,
Ба синну соли нолидан расидем.
Зи даври пойбардорӣ гузашта,

https://bikhon.tj/

Ба даври пойбардорӣ расидем.
174.
Рухи моҳи тамомашро бубинед,
Ниҳолакҳои комашро бубинед.
Ба ин бобо гузошта ном Ширин,
Ширинакҳои номашро бубинед.
175.
Тақлид ба Жан Клод кардӣ, баччам,
Бо завқаат илтифот кардӣ, баччам.
Приёми саду сира ба анҷом додӣ,
Додота обонкрот кардӣ, баччам.
176.
Набардорам дигар ман ин аламро,
Ҳама таҳқри домоди дадамро.
Дигар роҳе надорам, ғайри мурдан,
Таҳи поезд партоям худамро.
177.
Калонӣ шофёри Зилкамаз шуд,
Дигар челонгари машҳури газ шуд.
Ана, ин нозанини ҷони бобо,
Кунам шукри Худо, самбӯсапаз шуд.
178.
Чӣ кампиру чӣ ин гулдухтаронаш,
Ва ҳам ин одати хурду калонаш.
Ҳамин ки, рӯ ба рӯ ойӣ, бидонаш,
Закурит дай, умре дар забонаш.
179.
Гоҳо, ки хандон мешавам,
Гоҳо, ки гирён мешавам.
Ба амри Ҳак, ман соҳиби
Сидута дандон мешавам.
180.
Ҷиқид ӯ яксаду чил педалашро,
Гирифт аз қаҳрамонӣ медалашро.
Назар бинмо ба ҳоли марди майдон,
Иваз дорад тамоми деталашро.

https://bikhon.tj/

181.
Ман ин зебоии чашмоша садқа,
Мушакҳои аҷиби поша садқа.
Ба чӣ фикру ба чӣ андешаҳоест,
Капустазодаи бобоша садқа.
182.
Туро ёдат намудам, хун гиристам,
Дубайтии заказнойят навистам.
Нишони хонаатро кун ишора,
Ки ман точно ба адресат фиристам.
183.
Зи дурӣ дидаям ман ранги пулро,
Чӣ беше ҳиллаву найранги пулро.
Мабодое агар вохӯрда монам,
Ба осмон мебарорам чанги пулро.
184.
Ту қанду шаккаринӣ, эй гули ман,
Ту мушку анбаринӣ, эй гули ман.
Кулула, майдаҳак, зебову дилкаш,
Мароккомандаринӣ, эй гули ман.
185.
Намедонам, ки ман кистам, дубайтӣ?
Ба ту будам, ба ту зистам, дубайтӣ.
Миёни аҳли байтат, ҷони ширин,
Туро гуфтан тавонистам, дубайтӣ.
186.
Арӯси аввалинам гулбадан буд,
Гули пероҳанаш мисли чаман буд.
Набуд аз зотҳои кӯзагардан,
Ба қад пасту широкоэкран буд.
187.
Бар гандуми нопухта дарав андохтӣ,
Ту нони сафеда назди гав андохтӣ.
Ношукрии бешумор кардӣ имсол,
Оча, ба дили додо алав андохтӣ.
188.

https://bikhon.tj/

Ба зудӣ пахтаро аз гӯшакот гир.
Магӯ, ширхора ҳоло Абдукодир.
Надидӣ, мӯи лабҳояш дамида?
Занак, хос(т)горӣ мерем, бачча зангир.
189.
Ҳамон рӯзе туро бо ёрӣ хондам,
Туро аз доми дигарҳо раҳондам.
Надонистам, фиребам мекунӣ ту,
Грубейший ошибка карда мондам.
190.
Аз дози баланди бӯса махмур манам.
Як лаҳза зи дарёи алам дур манам.
Бар Ҳазрати Ишқи ту қасам кардам ёд,
Лабро зи лаби ту гар канам, кӯр манам.
191.
Ма қурбонат шавам, абрӯхамида,
Чӣ хушҳоле шудам аз ин падида.
Писар, ё ин ки духтар, шукри Аллоҳ,
Животат андаке боло дамида.
192.
Хӯрокатро ба боре кам накардам,
Саратро назди мардум хам накардам.
Ҳазору сад насиҳат додам, аммо,
Туи осёлро одам накардам.
193.
Тағриба гирам гар, ба Худо соз мешам,
Чун очаи худ фермери колхоз мешам.
Ин ақла ба ҷои хеш кор фармоям,
Ман соҳиби давлату пасандоз мешам.
194.
Ду моҳаст доли Каргасро надодам,
Пули обу пули газро надодам.
Чӣ мегӯӣ, ки ғайрат кардам имсол.
Просентои сад касро надодам.
195.
Туро зан медиҳам, гуфтам ба дедам,

https://bikhon.tj/

Маро кард дар ҷавоб сурху сапедам.
Кирои доданотон гуфт, баччам,
Ба ман зан не, ба ман духтар диҳедам.
196.
Падар аз ҷаҳли худ андак фароед,
Наҷӯед дурӣ аз мо, бо худ оед.
Блок-тон мондагӣ не, то ба ин дам,
Ба сайти модарам кам-кам дароед.
197.
Ба ҷорӯб мезанад Боббӣ, бародар,
Мурам аз ҷабри Холбибӣ, бародар.
Ба сони элакам аз дасти инҳо,
Надорам рӯзи офтобӣ, бародар.
198.
Расидӣ, хизмати хуб кун, азизам,
Бароям часто мактуб кун, азизам.
Салага гуфта гар номат бигиранд,
Ту дедора лағаткӯб кун, азизам.
199.
На ободӣ туро дар дохилат ҳаст,
Маризиҳои беҳад дар дилат ҳаст.
Гирифтори шикасти бешуморӣ,
Чаро, ки шавҳари ноқобилат ҳаст.
200.
Туро модар агарчи хушзабон аст,
Падар дар деҳа як кори калон аст.
Агар Путин биёяд хостгорӣ,
Намешам розӣ, обёмат калон аст.
201.
Ту медонӣ, ки ман марди муҷоҳид,
Маро афғонӣ гӯяд Ҳоҷивоҳид.
Ба дастам афтӣ гар, авлоди Шӯро,
Пачақ бинмоямат, Аллоҳ шоҳид.
202.
Патакреша ва тирреша ба ҳам дӯст,
Ба ҳам оила мешем, моҳи август.

https://bikhon.tj/

Ниято нек бошад чӯра, аммо,
Чӣ мегӯӣ, каме буҷетамон суст.
203.
Маро бо ин занак, бо ин муросо,
Назарбой асбу қамчин ҳадя мекард.
Брежнев дар съезди бистуандум,
Пулу ордени Ленин ҳадя мекард.
204.
Агарчанде, ки ту ҳамсони говӣ,
Димоғе дорӣ болову самовӣ.
Вале як чизи ту ояд писандам,
Калонӣ хоҳарат хеле клёвӣ.
205.
Ту аз зоти ҳамон гови лағатзан,
Хӯрокаш буд чаву қӯноқу арзан.
Зада бо пои чаппат косаи шир,
Прикол карда мегӯӣ: Натарсан?
206.
Гумон кардам, ки ҳастӣ моли тоза,
Намегирӣ ту чизе бе иҷоза.
Ҳамин, ки ёбӣ аз ҷайбам ду танга,
Ҳамоно медавӣ сӯи мағоза.
207.
Писарҷони дадо, ҳастӣ занакбоз,
Занӣ инро, занӣ онро, кунӣ соз.
Зи Некси дилхунук гаштӣ, диҳӣ сар,
Ба ИЖи бева ҳамсар мешавӣ боз.
208.
Бибиҳалатона кору бораш маишат,
Ту, гӯӣ, ба се акаш жалоб навишад.
Аз хонаву аз дару замину бобом,
Тарсам, ки кунад кулли правома лишат.
209.
Ба мо кам буд, ки ин нозу арозаш,
Ва оро додани мӯи дарозаш.
Баҳор омад, ба вақти кишту дона,

https://bikhon.tj/

Гирифт ӯ белу қапид хандрозаш.
110.
Туро гирам агар, ҳушёр созам,
Дуруштиҳотро ҳамвор созам.
Агар сарпечӣ кардӣ, дон ки ҳар дам,
Гапи додомро такрор созам.
211.
Рафтӣ ту зи ман, ба дасти нопок афтӣ,
Бар ҳалқаи доми марди «беток» афтӣ.
Бо майзадаҳо равӣ, шавӣ ҳамсоғар,
Дар папкачаи чёрни список афтӣ.
212.
Ман уччак то саҳар шиштам паси бом,
Ҷудо кардан натонам пома аз пом.
Надорӣ майли вохӯрдан чу бо ман,
Какого чёрта додӣ ваъдаи хом?
213.
Пари мурғи Ҳилоламро шикастӣ,
Дари Бобои Холамро шикастӣ.
Худо хайрат диҳад, бо «Боксёрит»,
Кати болои поламро шикастӣ.
214.
Гаву гӯсола бар савдо гузошта,
Тамоми хона бар ғавғо гузошта.
Ҳаромӣ не, ҳама мероси додо,
Ту по бардоштӣ, ӯ по гузошта.
215.
Хоҳари хурдии Маҳмуд ту астӣ,
Ва моми Равшану Чамшуд ту астӣ.
Нарафтам ҷустуҷӯи Зита Гита,
Мадам Гандии ман худ ту астӣ.
216.
Ба қадре лакка хурду шир нӯшид,
Чу модар алла гуфтам, чашм пӯшид.
Сари дастам гирифтам бо навозиш,
Азизон, ҷим! Дар хоб аст Хуршид.

https://bikhon.tj/

217.
Ту, дӯғи чаккаи гови Красний,
Ту мисли ҷиҷии очам класний.
Дилам бечо, каме мемакамат ман,
Агарчанде, ки истодӣ опасний.
218.
Ту гимни ҷанг бинвозӣ ба сурнай,
Ба оҳанги ту таблак менавозам.
Навозӣ гар маро бо хорҷорӯб,
Туро бо мушту калтак менавозам.
219.
Сабил монад ду говат аз сарат, кош,
Дуи афришта аз китфат парад, кош.
Зани нават зани мардум бигардад,
Зани қонуниятро дуз(д) барад, кош.
120.
Бихар ашёи фарфору сафолин,
Зи Қайроқум биёвар чанд қолин.
Шароитҳои дигар кун фароҳам.
Паси он бо ту монам сар ба болин.
221.
Намегӯям, ки худро дар бало зан,
Ба ҳар бинанда ҳарфи носазо зан.
Дар ин дуроҳа гумроҳе набошӣ,
Қатори мардумон рав, дасту по зан.
222.
Сапедӣ рӯ зада то мӯи қошо,
На даркори вазир астӣ, на пошшо.
Ба келин чои талх фармо, бародар,
Бизан паҳлуву мултик кун тамошо.
223.
Ту мошини умедатро назад деҳ,
Гирифтӣ он чиро бо рӯйхат деҳ.
Ба он ҳадде пушаймонам зи ишқат,
Тамоми туҳфаҳоро возврат деҳ.
224.

https://bikhon.tj/

Ту гаҳ аз ону ман аз ин шикоят,
Ту аз дину ман аз бедин шикоят.
Ту аз хулқи бади додоарӯсат,
Ман аз нозидани келин шикоят.
225.
Аҷаб шоме, ки шоми шодиям буд,
Шаби аз ғуссаҳо озодиям буд.
Ба кохи нарму гарми синаи ту,
Чӣ зебо маҳфили эҷодиям буд.
226.
Замини синаамро бар иҷора,
Гирифтиву чӣ кардӣ, Моҳпора?
Начида ҳосили боғи пур аз меҳр,
Ту дони дарду ғам киштӣ дубора.
227.
Ба пеши пои Мерседесу Кия,
Намехоҳам занам боре ба зону.
Через Муллогаи фардо туро ман,
Кунам бо худ никоҳат,Ладабону.
228.
Гапи беҳударо кам кун, азизам,
Даратро сахт маҳкам кун, азизам.
Таҳандози бухорӣ паҳн бинмой,
Шароитро фароҳам кун, азизам.
229.
Ба ҳавлирӯбӣ сустӣ, наварӯсак,
Ба гап хеле дурустӣ, наварӯсак.
Бигӯ, дар хонаи додо ту боре,
Магар чизе нашустӣ, наварӯсак?
130.
Аҷал, почома почоша чӣ кардӣ?
Ту ӯ Холмаҳмади Қоша чӣ кардӣ?
Чӣ кардӣ бо зани Бобои Мирак?
Раҳими Калли наққоша чӣ кардӣ?
231.
Фақат як лаҳза будӣ меҳмонам,

https://bikhon.tj/

Сироят кард дарди ту ба ҷонам.
Гулӯҳо баставу ҳастам миёндард,
Чӣ сон руймолчаро аз бинӣ гирам?
232.
Сагамро кач, харамро ланг гӯӣ,
Ҳазорон пушти манро нанг гӯӣ.
Маро ҳоло надорӣ чашми дидан,
Зи баъди рафтанам аттанг гӯӣ.
233.
Зи майнӯшӣ Валера пушти дар хуфт,
Чӣ бигзашт аз ҷаҳон ӯ бехабар хуфт.
Дар ин хилватгаҳи шоми ғанимат,
Наташа бо саги худ бар ба бар хуфт.
234.
Сабо анҷир мехоҳад, пулам нест,
Нигора шир мехоҳад, пулам нест.
Баланси доллару сомонӣ ноҷост,
Дилам кампир мехоҳад, пулам нест.
235.
Дубайтиро ба роддом бурда мондам,
Қариби рафтани шом бурда мондам.
Ба навбатдори бегоҳи муборак,
Ба дасти шавқу илҳом бурда мондам.
236.
Мӯҳои сари оча сафед аст, додо,
Рангаш чу хазони барги бед аст, додо.
Аз буду набуди худ надодӣ дараке,
Бар омадани ту боумед аст, додо.
237.
Биё, расходи раҳро медиҳам ман.
Ба қалби ту фараҳро медиҳам ман.
Агар меойӣ бо асбу ароба,
Ба асбат ему каҳро медихам ман.
238.
Шудастӣ марди пир гӯяд гули ман,
Ба ту дандони шир гӯяд гули ман.

https://bikhon.tj/

Хаму болоравит мушкил нагардад,
Прастой тачка гир гӯяд гули ман.
239.
Ду ҳафта пештар мегуфтӣ, мешуд,
Ба СМС хабар мегуфтӣ, мешуд.
Маро бо Қозибобо нон шикастанд,
Ту ҳеҷ не, ин саҳар мегуфтӣ, мешуд.
140.
Зан агар обе намешуд, тафс мекардем мо,
Ман надонам, пас киҳоро васф мекардем мо?
Зан агар моро накардӣ ҷалб сӯи хештан,
Сӯи кӣ, мардум, талоши нафс мекардем мо?
241.
Ба як зарҳалқагӯши курташоҳӣ,
Бирафтам бегаҳӣ ишкори моҳӣ.
Сабил монад ҳамин тилфуни самсунг,
Зи шеф огоҳӣ бигрифтам пагоҳӣ.
242.
Туро гоҳо касал дидам, дубайтӣ,
Дурушту ҳам дағал дидам, дубайтӣ.
Туро аз баъди дармонёфтанат боз,
Қатори сад ғазал дидам, дубайтӣ.
243.
Ба рустӣ аз Гулу Мирзоназар гуфт,
Ба гӯшам хоҳарак як хушхабар гуфт:
Надорам ман дигар парвои додо,
Сарамро очаҷонам мекунад ҷуфт.
244.
Фаро аз боми мо, шӯху балоча,
Ки дар як дам шавӣ ту калтапоча.
Худо нокарда бар чашмаш биафтӣ,
Ҳамон дам меканад қабри ту оча.
245.
Чаро бинӣ ба бинӣ карда шиштӣ?
Суруди баччагона хонда шиштӣ?
Гумон дорӣ, ки ҳоло кӯдакам ман?

https://bikhon.tj/

Чаро кайфи маро парронда шиштӣ?
246.
Зи пода пештар ту мекунӣ чанг,
Раҳи умеди моро мекунӣ танг.
Муросо бо ту кардан сахту вазнин,
Зиёда аз дусадто дорӣ найранг.
247.
Ба хоби ноз рафт оҳуву сайгак,
Саги шубонҳо танҳо ба ак-ак.
Маро дар интизорӣ мекушӣ ту.
Куҷоӣ? Соатам шуд даҳта кам як.
248.
Ба шаҳр ойӣ, ба саҳро мегурезам,
Ба ҷӯ ойӣ, ба дарё мегурезам.
Ман он дидори сардатро, бародар,
Набинам гуфта, ҳар ҷо мегурезам.
249.
Мадоре нест андар дасту поям,
Намудор аст кулли шонаҳоям.
Ба ҷои шир ҷонамро гирифтӣ,
Шудам шармандаи ҳамсояҳоям.
150.
Ба додои ту подход мекунам, гул,
Барои очат авқот мекунам, гул.
Круглосутка авлоди ту бар дар,
Ба ту кай ман мулоқот мекунам, гул.
251.
Намехоҳам, ки дигар сода бошам,
Ба ишқи кудакӣ афтода бошам.
Чу бобо машқ дорам, машқи мардӣ,
Ки то бар зиндагӣ омода бошам.
252.
Харобизор шуд, майдони кишта,
Худ аз худ сӯз дорам шишта-шишта.
Худо террор созад он касеро,
Ба олам матни ин ҷангро навишта.

https://bikhon.tj/

253.
Шумораш нест чандин хонаҳо сӯхт,
Пару боли ҳама парвонаҳо сӯхт.
Ба ҳангоме тани ту шуд тани ман,
Дарун-берун тани бегонаҳо сӯхт.
254.
Самои дидаашро шабнамаш кам,
Ва ҳусни рӯи ӯро балзамаш кам.
Ба зӯрӣ мегирад раҳ ҳар кучое,
Колесоҳои пиронро дамаш кам.
255.
Якеаш панди Исоро гирифта,
Дари дайру калисоро гирифта.
Қадаҳбардориҳову занзаниҳо,
Магар таълими русоро гирифта?!
256.
Ақида мардумиро ранг-ранг аст,
Чаро ҳар баҳси мо охирба ҷанг аст?
Зи чӣ дар пояи илму адаб не,
Ҷаҳонбинии мо шояд ки танг аст?!
257.
Дурӯғро обрӯ резонданиям,
Ҳақиқатро ба ӯ тезонданиям.
Ба зидди норасоиҳои даврон,
Дубайтиро ба по хезонданиям.
258.
Яке пул ёфту Боғи Ирам рафт,
Яке 100-га заминро мангирам рафт
Яке омад Рассия гашта-гашта,
Азоби хар кашид, бе як дирам рафт.
259.
Зулмам кардӣ монанди ҳайвон, мардак,
Партофтӣ мана аз тори айвон, мардак.
Акнун, ки расида осиё навбати ман,
Битвонӣ агар, калима гардон, мардак!
160.

https://bikhon.tj/

Ҳиҷоҳоро ба ҳам пайваста кардам,
Радифу вазнро пайваста кардам.
Ба он хотир, ки ту солим бароӣ,
Диламро зиқ, сарамро хаста кардам.

261.

На ман маддоҳи дарборам, бародар,
На ман бар деҳа сардорам, бародар.
Зи боби шоирӣ асло мапурсам,
Ба ҳайси як ҳаваскорам, бародар.

262.

Ба болову ва ҳам бар таг кашидан,
Азоберо мисоли саг кашидан.
Ману кампири очат, ҳарду ором,
Туро мероси кӣ хуррок кашидан?

263.

Сари дегу табоқу коса имрӯз,
Аҷоиб ҷумбуҷул дорад гули ман.
Барои як намуди пухтани ош,
Ҳазору як усул дорад гули ман.

264.

Дар ин ҷо дузду ғарро мешиносем,
Ҷаҳони шӯру шарро мешиносем.
Кӣ ҳастему чӣ ҳастему чӣ хоҳем,
Ҳама мо якдигарро мешиносем.

265.

Чу хуршеди саҳар тобанда додо,
Зи ҳарҷо ризқи худ ёбанда додо.
Диҳад моҳона, аз ӯ беҳтаре нест,
Насиҳат гар намояд, ганда додо.

266.

На ман туту на ман бед гуфтаниям,
Туро монанди хуршед гуфтаниям.
Зи бас вақти заданҳоям гузашта,
Ба гӯшат якта секрет гуфтаниям.

267.

Ба хун пайвастаанд дарёи моро,

https://bikhon.tj/

Ба оташ додаанд саҳрои моро.
Через ИГИЛ, через Обому Путин,
Қиёмат мезанад дарҳои моро.
268.
Агарчи хӯрдаам зарби ду муштат,
Ва ҳам бар замми гуфтори дуруштат.
Табобат то биёбад хандрозат,
Биё, як каф асал молам ба пуштат.
269.
Дубайтии хушу нобат навиштам,
Ба мазмуну ба одобат навиштам.
Ту чун нафси маро қонеъ накардӣ,
Саҳар бархеста жалобат навиштам.
170.
Яке ишкори ҳайвон мебарояд,
Яке ман гуфта майдон мебарояд.
Хушо бар ҳоли оне, ки дар ин субҳ,
Зи доми макри шайтон мебарояд.
271.
Ба шоме бар дари Холида рафтам,
Саломам доду ман болида рафтам.
Накардам ҷуръати як бӯса кардан,
Сари сагбаччаша молида рафтам.
272.
Ҳамедонам, ки ҷавин нони мол аст,
Ва ҳам аз зодаи поку ҳалол аст.
Бароям як муаммо шуд, ҳамонаш,
Чаро дар таркиби ӯ алкагол аст?
273.
Насиҳат дод фарзандаш ба додо,
Ба панҷо мерасӣ, андак ба худ о.
Ту ин саҳфу хатоҳои куҳанро
Ба соли нав макӯчонӣ, мабодо!
274.
Ба дӯшат бор додем, соли рафта,
Ғами саршор додем, соли рафта.

https://bikhon.tj/

Туро мо ҷумла инсонҳои бадбахт,
Басо озор додем, соли рафта.
275.
Уту кард майкаву поҷомаҳома,
Чӣ шояд ёд кард афсонаҳома?
Занак аз баъди се рӯзи арозаш,
Биёмад, боз молид шонаҳома.
276.
На бешу кам ба як рӯзу ба як дам,
12-маҳ ҳаёте дорӣ, эй сол.
Ту аз рӯзи азал то давраи мо,
Ба ин гӯё квоте дорӣ, эй сол.
277.
Чӣ инсӣ, ҷинсӣ, мегӯӣ? Ту кистӣ?
Сари мардум балоҳо мефиристӣ.
Шуда ними мусалмон хонавайрон,
Нишони аввали антихиристӣ.
278.
Агар ноқобил астӣ, бачча, тан гир,
Насиҳатҳои талху тунди ман гир.
Ба таърифи дурӯғинат мапардоз,
Содержат карда тонӣ, сета зан гир.
279.
На аз ту кам шудан мехоҳам имрӯз,
Туро ҳамдам шудан мехоҳам имрӯз.
Чу дидам ин замона меравад пеш,
Манам Одам шудан мехоҳам имрӯз.
180.
Ба умеде ба мо нон мешавад боз,
Барои осиё дон мешавад боз.
Ба пои Ҳазрати Бобои Барфӣ,
Миллиард арча қурбон мешавад боз.
281.
Сари кор мешавад Бобои Барфӣ,
Ба мо ёр мешавад Бобои Барфӣ.
Ба ашъори тари ман тибқи ваъда,

https://bikhon.tj/

Спонсор мешавад Бобои Барфӣ.
282.
Ба якум сорт дорад мобилат, гул,
Дуто симкорт дорад мобилат, гул.
Аз ин боло крутояш намешад,
Ба худ экпорт дорад мобилат, гул.
283.
Гумон кардам, сафина ронда гаштӣ,
Ва ё, ки соҳиби даҳ хона гаштӣ.
Ба сони моҳиҳои нимгурусна,
Ту дар баҳри кредит монда гаштӣ?
284.
Ҳамеша дарди шӯ мегӯӣ, духтар,
Наояд, согришу мегӯӣ, духтар.
Ба шӯхӣ шӯят омад гуфта монам,
Ҳамоно аппишу мегӯӣ, духтар.
285.
Шарики бой нестам, эй бародар,
Туро ҳампой нестам, эй бародар.
Манам ҳам ақл дорам, ҳуш дорам,
Сто восмой нестам, эй бародар.
286.
Душанбе рафтӣ, дӯстам, боб гардӣ,
Ба зери оташи офтоб гардӣ.
Маҷоли бозгардият намонад,
Ҳамон ҷо монда, он ҷо об гардӣ.
287.
Дехқонӣ намуда кишту дон кард оча,
Умри худа баҳри мо хазон кард оча.
Ҳам модару ҳам падар бишуд то охир,
Даҳ чуҷара бе додо калон кард оча.
288.
Сари ҷаҳл гуфтамат гапҳои носоз,
Намудам сарзаниш гоҳе ба овоз.
Фақат як илтимосат дорам, эй ҷон,
Маро бо модарат маймун наандоз.

https://bikhon.tj/

289.
Набуд рӯзона моро вақти гуфтан,
Ба поискат бароям айни хуфтан.
Тасаллои дилам, то рӯзи дигар,
Ба оғӯшат гирам пеш аз нуҳуфтан.
290.
Сароғози сухан прикол кардем,
Нашастему ҳузури сол кардем.
Бигуфтем ҳачвҳои ранга-ранга,
Убайдулло Рачабро нол кардем.
291.
Бисоти хона расходат намудам,
Ҳазору якта падходат намудам.
Саду чил сантиметр рост доштӣ,
Бигуфтам сарву бас шодат намудам.
292.
Худро ба паси мазор кардӣ, устод,
Бо худ ту Худора ёр кардӣ, устод.
Аз дарди ғарибӣ мемирам, гуфта будам,
Як дарди мана ҳазор кардӣ, устод.
293.

Дар санги мазори Мирзои Мавлон

Чаро бемор шуд Мирзои Мавлон?
Ҷаҳонам тор шуд, Мирзои Мавлон.
Варо ҳамту набурд Аллоҳи Акбар,
Ба ӯ даркор шуд Мирзо Мавлон.
294.
Тамоми Росровут мотам имрӯз,
Барои рафтани устодам имрӯз.
Гирифта тобути Мирзо ба шона,
Ҳама мегуфт, «ҳайфи одам» имрӯз.
295.
Қабул доред, ҳар онеро навистам,
Тариқи ҳадя, ройгон мефиристам.
Миёни шоирони навбаромад,
Бигуфтиям, ако, ман пофигистам.

https://bikhon.tj/

296.
Гумон кардам, хушу олуфта гуфтӣ,
Мисоли хонаи норуфта гуфтӣ.
Хасу хошокро ҷо кардӣ дар шеър,
Ҳар оне гуфтӣ, хому туфта гуфтӣ.
297.
Чи хуш номи Худоро мегирам ман,
Зи модарҷон дуоро мегирам ман.
Барои рост кардан қомати шеър,
Гапи чанде шуморо мегирам ман.
298.
Барахлит кардаӣ чун кӯҳнамотор,
Забонатро на ман фаҳмам, на тотор.
Ту ноҷо мекунӣ чиқчиқ ба ҳар ҷо,
Зи Одам нестӣ, аз инкубатор.
299.
Назар кардам, ки ҳам шоир шудастӣ,
Занак, угропази моҳир шудастӣ.
Туро дар дафтари Гинес диҳам ҷой,
Ту як таппакзани нодир шудастӣ.
300.
Бароят шеър, заҳмат мекашам ман,
Азоби сахт беҳад мекашам ман.
Набигзорӣ қадам як реҷа берун,
Пасопеши ту сарҳад мекашам ман.
301.
На найранге ба кор оварда будӣ,
На нафъе баҳри ёр оварда будӣ.
На борро назди хар кардӣ муҳайё,
На харро пеши бор оварда будӣ.
302.
Чи боке соли ӯ болои панҷо,
Зани пурқуввату солиму барҷо.
Таваллудхонаро оро диҳедаш,
Гули ман меравад ҳоло ба он ҷо.
303.

https://bikhon.tj/

Ҷавоне толибилми сеюмин курс,
Асои дасти ӯ аз навдаи бурс.
Ту кистӣ, гуфт, ӯ ин ҷо чӣ кора?
Бигуфтам, рав, маро аз модарат пурс.
304.
Ту мерафтӣ ба леви дар ҷавонит,
Маро хуб мезадӣ бо мушту зонит.
Гирифта ман кунун аз банди ришат,
Кунун хуб кӯбамат дар нотавонит.
305.
Шабона як тараддуд мекунам, гул,
Характери ту аз худ мекунам, гул.
Марав пеши касе, ҳоло ҳамин ҷо,
Худам кори туро буд мекунам, гул.
306.
Кровь из нос омад, гуфта мондам,
Ба ту ихлос омад, гуфта мондам.
Нахустин мисраро аз баъди эҷод,
Чи байти мос омад, гуфта мондам.
307.
Магӯ, эй дӯсти ман, аблава гум шуд,
Мисибусси баромад, Ява гум шуд.
Гулу гулбуттаи Натто нумӯ кард,
Фақат Шартномаи Варшава гум шуд.
308.
Ба ман камтар суол кун, ҷони додо,
Ба худ се-чорта мол кун, ҷони додо.
Дар ин беҳудагардӣ ҳосилаш нест,
Бирав, кори ҳалол кун, ҷони додо.
309.
Ширинӣ, чун мавизӣ, дар ниҳоят,
Асал назди ту бошад дар хиҷолат.
Барам лабро, ҳамоно мешавам об,
Ту аз полоки харбузҳоӣ, шояд.
310.
Паси дар рӯза шаб кардам, куҷоӣ?

https://bikhon.tj/

Ва росто як ғанаб кардам, куҷоӣ?
Чӣ бад мешад, чӣ хуб мешад, азизам,
Ҳама ҷоро ваҷаб кардам, куҷоӣ?
311.
Сари дастам укочашро гирифтам,
Ва акси ӯву зочашро гирифтам.
Бидидам, кам-камак ӯ рафта аз худ,
Алови чашми очашро гирифтам.
312.
Гузашта даврахоро ёд кардам,
Зи худ хушгӯиҳо эҷод кардам.
Бароям Тоҷикистон дурӣ бинмуд,
Каме атрофиёнро шод кардам.
313.
Нагӯям боданӯшӣ, ҷони додо,
Ва ё пурҷангуҷӯшӣ, ҷони додо.
Ба сад мегириву даҳ мефурӯшӣ,
Аҷаб мошинфурӯшӣ, ҷони додо.
314.
Сароидиву обам кардӣ, эй дӯст,
Ба хондан масти хобам кардӣ, эй дӯст.
Чиҳо гуфтӣ, ҳисоботам бидодӣ,
Ту медонӣ? Қимобам кардӣ, эй дӯст.
315.
Шуморо муждаи тар доданиям,
Рубоиро ба дафтар доданиям.
Намуда бо ғазал худ хонадорӣ,
Дубайтиҳома шавҳар доданиям.
316.
Бубин, ман риш мондам, ҷони ширин,
Худи дарвеш мондам, ҷони ширин.
Ҳамин мероси сад пушти гузашта,
Ба насли хеш мондам, ҷони ширин.
317.
Биёӣ, ҳиндучоят мекунам ман,
Ба меҳмонхона ҷоят мекунам ман.

https://bikhon.tj/

Ба чашми дигарон то барнаафтӣ,
Ба чашми чап имоят мекунам ман.
318.
Макун умре ҳузури ҷон, азизам,
Зи гӯшти барраи бирён, азизам.
Махӯр ширинихои навъи тортӣ,
Фигуратро макун вайрон, азизам.
319.
Бароям рӯзу шаб хат мекунӣ ту,
Ту донӣ, бо чӣ мақсад мекунӣ ту.
Нишаста, ханда карда, ноз карда,
Ба ин гӯши маро қат мекунӣ ту.
320.
Ба асби ҷахли худ поро нагардон,
Ба ҷӯи майда дарёро нагардон.
Магӯ додои ман ин асту он аст,
Биё, ихлоси додоро нагардон.
321.
Ҳама асрори худро фош кардам,
Намедонам, ки побарҷош кардам?
Маро каж офарид, ё ин ки барҷо,
Таваккал бар худи Наққош кардам.
322.
Ба ту Бендер халал шуд, тоҷики ман,
Сар аз андеша кал шуд, тоҷики ман.
Мисоли Тоҷикистони азизат,
Рассия камбағал шуд, тоҷики ман.
323.
Равуои туро кам мекунам ман,
Даруни хона маҳкам мекунам ман.
Гирифта рухсатӣ аз ҷои корам,
Туро ин ҳафта Одам мекунам ман
324.
На рӯ бар сӯи хона мекунӣ ту,
Ба ҳар раҳ, ҳар баҳона мекунӣ ту.
Муҷррад мебудӣ, гапи дигар буд,

https://bikhon.tj/

Чӣ гуна тухму дона мекунӣ ту?
325.
Биё, оши паловат пухтаниям,
На аз моли харобат пухтаниям.
Гирифта думбаи меши ҳисорӣ,
Зи гӯшти пои говат пухтаниям.
326.
Ман ёди рухи Луиза кардам, додо,
Бо воситачӣ ариза кардам, додо.
Рафтам ба фурӯдгоҳи Душанбе имрӯз,
Туркистонба ду виза кардам, додо.
327.
Спонсорат шавам, хуб гӯ, азизам,
Тарафдорат шавам, хуб гӯ, азизам.
Ва запчастат шавам, гир дар бағочат,
Ма даркорат шавам, хуб гӯ, азизам.
328.
Чарб кардаву тахтапушташа мемолам,
Пешобағали дурушташа мемолам.
То бар сари ман маҳин фарояд, мушташ,
Равған карда ду мушташа мемолам.
329.
Бароям бӯса аз лабҳои тар деҳ,
Аз он лабҳои ширин чун шакар деҳ.
Кунам гар бевафоӣ нисбати ту,
Ба ташкилоти болоӣ хабар деҳ.
330.
Маризе даст бар дору занад боз,
Ва зоғе нӯли худ бар гӯ занад боз.
Барои ҷамъ намудан рӯзиашро,
Заминро тухми одам рӯ занад боз
331.
Зани шӯҳу балочашро навозад,
Ва танпӯши алочашро навозад.
Ҳамин, ки дар ғазаб шуд, шӯи бадбахт,
Рӯҳи додову очашро навозад.

https://bikhon.tj/

332.
Зада соат ба ду рафту ту нестӣ,
Занат бар пурсуҷӯ рафту ту нестӣ.
Дилаш аз ғояти рашку ҳасадҳо,
Ба ҷариҳо фурӯ рафту ту нестӣ.
333.
Ману ту дар дили мавҷи ҳавоем,
Вале дар асл ҳарду камнамоем.
Ба гӯшӣ сирри моро фош карданд,
Тариқи родиоят бо ҳам оем.
334.
Ба ҷо шуд шайтанат бар ҷони одам,
Гусаст аз ҳамдигар паймони одам.
Худовандо, ато кун аз сари нав,
Муросо байни фарзандони Одам.
335.
Ба боре ҳам маро кино набурдӣ,
Ба осорхонаи Сино набурдӣ.
Мусалмони ҳақиқӣ ҳам шудастам,
Маро ҳамроҳи худ Мино набурдӣ.
336.
Туро тарзи хусусӣ медиҳам ёд,
Забони ноби русӣ медиҳам ёд.
Гирифта дафтари машқи мусиқӣ,
Суруди Гуси-гуси медиҳам ёд.
337.
Азон додам, намозамро бихондам,
Зи гирду беша шайтонро бирондам.
Ба атрофам фаришта то занад бол,
Дару дарвозаҳоро боз мондам.
338.
Саги ҳамсояро Саличка номаш,
Хӯрондам солҳое гӯшти хомаш.
Газид аз банди поям охири дам,
Таоми додаам бодо ҳаромаш.
339.

https://bikhon.tj/

Агар дар бистунӯҳ ақлаш наомад,
Занаш аз ӯ зарар диду камомад.
Диагностик баредаш, ҳаддалимкон,
Ба ин мардак баҳо деҳ, носаломат.
340.
Таҳи чодар ба ту додам ҳавома,
Сияҳ кардӣ, занак, пешу қафома.
Таҳи чорӯб мондам охири кор,
Ба дарди худ худам сӯзам, балома.
341.
Фуки Дуллорако болобаланд аст,
Азоби холаи Рубль дучанд аст.
Дар ин гармо, дар ин радду бадалҳо
Ҳароратҳои Сомонӣ ба чанд аст?
342.
Намегӯям, ба дигар обу нон деҳ,
Зи пушти мурғу чурғат ҳар замон деҳ.
Зи худ рафта саги беобрӯят,
Бирав! Ойхолаашро як нишон деҳ.
343.
Нишони обу хокатро нагуфтӣ,
Сифатҳои хӯрокатро нагуфтӣ.
Хӯрам, ё на? Аз он худдорӣ дорам,
Гарантийни срокатро нагуфтӣ.
344.
Ман ин чӯро ба дарё мерасонам,
Ба хатти кӯлу дарё мерасонам.
Муҳаббатҳои дар дил будаамро
Худо хоҳад, ба Лайло мерасонам.
345.
Димоғи гурбаи русӣ баланд аст,
Хӯрокаш шарбату ҳалвову қанд аст.
Фақат танҳо барои бозӣ кардан,
Ду чашмаш бар дари мушхона банд аст.
346.
Расонда мӯйлабро то баногӯш,

https://bikhon.tj/

Чунонам Кити Кеташ карда мадҳуш.
Нухуфта рӯи роҳаткурсӣ ҳоло,
Намедонад, чӣ махлуқ аст ин муш.
347.
Зи ашки момаам, додо, гурезӣ,
Зи Додономаам, додо, гурезӣ.
Ҷавоби ҳаву не аз омадад гӯй,
Чӣ аз торномаам, додо, гурезӣ?!
348.
Ба ҳар ҷо дида-дида пота бигзор,
Пули даҳсолаҳо пайдодта бигзор,
Маро ё мегирӣ, ё мемирӣ ту,
Ба зудӣ гир қалам, имзота бигзор.
349.
Зи ман пасрафтанат, ин носипосӣ,
Бигӯям ин чӣ корат? Чо кадосӣ?
Ду тират мезанам, имзо намонӣ,
Ба осонӣ намеёбӣ халосӣ.
350.
Ба сар дорӣ агарчи ҳуш, духтар,
Ту панди мо бигир бар гуш, духтар.
Марав чун аврупоӣ нимбараҳна,
Намозшоматласатро пӯш, духтар.
351.
Ҳама қонуни худ дигар намудем,
Паролу чипҳо бар дар намудем.
Ҳама тарсу шудем аз сояи худ,
Миёни хона хушку тар намудем.
352.
Хабар омад, ки бобоям гузашта,
Ва як ҳамсояи боям гузашта.
Худо раҳмат кунад бигзаштаҳоро
Амакпочои додоям гузашта.
353.
Саҳар то шом бай-бай мекунем мо,
Нияти Сочу Мумбай мекунем мо.

https://bikhon.tj/

Сари шатранҷ меншинем шабу рӯз,
Бигӯ, кори Худо кай мекунем мо?!
354.
Биё, автомобилат мехарам, гул,
Намуди хуби Килат мехарам, гул.
Ба Сомонбанк мерам, мегирам қарз,
Запорожи сабилат мехарам, гул.
355.
Мусалмонам! Ба имону ба динам,
Ба рафтори накӯ болонишинам.
Ту кистӣ?Аз кадом зотӣ? Сараввал,
Равам, сарчашмаҳоро хонда бинам.
356.
Ба дастат нону дар наздат сабат ҳаст,
Шумори риштаҳояш сад қабат ҳаст.
Ду маҳрӯкулчаҳоят шуд айёнам,
Бигӯ, андар танӯрат чанд адад ҳаст?
357.
Зи заҳматҳои дунё хаста гардам,
Ба сӯзандоруҳо вобаста гардам.
Шавад дар зиндагӣ то қоматам рост,
Пуле андар миёнам баста гардам.
358.
Сару сармояи хубӣ, Рассия,
Ва чун як дояи хубӣ, Рассия.
Ба мо аз Ӯзбекистон дида,
Аҷаб ҳамсояи хубӣ, Рассия.
359.
Худо гуфтам! Гиристам!Мебиёӣ?
Ба шефат пул фиристам, мебиёӣ?
Ба суди ноҳия аз бевафоит,
Ду-се жалоб навистам, мебиёӣ?
360.
Сухан дар оғӯши дил мекунам гарм,
Фишурда бар забонам мекунам нарм.
Ба дасти холӣ росташ, эй азизон,

https://bikhon.tj/

Сари роёна рафтан мекунам шарм.
361.
Худоё, соли моро хуш бинмой,
Хурӯши сардиро хомӯш бинмой.
Ба тухму донаи мо офият бахш,
Заминро сабза болопӯш бинмой.
362.
Туро садҳо ҳунар бошад, бирав, кун,
Ва судаш бештар бошад, бирав, кун.
Пуре, ки ӯ зиён орад, мазан даст,
Ками бедарди сар бошад, бирав, кун.
363.
Маро аз худ ҳаловат доданат хуш,
Миёни сина роҳат доданат хуш.
Табассум карда, лаббай гуфта, доим,
Фақат оби таҳорат доданат хуш.
364.
Адиба шӯхии бисёр мекард,
Зи хобаш Ғунчаро бедор мекард.
Шабона уфу куф мегуфт, гӯё,
Чу ман рӯзона ӯ ҳам кор мекард.
365.
Адиба боғча рафту шӯхӣ омӯхт,
Ва одоби нишасти курсӣ омӯхт.
Аҷабаш дона-дона, канда-канда,
Ба русӣ ҳолу авҳолпурсӣ омӯхт.
366.
Замоне ёфтам, бо ту супурдам,
Камоне ёфтам, бо ту супурдам.
Ба худ бурдан маро имконият нест,
Ҳар оне ёфтам, бо ту супурдам.
367.
Туро болои қуръонхонӣ дидам,
Балоҳоро ҳама зиндонӣ дидам.
Бигӯянд хоби мардон рост ояд,
Аҷаб хоби хуши Раҳмонӣ дидам.

https://bikhon.tj/

368.
Дар сина ба худ ҷони амонат дорем,
Мулки ману ту гуфта қиёмат дорем.
Ин ҷо ҳама чун ғариб ҳастем, ёрон,
Мо дар ватани Худо иқомат дорем.
369.
Бигир худро ба дасту тарбият деҳ,
Миёни аҳли байтат амният деҳ.
Барои лаҳзае ором хуфтан,
Дило, боре ба сар имконият деҳ.
370.
Накардам бар касе тақлидӣ, эй дӯст.
Ба эроди ту дорам зиддӣ, эй дӯст.
Вале иқрор мебояд шавам ман,
Камомадҳо, ки дорам ҷиддӣ, эй дӯст.
371.
Аз мо додо худро ҷудо андозад,
Бар шаҳру диёри Аврупо андозад.
Ман дар сари ҳар намоз омин гӯям,
Раҳме ба дили додо Худо андозад.
372.
Гаҳе устодро шогирдӣ кардем,
Гаҳе шогирдро устодӣ кардем.
Сари хони дубайтиву рубоӣ
Бихондем ҳамдигарро, шодӣ кардем.
373.
План якто, якто партия буд,
На бӯҳрон буд, не як саҳмия буд.
На як рекету не як мафия буд,
На як қарздор буд, не қарзия буд.
374.
Зиёратгоҳи Мирӣ, Росровут,
Қадамҷои Хизирӣ, Росровут.
Гулистони ману Бӯстони Саъдӣ,
Писанди тифлу пирӣ, Росровут.
375.

https://bikhon.tj/

Замоне ҳокими мо Горбачёв буд,
Бидонӣ, сохти нав дар инкишоф буд.
Ба таллон мегирифте, қанду шаккар,
Ҳама ОК буд, нету слов буд.
376.
Ба зери лаб саги мо ким-чӣ мегуфт,
Ба думҷорӯби худ ӯ хона мерӯфт.
Ягон бегонаро бар дар наемонд,
Ба ёру ошно чизе намегуфт.
377.
Саги мо ҳар замон уллос мекард,
Садояшро ба гургон мос мекард.
Мубориз буд, ҷангҷӯ буду нотарс,
Ишорат кардӣ, ӯ ҳаллос мекард.
378.
Пагоҳӣ рӯи моматро бидидам,
Маҳи болои боматро бидидам.
Паси парда, сари оина бо ноз,
Парипайкар, ҷамолатро бидидам.
379.
Жуки Колоради бо аҳли байташ,
Ба ҳамла ҷониби картошка омад.
Кунун мо аз куҷо созем даромад,
Мушаксабзии мо нархаш фаромад.
380.
Калӯши пои занҳо гум шуду рафт,
Ва чоруқмӯза номаълум шуду рафт.
Мурам дар мудаҳои навбаромад,
Замона, авҷи ту маълум шуду рафт.
381.
Бигӯ, то бар куҷо рафтӣ, ало ёр,
Ба дасти ФМС афтӣ, ало ёр.
Бипӯсад меваҳои тару хушкат,
Ба дуктурҳои СЭС афтӣ, ало ёр.
382.
Қатора аз Уренгой омад имрӯз,

https://bikhon.tj/

Миёнбур аз Карочой омад имрӯз.
Хабар деҳ Зуҳраву Фотимаҳоро,
Ҳусенбою Ҳасанбой омад имрӯз.

383.

Зи худ садҳо сухан эҷод карда,
Дили бобоякашро шод карда.
Суруди амма мехонад дамодам,
Адиба аммаҳоро ёд карда.

384.

На аз баҳри тиҷорат рафтаниям,
Ва ё ҳамту назорат рафтаниям.
Гирифта гулдубайтиҳои худро,
Ғазалҳоро зиёрат рафтаниям.

385.

Бигӯ, бар очаат зан мегирам ман,
Гуноҳамро ба гардан мегирам ман.
Писандам не урусу украинаш,
Арӯс аз зоти тайван мегирам ман.

386.

Ҷаҳолат монда дар дил тухму дона,
Чӣ бедодӣ? Намегӯӣ, замона?
Зи қонуни баду ноодилона,
Ҳақиқат мехӯрад сад тозиёна.

387.

Гаҳе хору гаҳе хас мефурӯшам,
Зи оҳан то пласмас мефурӯшам.
Маро, ки зиндагӣ маҷбур карда,
Туро ҳоло, варо пас мефурӯшам.

388.

Ду-се сол аст қарзи ман надодӣ,
Писар дар бистучору зан надодӣ.
Баланд овоз сар додӣ ба ҳар ҷо,
Ба ин номардиҳоят тан надодӣ.

389.

Намегӯяд, ки дарди рӯҳӣ дорад,
Зи кунҷи синааш маҷрӯҳӣ дорад.

https://bikhon.tj/

Бигӯяш, ҳазл дорад вақту соат,
Ба ман кампири момат шӯхӣ дорад.
390.
Кучику калон пухтааст, нӯшаш бод,
Чун себи хубон пухтаст, нӯшаш бод.
Ин ҳунари модараш, ё пайвандаш,
Оне, ки чунон пухтааст, нӯшаш бод.
391.
Миёни ғусса то маҳшар кунам зист?
Маро беҳ аст, ки бешавҳар кунам зист.
Ва бояд, бояд аз ин дам, азизон,
Ба тарзу мудаи дигар кунам зист.
392.
Гар ин бозёфтҳоро кам занам ман,
Муҳаббат бо Шумо барҳам занам ман.
Қасам бар рӯҳу арвоҳи дубайтӣ,
Дар ин ҷои нишастам хам занам ман.
393.
Гар оби Кавсару Замзам хӯрам ман,
Ба сони сардарахте хам хӯрам ман.
Шукуфтам мисли гул, як ҳафта з-ин пеш,
Пагаҳ-бегаҳ чу ӯ барҳам хӯрам ман.
394.
Ба ин роёна зистан омадӣ ту?
Фақат аз ғам навистан омадӣ ту?
На завқидӣ, ба боре додарам, гӯй,
Ва ё танҳо гиристан омадӣ ту?
395.
Гузашт аз моҳҳо садҳо, навадҳо,
Гузашт аз шаш қабат тири сағатҳо.
Ало, эй гӯши кар, эй чашми хира,
Бигӯ, кай мепазад он маслиҳатҳо?!
396.
Намегӯям, ки дар ғурбат киҳо мурд,
Ҳамин ҳаммиллатам баҳри чиҳо мурд.
Ҷазо бошад барои шеъри «Додо»,

https://bikhon.tj/

Нагӯям шеъри нав, ки иштиҳо мурд.
397.
Зи ҳолам бохабар будӣ ту, эй зан,
Ба мардон бар ба бар будӣ ту, эй зан.
Ба чӣ маънӣ кадоме гуфта бошад,
Ки чун як мушти пар будӣ ту, эй зан.
398.
На аз неке хушӣ дархост кардем,
На кажжеро ба роҳаш рост кардем.
Ба умре мо ғуломи содаи ӯ,
Дили мо ҳар чиеро хост, кардем.
399.
Яке аз Шарқи Дур омад канорат,
Ду-сето муштзӯр омад канорат.
Фақат ман тангӣ кардам дар бари ту,
Заруру нозарур омад канорат.
400.
Кризисро паси сар менамоем,
Арӯсакро ба гул тар менамоем.
Нияти омади Рахши фасона,
Умеди рафтани хар менамоем.
401.
Маро оғушта дар шеърам кун, эй гул,
Биё, аз ҳусни худ серам кун, эй гул.
Ва гар хоҳӣ, ғуборатро барорӣ,
Миёни синаат зерам кун, эй гул.
402.
Ишқ аз пайи ишқ мунтазам меояд,
Илҳоми навишт рӯиҳам меояд.
Ман байту дубайтиҳои хуш мехонам,
Кайфияти бозии қалам меояд.
403.
Кулчаҳо хандон дидам дар танӯр,
Талъати Раҳмон дидам дар танӯр.
Ту чиҳо дидӣ, надонам ёри хуб,
Ман мадори ҷон дидам дар танӯр.

https://bikhon.tj/

404.
Ҳазорон кор бар зидди Худо кард,
Ҳақиқатҳои ӯро зери по кард.
Чунин беномусиро дидам аз ӯ,
Чу дард омад, Худоро илтиҷо кард.
405.
Ҳақиқат рафт аз дунёи фонӣ,
Ҷаноза соати нуҳи пагоҳӣ.
Ватан, ҳамдардии моро қабул кун,
Сияҳпӯшем мо бо дилсиёҳӣ.
406.
Ба меҳмонӣ ба ҷое рафтам ин шом,
Назар кардам чаҳори гӯшаи бом.
Ҳазор афсӯс хӯрдам, барнаёфтам,
Набуд антен дар он ҷо зи илҳом.
407.
Ту пирузӣ ду навбат кардӣ, додар,
Дигарҳоро ба ҳайрат кардӣ, додар.
Гирифтӣ шасту ду фоиз ту овоз,
Туро табрик! Ғайрат кардӣ, додар!
408.
Аксе, ки ба худ дорӣ, надорад монтаж,
Аз оби кӣ ҳастӣ? Аз кадомин оташ?
Ман аз канали Ҷаҳоннамо ҳар лаҳза,
Аз ҳусни расои ту диҳам репортаж.
409.
Сарам чун чархболе мезанад чарх,
Миёни сад суоле мезанад чарх.
Ба сони обу гил гӯё ҳамеша,
Ба дастони кулоле мезанад чарх.
410.
Ба қадри зан бирас, ҷинси азиз аст,
Суханхояш пур аз мағзу мавиз аст.
Чу ҷон дар эҳтиромаш бош, эй дӯст,
Саропояш ҳама даркорӣ чиз аст.
411.

https://bikhon.tj/

Биё, бо ман нишину гуфтугӯ кун,
Либосамро бигиру бар уту кун.
Равам сӯи Расӣ бо ишқами сер,
Ба дастони гулат як ширкаду кун.

412.

Ҳама байте, ки мегӯӣ саросар
Дар ӯ ҳарфу ҳиҷоҳо нобаробар.
Қаламро ҷогаҳе андозу хобон,
Биё, як нақли хубе кун, бародар!

413.

Ба ту эй духтари калхозӣ, ҷунам,
Ба ту калхозии дарвозӣ, ҷунам.
Ҳамон калхози зебоманзаре, ки
Ба номи Шокарими Ғозӣ ҷунам.

414.

Ҳақиқат ҳаст, не чистону кистон,
Хоҳар тапочка бар по дар зимистон.
Мурад инсофи ту, додои номард,
Наойӣ, лоақал сумме фиристон.

415.

Ду кам чил кокулат табъи дили ман,
Чароғон кардӣ шоми манзили ман.
Ба хаждаҳсола монандам намудӣ,
Зи ёдам бурдаӣ бисту чили ман.

416.

Ба ҳадди кӯҳҳои сар ба боло,
Зи гармӣ то ба сардӣ шеър гуфтанд.
Бароят шоирони диву имрӯз,
Зи рӯи ақли мардӣ шеър гуфтанд.

417.

Зи оҳан буд чизе коғазӣ шуд,
Забони дузду ғарҳо чилгазӣ шуд.
Дигар кард хешро шаклу шамоил,
Кунуни кӯзаҳо авқотпазӣ шуд.

418.

Кулӯхе бар кулухе мондагиш нест,

https://bikhon.tj/

Шаҳодатномаи ронандагиш нест.
Валекин депутат будан дили ӯст,
Агарчӣ синфи серо хондагиш нест.
419.
Доро агаре хато кунад пурсиш нест,
Гуфтам гапи рост, ҷои бадгӯиш нест.
Бар акси ҳамин бубин, ки дар ин давра,
Бечора хато, ки кард, омурзиш нест.
420.
Ба роҳи нек худро метавон монд,
Ҷадал созем Қуръон метавон хонд.
Ба рӯза нафси худро метавон кушт,
Ба истиғфор шайтон метавон ронд.
421.
Ба хубӣ дер одат мекунем мо,
Бадӣ ҳар вақту соат мекунем мо.
Нишондоди Худоро лек афсӯс,
Кам андар кам итоат мекунем мо.
422.
Барад инсон аз нон истифода,
Ҳам аз хуну ҳам аз ҷон истифода.
Барои ҳалли мушкилҳош аммо,
Кунад аз ҳарфи Қуръон истифода.
423.
Яке омад ба мо пайғом созад,
Яке омад, ки сабти ном созад.
Дигар омад паси ҳою ҳавасҳо,
Ба худ сайде дар ин ҷо ром созад.
424.
Яхои дили замин об аст додо,
Авҳолаки додаро хароб аст додо
Нақшаи Расӣ рафтана дорӣ, ё на?
Мондан ба Ватан хеле азоб аст додо.
425.
Барои вохӯрии Зоя рафтам,
Через пушти дари ҳамсоя рафтам.

https://bikhon.tj/

Натарсонад касе ваҳ гуфта аз пушт,
Шабона бо сагам якҷоя рафтам.
426.
Гули дуктур Шуморо офарин гуфт.
Пробое гирифту ону ин гуфт.
Бипурсид извинени канца концов,
Муборак ид, ёрони ширин гуфт.
427.
Туро ку ихтисосатмардикорӣ,
Чаро аз дарси меҳнат ду гирифтӣ?
Шкатурка ва ё разнорабочи,
Зи устодат кадом мавзӯъ гирифтӣ?
428.
Қазока асбаша зин мекунӣ ту,
Ба африкоӣ тин-тин мекунӣ ту.
Ту мошини киро меронӣ ҳар рӯз,
Ҳамеша бӯи бензин мекунӣ ту?
429.
Ма Яндексу Ютуб дорам, куҷоӣ?
Ҳамин ҷо ду клуб дорам, куҷоӣ?
Ба ИМО дар тамосам шав, ҳамеша,
Шароитҳои хуб дорам, куҷоӣ?
430.
Ба ширинӣ чу тортӣ, эй гули ман,
Ту орди высши сортӣ, эй гули ман.
Ман ошиқбозӣ наздат омадам, ту
Чаро майли спортӣ, эй гули ман ?
431.
Ба истиқболи ту нон карда мондам,
Ду пойи мурға бирён карда мондам.
Ки то ором ҷӯшад зирбаки ош,
Алови дега форон карда мондам.
432.
Зебоии дашту лоларо мебинам,
Таннозии Майсахоларо мебинам.
Бо шарму ҳаёву бо сари хам имрӯз,

https://bikhon.tj/

Ман боадабии лоларо мебинам.
433.
Вақте, ки ба деҳа рафтуомад мекард,
Ӯ сураи фораме қироат мекард.
Оҳиста фишурд як ба як дасти ҳама,
Бо долу дарахту гул саломат мекард.
434.
Навин ахбори хубе аз Уралҷон,
Ба истеъфо баромад Шозимистон.
Пас аз се моҳи ҳабси хонагиям,
Расид амнистия бар ман, азизон.
435.
Сармора зи бозӣ мебарорад Наврӯз,
Хашмои шамола мефарорад Наврӯз.
Дилҳора умеди зиндагӣ мебахшад,
Гулҳора ба ханда медарорад Наврӯз.
436.
Таҳи се моҳ ман аз ҷо нахестам,
Ба сайри кӯчаву бозор нестам.
Ба ҳукми сахту сардӣ дафтари дай,
Чӣ мегӯӣ, ки домашни арестам.
437.
Димоғам чоқ мешад, хезам аз хоб,
Нишаста рӯ ба рӯям ширмаҳтоб.
Ҳама ҷо рӯфта шуста тоза карда,
Мурам дар номи занҳои баодоб.
438.
Набурдӣ оқилона истифода,
Маро ту обу лоям карда мондӣ.
Лабонам мекашад гаҳ-гаҳ ба оқиб,
Занак, гунгу касойам карда мондӣ.
439.
Чӣ хуш мори газанда, боз гаштӣ,
Ба истиқболи банда боз гаштӣ.
Саге сӯят наакид, боз аз нав,
Саратро канда-канда боз гаштӣ.

https://bikhon.tj/

440.
Лабони пур зи ханда мебиёӣ,
Чу оҳуи раманда мебиёӣ.
Ва ё ширин шавад мегӯӣ бо худ,
Ба наздам канда-канда мебиёӣ.
441.
Зи дарду ҳасрати фасли зимистон,
Саҳар чашми ҳаворо хира дидам.
Гирифта пеши ӯро пардаи абр,
Чароғи офтобро хира дидам.
442.
Ту аз бобои Косиб монда мерос,
Ташаккур, Мерси чармии бабардошт.
Дар ин се моҳи сарди фасли сармо,
Дар оғӯши ту поям роҳате дошт.
443.
Биёед, чашмаҳодарё шавем мо,
Ба Сирдарё ҳама ҳампо шавем мо.
Амуро дастгирӣ карда ин дам,
Аралро ҷони нав эҳё шавем мо.
444.
Мисоли гул дуто фарзанд дорӣ,
Зани бо ҷону дил пайванд дорӣ.
Чӣ одоб аст, андар рӯзи равшан,
Ба занҳои дигар лабханд дорӣ?
445.
Мапиндорам, ки марди неку одил,
Манам устоди бойи безправил.
Куҷоят рост ояд, мезанам ман,
Чӣ корам хуб, ки бо ман додаӣ дил.
446.
Муҳаббатро сараввал ёд додӣ,
Ту аз деги лабат ақвот додӣ.
Ҳамин ки вақти кишти дона омад,
Чаро оҳиста задни ход додӣ?
447.

https://bikhon.tj/

Ту рафтӣ, шаҳри дил мотам шуду монд,
Ливои мулки ҷонам хам шуду монд.
Гирифтори ғаму дарди ту гаштам,
Дари шодӣ ба ман маҳкам шуду монд.
448.
Ба чанде лоларӯ дарди миён аст,
Ду-се рӯза, валекин безиён аст.
Иҷозат не, ба ӯ наздикӣ кардан,
Чароғакҳои сурхаш даргирон аст
449.
Ин чӣ рафторе, бигӯ, Баҳанмоҳ,
Тӯда кардӣ барфҳоро рӯи роҳ?
Дар миёни шишаи яхҳои ту,
Дасти ҳамкорам шикаст дар коргоҳ.
450.
Дубайтиҳои бобат менависам,
Ғазалҳои батобат менависам.
Агар умрам ба чанде боқӣ бошад,
Ба ҳаҷми даҳ китобат менависам.
451.
Ба савдо бошӣ, аз савдо фиристон,
Зи мардикорӣ беғавғо фиристон.
Зи санҷишҳо баҳои 2 нагирам,
Пахан ҳатман ба ман бабло фиристон.
452.
Шудӣ машқи арақ андар канорам,
Махез аз ҷо шамолат мезанад, гул.
Ба духтурхона меафтиву дуктур,
Дувоздаҳто уколат мекунад гул.
453.
Соат шашу сеяки саҳар шуд, бархез,
Аз масҷиди болоӣ хабар шуд, бархез.
Ҳангоми таҳорату ибодат кардан,
Ранги шаби тор нилуфар шуд, бархез.
454.
Ширин аз Меҳан омад, табъакаш хуш,

https://bikhon.tj/

Накарда апаҷонашро фаромӯш.
Чӣ меҳре байни Ширину Адиба,
Ду хоҳар ҳамдигарро дорад оғӯш.
455.
Нигар бар курпаву курпачаҳоям,
Ба одоби хуши хушрӯчаҳоям,
Ман урфу одатамро пос дорам,
Ҳама ҷо тоҷикона бинӣ ҷоям.
456.
Либоси афсарӣ дар бар кашидам,
Ба сӯи барфҳо лашкар кашидам.
Гурӯҳеро табаркорӣ намудам,
Дигарро монда дар замбар кашидам.
457.
Монанди дарахти пир мо пук шудем,
Фарсуданиҳоду халтадорук шудем.
Сурохии сӯзана набинад чашмон,
Ақл аз сари мо бирафту дундук шудем.
458.
Чунонат бӯсаборон мекунам ман,
Лабатро чаппагардон мекунам ман.
Ба ин сон бӯсаҳои ғайриодӣ,
Дугонаҳота ҳайрон мекунам ман.
459.
Лабатро шарбати зардолу гуфтам,
Ду чашматро мисоли олу гуфтам.
Вале девонаавзоят шумурдам,
Чаро шаф-шаф навушафтолу гуфтам?
460.
Иҷозат дех, ки я войду, азизам,
Дар ин сармо куда пойду, азизам?
Ба соне дилгирам, дар ғарибӣ,
Сари танҳо с ума сойду, азизам.
461.
Ба саҳро гавро рондам пагоҳӣ,
Ба деги шир алав мондам пагоҳӣ.

https://bikhon.tj/

Пас аз андак сафедӣ карда тайёр,
Ба он ҷурғот хобондам пагоҳӣ.
462.
Тахёҳи чандест, лолему хамӯшем,
На шири модагови Маша дӯшем.
Гулӯ бар хориш омад, эй Карифан,
Ягон повод ёб, алкул бинӯшем.
463.
Ба хубӣ рафт сармо, шукр гӯем,
Баҳор омад, ба гармо шукр гӯем.
Ба боронаш, ба хуршедаш, тагаргаш,
Ба ҳар доди Худо мо шукр гӯем.
464.
Хеле сафари зиёд кардӣ, додо.
Рӯ ҷониби иқтисод кардӣ, додо.
Рӯзу шаби ман ба ёди ту мегузарад,
Ту ҳам мана гӯ, ки ёд кардӣ, додо?!
465.
Пошнаи таги мӯзача хестаст, додо.
Шодӣ ба ниҳоди ман арестаст, додо.
Аз раҳбари синфамо шикоят ҳар рӯз,
Рӯзнома ба имзои ту нестаст, додо.
466.
Нагӯям торт хӯр, ё нон, азизам,
Қумиз хӯр, дӯғ хӯр, айрон, азизам.
Пушаймон гардӣ охир рафта-рафта,
Фигуратро макун вайрон, азизам.
467.
Таҳи деги ту мегирад ҳамеша,
Туро ислоҳ бинмудан намеша.
Надорад фарқ тухму гӯшт, ё шир,
Намойи тоза бо қайроқу теша.
468.
Ба ғам ман аҳду паймон карда мондам.
Варо ҳамхона бар ҷон карда мондам.
Ба кас қисмат накардам зарраашро,

https://bikhon.tj/

Даруни сина пинҳон карда мондам.
469.
Агар хоҳад сиёҳат мекунад зан,
Ва чун хуршеду моҳат мекунад зан.
Чӣ хеле, ки нигоҳаш карда бошӣ,
Ҳамон гуна нигоҳат мекунад зан.
470.
Галстук баставу мӯ карда шона,
Фасон мегардӣ, фарзанди замона.
Намедонам куҷо аст ҷои корат,
Намеорӣ ягон суме ба хона.
471.
Дуто симкарта хӯрдан метавонам,
Паёмакҳо супурдан метавонам.
Ба мисли Самсунги раҳматият,
Манам ҳар кора кардан метавонам.
472.
Хоҳарчаам интерес кард, додо нест,
Эълона ба Миру Фейс кард, додо нест.
Гуфто, ки ба Амрико фақат дар як моҳ,
Додои Алӣ ду рейс кард, додо нест.
473.
Ман аз ин ҷабри хушдоман чӣ созам?
Худи ман кӯдаки молокососам,
Лағат зан, шир резад дар таҳи пой,
Маро аз ин балоҳо кун халосам.
474.
Мабодо талха истеъмол кардӣ?
Басо буд талх шири бегаҳинат.
Мазан думбак каме, ҷони дугона.
Пробе мегирам аз нӯги синат.
475.
Дуруди шому пайкамро пазиред,
Саломамро, алайкамро пазиред.
Набитвонам инетро кор бурдан,
Шумо ин тарзи лайкамро пазиред.

https://bikhon.tj/

476.
Гул омаду мо ба боғ гаштем имшаб,
Дур аз назари чароғ гаштем имшаб.
Сардии ҳаво агарчи минус ду буд,
Ҷафсидаву гарму доғ гаштем имшаб.
477.
Э вои мусофирӣ желуткам карда,
Чашмонама хира, қоматам хам карда.
Андомама зард карда, муҳома сапед,
Роҳи нафаси тозама маҳкам карда.
478.
Занак, гӯям, маро «ҳа-дед» гӯӣ,
Агар ман «тут» гӯям, «бед» гӯӣ.
«Чаро дедам бигӯӣ?»-гар бипурсам,
Какой привет-такой ответ гӯӣ.
479.
Чаро кардам ба Ту ман рус(т)шавакон?
На оғил мондаму на пушти ҷевон.
Барои ҷустуҷӯ чердак бароям,
Бубинам шояд ин ҷо бошӣ, шайтон?!

https://bikhon.tj/

МУҲОҶИРНОМА

https://bikhon.tj/

1.
Дар ҳар сари кӯча ҳуҷҷатам мепурсад,
Рекет бошад зи буҷатам мепурсад.
Ман чун гули бегона миёни ҳама хор
Ҳар лаҳза зи хоку кучатам мепурсад.
2.
Кай аз нафаси баҳор серам кардӣ?
З-оғӯшу канори ёр серам кардӣ?
Эй зиндагӣ, пора шуд анори дили ман,
Кай аз ҷигари Анор серам кардӣ?
3.
Аз созиши баста оқибат ноором,
Қонуну раҳи мусофарат ноором.
Пешонаи сахти мардуми тоҷика бин,
Олам, олам муносибат ноором.
4.
Баччам, баччам, занозанӣ дар «переход»,
Як маҳ мешад паспорт дорам «перевод».
Қонуни муҳоҷират мураккаб гашта,
Раҳ сӯи Рассӣ дигар намемунад «ход».
5.
Баччам, баччам, милиса капид, баччам,
Ҳарду паспорт ба дасти бандит, баччам.
Ман натвонам кушоду равшан гуфтан,
Як рӯзи Худо бахт нахандид, баччам.
6.
Ҳар соати чори шаб хезун-хезун,
Ман кор равам ашком резун-резун.
Баччам, баччам, очат нафаҳмад мегум,
Лапшаи урус дар гӯшаком овезун.
7.
Баччам, баччам, танам харобай, баччам,
Сӯзон-сӯзон дилам кабобай, баччам.
Пулёбии додои мусофирхокат,
Монандаи даври Инкилобай, баччам.
8.

https://bikhon.tj/

Баччам, баччам, пулёбӣ мушкил гардид,
Ҳар марди урус ба мо муқобил гардид.
Куштора тариқи телефун мефаҳмӣ,
Дунё ҳоло ба дасти ҷоҳил гардид.
9.
Ман мебуравам тӯшаи раҳ дар пуштам,
Баччам, баччам, гуё ки ҷон дар муштам.
Лаънат ба замону бо замонсозонаш,
Ин зиндаҷудоиҳои очат куштам.
10.
Аз сулфаву лавшаҳо ҳазар дорам беш,
В-аз зиштии нақшаҳо ҳазар дорам беш.
Афсона будаст бомбаи ядроӣ,
Аз бомбаи пашшаҳо ҳазар дорам беш.
11.
Дар синаи ман садои дард аст имрӯз,
Тӯфони ғализи чангу гард аст имрӯз.
Торафт заиф мешавад мардии дил,
Ин дарди заиф марди мард аст имрӯз.
12.
Бархе ба шумурдани таҳи «Кармон» аст,
Бархе ба тараддуди ғизои ҷон аст.
Монанди муҳоҷирони точик имрӯз,
Чархофалаки зиндагӣ саргардон аст.
13.
Чун абр шудему рӯи моҳ афтодем,
Чоҳе кандему худ ба чоҳ афтодем.
Амре нарасид, дасти моро гиранд
Шояд ба ҷазираи «гуноҳ» афтодем.
14.
Болои сарам кунад ҳазорон даву тоз,
Бо тири сухан бар дилам андоз-андоз.
Оҳиста бигуямаш:-саломат бошӣ!
Дарде ба дили адӯ намехоҳам боз.
15.
Ба ҷарӣ рафта сатҳи иҷтимоӣ,

https://bikhon.tj/

Пасандозам ду-се байту рубоӣ.
Надорам зеваре харҷат намоям,
Ҳаминро мекунам баҳрат худоӣ.
16.
Бому дари зиндагонӣ беандова,
Болои сари бом надорад нова.
Моҳе ба ду бор мехӯрам оши палав,
Хӯроки шаборӯзии ман – мастова.
17.
Бархе олим фикраша «Синус» қапид,
Компути сари мардума «Вирус» қапид.
Оиди дигар наметавонам гӯям,
Барқи дили ман «Пилюсу Минус» қапид.
18.
Як умр маро гавора меҷунбонӣ,
Бо аллаи модарона мехобонӣ.
Чун дидӣ ба хоби ноз рафтам, эй дил,
Тафсиру таронаи Худо мехонӣ.
19.
Баҳор омад, ҷавон мекӯчад аз дех,
Ҳама ҷӯёи нон –мекӯчад аз деҳ.
Баҳори наварӯсон ношукуфта,
Баҳори ормон мекӯчад аз деҳ.
20.
Рафтам ба дари идораат, дар бастӣ,
Гаштам ба сарои хонаат сармастӣ.
Ин бастиву он бастиву дигар бастӣ,
Донам ба қатори мурдаҳо пайвастӣ!
21.
Нохӯрдаву мурда-мурда пул меёбам,
Гаҳ нимаи ҷон супурда пул меёбам.
Ин мардуми ваҳшӣ мемакад хуни маро,
Бишкаста миёну гурда пул меёбам.
22.
Бар мушкилӣ мушкили дигар зам шуд боз,
Тайёраи шеъри ман намегирад соз.

https://bikhon.tj/

Хоҳам, ки диҳам иҷозати парвозаш
Бо куҳнаматори сина дорам давутоз.
23.
Бар кулбаи мо, ки рафтуомад мекард,
Дар синаи модарам иқомат мекард.
Гоҳо ба дили ҳамсояҳо раҳ меҷӯст,
Бар марду зани деҳа хиёнат мекард.
24.
Факту рақаму қарор кардем охир,
Аз рӯи ариза кор кардем охир.
Дар мову шумо, ки пилюсу минус мурд,
Аз шаҳри шумо фирор кардем охир.
25.
Оне ту, ки ҳар чӣ кор кардӣ, сад шукр,
Тарки сухан аз дулор кардӣ, сад шукр.
Сардӣ зи нигоҳи ту тамоман кӯчид,
Андешаи ман баҳор кардӣ, сад шукр.
26.
Бе дониши нокифоя кас олим шуд,
Монандаи ман замона носолим шуд.
Ин сабри Худо то ба куҷо? Кай донам,
Андар назарам ду «фаза» дар як сим шуд.
27.
Аз чашмаи ҳусни худ ба сӯям ҷӯ каш,
Як бор дили сӯхтаамро бӯ каш.
Мавзӯи замона печутобе дорад,
Аз баҳри Худо биё, қалам як сӯ каш.
28.
Бе пора куҷо чорагаре чора кунад,
Ку порагаре, ки пораро пора кунад?
Ку одами солиҳе дар ин давру замон,
Малҳам ба дили беваву бечора кунад?
29.
Имрӯза ҳавои мо ҳама порахӯранд,
Фарроши дари идораҳо порахӯранд.
Оҳиста бигӯ, ки нашнавад деворе,

https://bikhon.tj/

Дар кунгураҳо ситораҳо порахӯранд.
30.
Аз худ хабару паёми мо беҳуда.
Бе пора туро саломи мо беҳуда
Равған нашавад то кафи дасти ту, раис,
Поёни ариза номи мо беҳуда.
31.
Бозичаи дасти нокасонӣ, Ватанам,
Сақичи дахони мардумонӣ, Ватанам.
Ояд аламам, ки бо ҳама дороӣ,
Ҷӯлида ба қарзи дигаронӣ, Ватанам.
32.
Як шоири сӯхтачёҷони пурармонам,
Дар гирди чароғи орзу гардонам.
Бо хуни дилам ба сабзазорони умед,
Ман решаи нахли шеър месабзонам.
33.
Ин ову рави замона рангоранг аст,
Бар мусиқии ману ту ҳамоҳанг аст.
Армоншиканаш шикаста худ пои равон,
Рӯбаҳ ҳама устувору шераш ланг аст.
34.
Ин омадурафти мо Худоро бозист,
Ӯ бар сари ҷумла бандагонаш қозист.
Донад худи ӯ, ки аз азизонаш чанд,
Донад худи ӯ, ки аз киҳо норозист.
35.
Дар рӯйхати замона номи ману ту,
Кам гуфта каломи нотамоми ману ту.
Аз баъди ману ту оқиле мехонад,
Афсонаи пучу нимахоми ману ту.
36.
Ин умр агаре ба ҳар куҷо тохт, гузашт,
Гоҳо, ки ливои худ барафрохт, гузашт.
Нодории мо ба андаке ҷуброн кард,
Садҳо сари мо ҷарима андохт, гузашт.

https://bikhon.tj/

37.
Мо аз назари Шамсу Қамар мегузарем,
Аз синаи нопоки хатар мегузарем.
Ҳаргиз нашуде аз они мо бегона,
Мо бар сари савдои дигар мегузарем.
38.
Яке аз гушнагӣ нон гуфту ҷон дод,
Яке сере шикам то зону пурбод.
Яке аз бахти бад то рӯзи маргаш,
Ба зону пеши пои нокас афтод.
39.
Якеро суст дасту пой дода,
Яке сахт асту маҳкам дар ирода.
Миёни синаҳои одамият,
Басо ганҷинаҳое нокушода.
40.
Намеёбам раҳи деринаи хеш,
Гиребонгири ман шуд кинаи хеш.
Бисозам маҳв то шайтони дилро
Ҷиҳод овардаям бар синаи хеш.
41.
Сару сомон ту дорӣ, ё надорӣ?
Ба худ дармон ту дорӣ, ё надорӣ?
Ғами бисёрро бар ӯҳда дорам,
Дило, имкон ту дорӣ, ё надорӣ?
42.
Ҳамоне бол дорад, мепаридаст,
Гули андеша ногаҳ медамидаст.
Назар афкан ба олам майда-майда,
Ҷаҳонро майда-майда офаридаст.
43.
На ёди молу сарват мекунам ман,
На ёди ҳури ҷаннат мекунам ман.
Ғизои маънавӣ, то ки бигирам,
Ба Мавлоно муҳаббат мекунам ман.
44.

https://bikhon.tj/

Сабӯи холӣ будам пур шудам ман,
Ҷавонӣ рафтаву ин тур шудам ман:
Ҳазорон мевaҷоте рӯи хонам,
Чӣ мегӯӣ, ки ҳалвохӯр шудам ман.
45.
Ҷаҳон бо амри Ту гардид оғоз,
Гаҳе шери нар асту гоҳ бузбоз.
Вуҷуди мо пур аз тарсу ҳарос аст,
Худовандо, биё, моро дам андоз.
46.
Гаҳе олудаву чидан гирифтем,
Гаҳе уф гуфта нолидан гирифтем.
Ба пушти сар назар нокарда умре,
Давоми зиндагӣ дидан гирифтем.
47.
Ба ҳар оянда тоҷу тахт додӣ,
Худ абгору ба дигар бахт додӣ.
Ба шайтон раҳ кушодӣ синаат сӯхт,
Худатро зарбаҳои сахт додӣ.
48.
Худро ба таҳорату намоз андозам,
Байроқи муҳаббати Худо афрозам.
Ҳам хайрухуши ситораву мох кунам,
Ҳам қарзи нахусти хешро пардозам.
49.
Ҳавасҳо як ҷаҳонам додӣ, эй ишқ,
Машаққатҳо ба ҷонам додӣ, эй ишқ
Маро тачриба кардӣ ҳамчу устод,
Чи мавзӯи калонам додӣ, эй ишқ.
50.
Панаҳ аз чашми аҳл, аз чашми устод,
Назар сӯи ту андозам, гули ман.
Ба ҷои ҳиссаҳои нутқу имло
Ба таърифи ту пардозам, гули ман.
51.
Накардам дар ту боре комронӣ,

https://bikhon.tj/

Ба серӣ ишрату кайфи ҷавонӣ.
Зи ғурбат кардӣ серам то ба ин дам,
Ту худ кай сер гардӣ, зиндагонӣ?
52.
Ҳар оне будаам онро сурудам,
Аён аз чашми мардум ҳар кӣ будам.
Ба сони чоку бели дастабеҷо,
Тавоноии худро гум намудам.
53.
Ба худ бори гунаҳҳое харидем,
Замин дар зеру мо боло паридем.
Дар ин ҷо айби мо, айби Худо нест,
Барои хеш дӯзах офаридем.
54.
Ба пирӣ омадам раҳ кардаям гум,
Саропо зард гаштам ранги гандум.
Маро дар саҳни шеъру шоирӣ не,
Маро дар мардикорӣ бинӣ мардум.
55.
Маро гаҳ бешу кам кардӣ, аё ишқ,
Чи мушкилҳо ғарам кардӣ, аё ишқ.
Муҳимаш шукр дорам, шукри беҳад,
Маро соҳибқалам кардӣ, аё ишқ.
56.
На аз ҳар сӯ хабар овардаям, гул,
На ҳамёне ба зар овардаям, гул.
Магӯ – бо дасти холӣ омад, -Эшон.
Ба наздат шеъри тар овардаям, гул.
57.
На парвои замин дорам, Худоё,
На бар сайде камин дорам, Худоё.
Амирам бар сари нафсе, ки дорам,
Муҳаббатҳо ба дин дорам, Худоё.
58.
Лабат майгунаву ман майпарастам,
Ба ёди бӯсаҳоят Қайси мастам.

https://bikhon.tj/

Набошад дар замин монанди ман хеҷ,
Ки ман як ошиқи кайҳонӣ астам.
59.
Чи симову чи абрӯву чи кокул,
Ҳама нозу адоҳои ту мақбул.
Намеёбам касе то хутба хонад,
Худоё, худ никоҳам кун ба ин гул.
60.
Ба солу маҳ чу маҳбуси урусам,
Ба деҳа тоқа мондасте арӯсам.
Бигӯ, эй зиндагии сахту вазнин,,
Дили дасти кадомеро бибӯсам?
61.
Чӣ қонун ҷорӣ кардӣ, эй замона?
Бигӯ, ғамхорӣ кардӣ, эй замона?
Маро кошона илму маърифат буд,
Чаро бозорӣ кардӣ, эй замона?
62.
Биё, то чашми дилҳоро кунем сер,
Биё мову туро фардо шавад дер.
Биё, чанде ба рӯйи сабза гардем,
Ки рӯзе сабза моро мекунад зер.
63.
Маро аз кайфи дай бедор кардӣ,
Раҳамро бастӣ, ноҳамвор кардӣ.
Задӣ бо нохушӣ дарду кулфату ғам,
Даруни синаам амбор кардӣ.
64.
Чи нозу ишваҳо кардӣ, гузаштӣ,
Чи хуш созу наво кардӣ, гузаштӣ.
Ба асри бист дидӣ беғамиро,
Ҷавонӣ, ҷилваҳо кардӣ, гузаштӣ.
65.
Якеро баҳри дил аз шӯразорӣ,
Якеро боғи дил пур аз ҳазорӣ.
Яке дар киштии раҳмат занад мавҷ,

https://bikhon.tj/

Яке аз мавҷи раҳмат дар канорӣ.
66.
Ба ҷони банда пайванд аст гандум,
Ва чун ашъёи савганд аст гандум.
Ба саҳро рав, ба чашми хеш бинӣ,
Ба таъзими Худованд аст гандум.
67.
Муҳаббат дар вуҷудам кошт одоб,
Табар аз гарданам бардошт одоб.
Ба таскини дили шӯридаам буд,
Амалҳои накӯям дошт одоб.
68.
Дарад гар туфлие ноканда қолиб,
Хӯрад сад шаттаҳои ганда қолиб.
Бигӯяд доди дасти чарми сунъӣ,
Ба назди косибаш шарманда қолиб.
69.
Назар дорад ба ҳоли зор сӯям,
Забонашро намефаҳмам чӣ гӯям?
Ба мисли ӯ дар ин шаҳри ғарибӣ,
Намедонад, ки ман ҳам доначӯям.
70.
Ту сарзадаӣ, дари мае накшода,
Нӯшида чӣ кор мекунӣ аз бода?
Гӯям, ки манам –Умар бани Хайёмам,
Ту аз падарат наӣ! Ҳаромизода!
71.
Ба худ гуфтам ки мактаб мекушоям,
Сухан з-имону мазҳаб мекушоям.
Ба ҳар дарсу ба ҳар фан бо шумоён,
Сараввал аз Худо лаб мекушоям.
72.
Ба рӯи синаат афтода бар хоб,
На таъсире бубахшад нури офтоб.
Ба сони синаи ман сард гаштӣ,
Бигӯ, барфи дилат кай мешавад об?

https://bikhon.tj/

73.
Ту нозуксуративу дилрабоӣ,
Ба чашми ман чӣ ширин менамоӣ.
Бурун о, гӯямат, гулдухтари об,
Бараҳна шарм медорӣ, бароӣ.
14.
Таваккал кун, таваккал кун Худоро,
Иҷобат кун, иҷобат кун дуоро.
Ба сони чилгирех шуд мушкилиҳо,
Биё, ҳал кун муаммоҳои моро.
75.
Накардам дар ҷавонӣ, он чӣ ӯ хост,
Пушаймонам ман аз ин кор кайҳост.
Дигар роҳи халосӣ нест, ёрон,
Ба тавба роҳи худро мекунам рост.
76.
Бародарҳо, бубинед, соли ман рафт,
Ду-се тан ҳампару ҳамболи ман рафт.
Ба он ҳиммат, ки ӯро парваридам,
Ба он қиммат ба савдо моли ман рафт.
77.
Низомӣ бенизом аст, эй Худованд,
Падар беинтизом аст, эй Худованд.
Чӣ мешад охири фарзанди Одам,
Ва ё ин интиқом аст, эй Худованд?
78.
Хаёлам Аврупоро дида омад,
Ҳудуди Амрикоро дида омад.
Зиёрат кард баҳру наҳрҳоро,
Ҳама мулки Худоро дида омад.
79.
Занҳо, ки Каролу Туз шудан мехоҳанд,
Ё ҳамсари бою дуз(д) шудан мехоҳанд.
Ҳайратзадаям дар ин ҷаҳони бузбоз,
Мардо чӣ бало, ки буз шудан мехоҳанд?
80.

https://bikhon.tj/

Ин ҷо зи диёри мо ғарибаш бисёр,
Мӯҳтоҷ ба шафқати табибаш бисёр.
Беҳуҷҷату бебуҷҷа сари ҳар кӯча,
Бетолеъу хору бенасибаш бисёр.
81.
Моли ту ба андаке ғанӣ шуд,
Оқибтанаи ту равғанӣ шуд.
Корди ту миёни думба афтод.
Кори ту ғуруру манманӣ шуд.
82.
Бинолад сартароше поку камёб,
Ва ҳайрон монда чевар моку камёб.
Замини пахта шуд майдони ҷангӣ,
Ба дорухона тухми доку камёб.
83.
Миёни қулла асби абр мегашт,
Чу оҳу аз фишори бабр мегашт.
Ҳазоре рӯйи сабза пой бинҳод,
Ҳазоре зери хоки қабр мегашт.
84.
Ба банде бандиҳоро дида рафтем,
Саодатмандиҳоро дида рафтем.
Мисоли гургу сагҳо дар замона,
Падарфарзандиҳоро дида рафтем.
85.
Аҷабҳову аҷабҳо менависем,
Ҳама бо ҳар сабабҳо менависем.
Муносиб карда аз рӯи лаёқат,
Чӣ шеърҳо рӯзу шабҳо менависем.
86.
Биё, пасту баландиро вақаб кун,
Ба фарзандони худ дарси адаб кун.
Қиёмат шуд, биё, Бобои Одам,
Зи Яздон рӯзи некиро талаб кун.
87.
Наомӯхтам қабатҳои Шуморо,

https://bikhon.tj/

Раво хондам саѓатҳои Шуморо.
Ғалатбин будаям дар зиндагонӣ,
Писандидам ғалатҳои Шуморо.

88.

Лабат бар лаб гирифтам, мазза кардам,
Бирафтӣ аз барам, табларза кардам.
Ана, боз омадӣ, олам гулистон,
Дуо гуфтам, ташаккур арза кардам.

89.

Ба китфони базебат кӯза зебост,
Ба пои нозукат ниммӯза зебост.
Мусалмонзодаи дилҷӯи тоҷик,
Туро лутфу намозу рӯза зебост.

90.

Бигӯям-Ош, -Мумбай мебарӣ ту,
Бигӯ, ҳарфи маро пай мебарӣ ту?
Ба каррӣ мезанӣ худро чӣ-илҳом,
Маро шаҳри Ғазал кай мебарӣ ту?!

91.

Ба кунчи дил ба ту ҷо мегузорам,
Ба аҳди карда имзо мегузорам.
Зи кишвар меравам бар ҷои дигар,
Туро ман бар Худо вомегузорам.

92.

Ба кундӣ мерасӣ, эй ақли пирӣ,
Аҷал бинмоядат дунболагирӣ.
Чароғи кишварам дар чашмакӣ шуд,
Чароғи синаам кошке намирӣ.

93.

Ту пайдо кардаӣ арзу саморо,
Ҷаҳон овардӣ, овардӣ Ту моро.
Чаро ин ҷоҳилони қавми шайтон,
Ба Ту шӯхӣ кунан(д), Парвардигоро?

94.

Аҷаб сират, аҷаб сурат, аҷаб ном,
Аҷаб сатре, ки мезебад ба андом.

https://bikhon.tj/

Ба кораш меравад гулдухтари ман,
Хама қоидавӣ, аз рӯи Ислом.
95.
Фазои хона гӯшу ҳуш имшаб,
Ва кунҷи хона чодарпӯш имшаб.
Лаболаб коса аз оби никоҳӣ,
Танӯру печ гарму ҷӯш имшаб.
96.
Фаришта хонаи ман омадан дошт,
Матои шоҳии миллӣ ба тан дошт.
Чу омад ҳамрахи ман хонаи бахт,
Дилам бо суръати боло задан дошт.
97.
Хаёлам дар ғамонат тору пуд аст,
Лабонат шарбати себи кабуд аст.
Ба додан додиву сере нагаштам,
Ба ченак ҳамчу қути лоямут аст.
98.
Боди ғаму дард пайкарашро ҷунбонд,
Бо тундӣ кабӯтари барашро ҷунбонд.
Аз дурӣ ба ӯ саломалейкаш кардам,
Беди паси дарвоза сарашро ҷунбонд.
99.
Ман аз нав боз як дафтар кушодам,
Ба илҳоми муборак дар кушодам.
Матори мурғи маъниро гирондам,
Ба сӯи орзуҳо пар кушодам.
100.
Зи мо худро баланду бой гирӣ,
Хитою Ҳинду Андарсой гирӣ.
Ба мисли Одаму Ҳотам ба фардо,
Миёни 2-квадрат ҷой гирӣ.
101.
Чун ман дили беқарор дорад соат,
Рашки мани бебарор дорад соат.
Як сонияе бари ту, гул, наншаста,

https://bikhon.tj/

Ишора ба бистучор дорад соат.
102.
Аз сарди лабони чашма бастаст ҷазза,
Ин дӯсти ягонаро гурехтаст мазза.
Оҳиста ба рӯи синааш бурдам даст,
Аз зӯрии дард дар танаш табларза.
103.
Гар ойӣ, хоби шаб коҳиш диҳам, гул,
Муҳаббат бо Ту афзоиш диҳам, гул.
Ба чоҳ андозамаш рашки диламро,
Ғурурамро даме соиш диҳам, гул.
104.
Нуре ба туву шарар надодӣ ба дилам,
Аз машваратои тар надодӣ ба дилам.
Девонагиям агар маро маълум нест,
Чӣ шуд ба ту, ки хабар надодӣ ба дилам?!
105.
Ба ёдат мижжа таҳ нокарда шиштам,
Замини синаро дурдона киштам.
Чу симои хушу ширину нармат,
Дубайтиҳои ширгармат навиштам.
106.
Агар озод гӯям-ошиқат ман,
Замину осмон дар нола мешад.
Ба ёди ту аё, садсоладухтар,
Дубайтиҳои ман садсола мешад.
107.
Ба ёди дӯстону меҳани худ
Мани дур аз Ватанро хоби шаб нест.
Як олам ормонҳое маро ҳаст,
Чӣ мегӯйӣ, ки ин ҷо ҷои гап нест?!
108.
Ҳазору сад маломат бар сари ту,
Намегирӣ гуноҳатро ба гардан.
Дило, якумра маҳбус астӣ, аммо,
Надорӣ ихтиёри тавба кардан.

https://bikhon.tj/

109.
Умрам зи пайи патент бигзашту бирафт,
Дар зери фишори мент бигзашту бирафт.
Кор кардаву ҷон канда ба як рӯзи сияҳ,
Аз пушти пули клент бигзашту бирафт.
110.
Бурида ҷангалу нобуд намудем,
Зи реша то ба гул аз худ намудем.
Дар охир мову манҳои тиҳиақл,
Даруни хона таппакдуд намудем.
111.
Чиҳое хонд андар гӯши Одам,
Ба яғмо бурд ақлу ҳуши Одам.
Ба мағзи устухонаш ҷой бигрифт,
Нарафт иблис аз оғӯши Одам.
112.
Аз духтари хола маъзарат мепурсам,
Бо зону зада чаҳорқат мепурсам.
Меҳрам ба ту не, умедворӣ накашӣ,
Инро ба ту ман тариқи “чат” мепурсам.
113.
Ватанхоҳе яке хоин шуду рафт,
Ва кофар аз нигохи дин шуду рафт.
Худонашносҳоро раҳм н-омад,
Ҳаёти хуб номумкин шуду рафт.
114.
На як кайҳонавард омӯхт моро,
На як сармои сард омӯхт моро.
На он шабгардҳои рӯи олам,
На як субҳонагард омӯхт моро.
115.
Туро «Бендер» халал шуд, тоҷики ман,
Сар аз андеша кал шуд, тоҷики ман.
Мисоли Тоҷикистони азизат,
Расия камбағал шуд, тоҷики ман.
116.

https://bikhon.tj/

Ба умре сина маҳбус аст, аммо,
Намегирад гуноҳашро ба гардан.
Ҳазору сад маломат бар сараш, лек,
Надорад ихтиёри тавба кардан.

117.

Аз зиндагии шаҳонаам кардам ёд,
В-аз мурғаку тухму донаам кардам ёд.
Хобида қатори калламушҳо ин ҷо
Аз курпачаҳои хонаам кардам ёд.

118.

Аз намоишномаи худ хастаем,
Дил ба кинофилми ҳиндӣ бастаем.
Лайливу Мачнунро бинмуда хор,
Мо ба «Ҷимӣ» меҳри худ пайвастаем.

119.

Ҳазору як усул дорад, хитоӣ,
Ҳунар дорад, ки пул дорад, хитоӣ.
Ба ҷуз одам бисозад ҳарчи хоҳад,
Чи гуна дасти гул дорад, хитоӣ.

120.

Аз сина ҳаловати дилам мекӯчад,
Фарсудаву ҳолати дилам мекӯчад.
Ҳаргиз ту марав, марав аз баҳри Худо,
Рафтӣ ту, иморати дилам мекӯчад.

121.

Бар ҷумла малоли хотирам, медонӣ?
Дар хонаи худ мусофирам, медонӣ?
Арзоила мунтазир ҳастам кайҳо,
Аз н-омадашон хавотирам, медонӣ?

122.

Мусиқии Барфу Муза бар гӯши ман аст,
Дастори сиёҳи русӣ сарпӯши ман аст.
Эй фасли гулу булбулу ширинии умр,
Гармии нигоҳи ту фаромӯши ман аст.

123.

Пухтӣ, ту лазиз мешавӣ, эй ангур,

https://bikhon.tj/

Хушкидӣ, мавиз мешавӣ, эй ангур.
Пӯсидӣ, ғаме махӯр, ки май хоҳӣ гашт,
Сад гунаи чиз мешавӣ, эй ангур.

124.

Ба олам фасли поиз омад имрӯз,
Насим аз руӯ қонун сар тарошад.
Ҳама риши дарахтонро яко-як,
Гирифта поку қоқу тар тарошад.

125.

Туро як дид шуд бар дафтари ман,
Сухан тавлид шуд дар дафтари ман.
Қалам аз шавқи дил кафкӯбиҳо кард,
Чунин як ид шуд дар дафтари ман.

126.

Дар шаҳри маю сигор шиштан то кай?
Дар кулбаи тангу тор шиштан то кай?
Лабташнаи бӯсаҳои обинаи ёр,
Дур аз бағали нигор шиштан то кай?

127.

Замоне нони ҷав хӯрдем, мардум,
Таоми пеши гав хӯрдем, мардум.
Ба ризқи буда гӯем лаҳзае шукр,
Зи бенонӣ талаф хӯрдем, мардум.

128.

Ёр аз душман ҷудо накардӣ, баччам,
Шарм аз худу аз Худо накардӣ, баччам.
Ман аз пайи ризқу рӯзӣ рафтам ба Расӣ,
Бад гуфтӣ маро, ибо накардӣ, баччам.

129.

Яке дар неву-неву, ҳова-ҳова,
Яке саргарм хонро дар хишова.
Яке дар замзами оёти Қуръон,
Назар дорад дигар сӯи пиёва.

130.

Равуо хуб андар хуб бинмуд,
Туро бо хештан махбуб бинмуд.

https://bikhon.tj/

Бинӯшидӣ, накардӣ эҳтиромаш,
Дар охир май туро саркӯб бинмуд.
131.
Яке вайронаро таъмир мекард,
Яке хоби дигар таъбир мекард.
Ба рӯи дафтари ҷоинамозаш
Яке акси Худо тасвир мекард.
132.
Ба чашми рӯз кабки хушхироме,
Биёмад чашма аз бахри таҳорат.
Бад-он дар ҷонамози санг бинмуд,
Намози бомдодиро қироат.
133.
Худоё, шоҳидӣ бидҳам ба фардо,
Нигаҳҳои малоик сӯи ман буд.
Ба ҳангоме намози нафл хондам,
Муҳаммад Мустафо паҳлӯи ман буд.
134.
Ба гирди қалъаат гардонам, имрӯз,
Сифатҳои туро мехонам имрӯз.
Зи оби Замзамат ай Эзиди пок,
Шукуфта дар дилам армонам имрӯз.
135.
Ба сӯи Макка кӯшидам, қабул кун,
Ба тан эҳром пӯшидам, қабул кун.
Тавофи Каъбаро анҷом додам,
Зи Замзам об нӯшидам, қабул кун.
136.
На як шеъре ба майдон офаридам,
Ғазалҳое начандон офаридам.
Валекин дар танӯри синаи хеш,
Дубайтиҳои тафсон офаридам.
137.
Даруни ҷогаҳ аз дилбеқарорӣ,
Гирифтам болини шабро газидам.
Бигуфтам дар дилам астағфуриллоҳ,

https://bikhon.tj/

Гиребон доштам, лабро газидам.
138.
Гирифтам ҳар куҷо як нусха ганҷаш,
Бидидам гоҳ роҳат, гоҳ ранҷаш.
Китоби зиндагиро донӣ, имрӯз,
Бихондам саҳфаи панҷоюпанҷаш.
139.
Қаламро истироҳат доданиям,
Каме сайру саёҳат доданиям.
Гирифта ҳамраҳи худ сӯи Макка,
Ва ӯро ҳам зиёрат доданиям.
140.
Ба деҳқоне, ки инсон кошт, аҳсан!
Малоикҳои хубон кошт, аҳсан!
Замину кӯҳу кӯлу дашту ҳомун,
Саморо тухми борон кошт, аҳсан!
141.
Туро гаҳ пухта хӯрдам, хом хӯрдам,
Ба сад шавқу ба сад илҳом хӯрдам.
Набуд дар он замон дандони сунъӣ,
Басо совида зери ком хӯрдам.
142.
Хатоҳоро гаҳе рӯпӯш мекард,
Савори гӯш будан хуш мекард.
Қалам болои гӯшонаш нишаста,
Гапи андешаҳоро гӯш мекард.
143.
Яке бо ҷанг тахту тоҷ гирад,
Бародар аз бародар боҷ гирад.
Ғуломи нафси худ шуд одамият,
Куҷо кас дасти як мӯхтоҷ гирад?
144.
Шаҳди лаби ту наҷот бахшид,
Қанду асалу набот бахшид.
Кулли ғаму дарди ман даво кард,
Ишқу ҳавасу ҳаёт бахшид.

https://bikhon.tj/

145.
Чӣ абре, ки ҳукумат дошт имрӯз,
Ба мо шӯру мағал бардошт имрӯз.
Нагуфто фасли деҳқонӣ гузашта,
Заминро тухми борон кошт имрӯз.
146.
Чӣ илҳоми маро куштӣ, Худованд?
Гули шоми маро куштӣ, Худованд?
Бигӯ аз дафтари ишқу ҷавонӣ,
Чаро номи маро шустӣ, Худованд?
147.
Замину обу гил доштам, гирифтӣ,
Ба худ як пора дил доштам, гирифтӣ.
Намегзорӣ ту ҳатто пириямро,
Ҷавонӣ то ба чил доштам, гирифтӣ.
148.
Баланд шуд илму техник иқтидораш,
Каланду бели бобо мурд кораш.
Ба худ о, тоҷики ман, дар ҳунар кӯш,
Сафи бекор афзун шуд шумораш.
149.
Агарчанде ки ҳам хурдӣ, телефон,
Бисоти бандаро бурдӣ, телефон.
Фиребам дода-дода охири кор,
Ба дасти янга биспурдӣ, телефон.
150.
Яке анбори додо кард холӣ,
Яке дуздандаи пиронасолӣ.
Зану фарзанди худро монд дар деҳ,
Дигар бигрехт то Қутби Шимолӣ.
151.
Адолат гуфта дар майдон нишастем,
Итоат гуфта дар фармон нишастем.
Ба лаб номи Худо, дар сина фитна,
Ҳама дар маҳфили шайтон нишастем.
152.

https://bikhon.tj/

Ба худ садҳо ҳисобам ғайри конун,
Муҳаббат бар шаробам ғайри конун.
Ҳазорон якравиҳо мекунам лек,
Тамоми интихобам ғайри қонун.
153.
Дари тиру камонҳоро бубандем,
Дари чашми “Амон”-ҳоро бубандем.
Ба ҷои Кунда-Тоҷ унвон бигирем.
Сари захми забонҳоро бубандем.
154.
Сабо имрӯза номи худ дигар кард,
Ба ғурру фишу нағма кор сар кард.
Магар мағзи сари хар хӯрд, ин дам,
Табиатро ту гӯӣ гӯш кар кард.
155.
Сухан аз меҳр камтар мезанем мо,
Ба ҷисми ёр наштар мезанем мо.
Ба ҷои ҷӯр кардан ҷом бар ҷом,
Гирифта лек бар сар мезанем мо.
156.
Ба роҳат шасти гӯгирддонаам сӯхт,
Чу ман ин қандили кошонаам сӯхт.
Ба умеде биёӣ–дар кушодам,
Шамол омад миёни шонаам сӯхт
157.
Суруди мо хато мехонду мерафт,
Ба худ ким-чӣ дуо мехонду мерафт.
Ва ё сози хитоӣ машқ мекард,
Сабо пешу қафо мехонду мерафт.
158.
Ба ёдам нест пайғоми шабина,
Ба дард омад сари хоми шабина.
Надонам бо чӣ буд монанд, эй дӯст,
Мазоҳам доште ҷоми шабина.
159.
Гулдухтари ангури тагобӣ, хӯрамат,

https://bikhon.tj/

Сабзинамавизи офтобӣ, хӯрамат.
Аз хӯрдани ту ҳеч набинам серӣ,
Ҳар субҳидамиву вақтихобӣ хӯрамат.
160.
Ба ишқаш солу маҳ тозам ба ҳар сӯ,
Вале ҳоли маро пурсиданӣ нест.
На ҷангаш кардаям, не ғайбати ӯ,
Чаро рӯи маро пул диданӣ нест?
161.
Сухан аз Соқимулло сар шуду рафт,
Сухан аз шахду аз шаккар шуду рафт.
Яке бикшода шуд қуфли дари май,
Лаби хушки пиёла тар шуду рафт.
162.
Гулдухтари раз, садқа шавам дар номат,
Бахшой маро, гузаштаям аз бомат.
Бар кас ту магӯй-хоҳари чиллагиям,
Ман ошиқи хоҳари сияҳандомат.
163.
Шабонгаҳ, ё ки рӯз вақту бевақт
Ба хуни қалб шоир шеър созад.
Ба сони мутрибони чангбардаст,
Қалам асбоби дафтар менавозад.
164.
Сари болинам омад Гулнигора,
Бигуфто: Дар чӣ ҳоливу чикора?
Изофа посухашро ман нагуфтам,
Нишон додам ба ангушти ишора.
165.
Ба чӣ кайфу ҳаловат омадастем,
Ҳама бо ҳар аломат омадастем.
Чӣ дидему чӣ мондему чӣ кардем,
Ба ин дунё амонат омадастем.
166.
Сухан болои ҳам тавлид дорад,
Муҳаббат дар ниҳодаш ид дорад.

https://bikhon.tj/

Ҳаросаш нест, мушкил ё ки осон,
Худоро баски ӯ шоҳид дорад.
167.
Раҳи андешаҳои сода рафтем,
Лаҷоми аспи гап сар дода рафтем.
Гирифта бӯсаҳои нақд аз ҳам,
Валекин қарзи шаб нодода рафтем.
168.
Зи кор омад, ба кори хона пардохт,
Аҷоиб кулчаҳои шаккарӣ сохт.
Пиёзу сабзиро ман реза кардам,
Ба дегаш равғани ақвотӣ андохт.
169.
Баланду пасту поён омаду рафт,
Ба чашми ашкборон омаду рафт.
Ба ҳаҷ гӯё сафар мекард ин субҳ,
Сабо лаббайкахонон омаду рафт.
170.
Ситора чашмакӣ зад, моҳ хандид,
Кабӯтарҳои дашт ҳамроҳ хандид.
Малика чашмакӣ зад аз тиреза,
Ғуломи ишки ин даргоҳ хандид.
171.
Чаро, эй акка бе шиқ-шиқ гузаштӣ?,
Зи болои сари ман зиқ гузаштӣ.
Ва ё фаҳмидӣ марги модарамро,
Аз ин ру лолу бе тақ-тақ гузаштӣ?
172.
Сари боғ сари хору сари дор,
Бихонед шеъри Қар-Қарро ба такрор.
Сари ман гиҷ шуд, охир чӣ хоҳед,
Шумо, эй зоғҳои бепарастор?
173.
На тоҷу тахт пурсидам, Худоё.
Ман аз Ту бахт пурсидам, Худоё.
Гумон кардӣ мани бечора аз Ту,

https://bikhon.tj/

Азоби сахт пурсидам, Худоё?
174.
Яке дар қарзи бонку қарзи Эзид,
Яке мобайнашон қозӣ будасте.
Яке қарзи Ватан-қарзи бародар,
Ҳама ҷо қарзу пулбозӣ будасте.
175.
Баъд аз ту ба раҳ баромадам, бахшоям,
Аз бистари маҳ баромадам, бахшоям.
Хамёзакашону бо дили нохоҳам,
Бо узри гунаҳ баромадам, бахшоям.
176.
Ғуруру шасти дарёро шикастем,
Умеди Қайси шайдоро шикастем.
Бубастем роҳи Маҷнунро ба дарбор,
Дили хунбори Лайлоро шикастем.
177.
Ғурураш бенизом аст ин шабу рӯз,
Чаро хобаш ҳаром аст ин шабу рӯз.
Занад худро канори марду занҳо,
Сабо беинтизом аст ин шабу рӯз.
178.
Таносубҳо ҳама ҳар хел дидам,
Муҳаббатҳои беишкел дидам.
Гирифтам, чаппа кардам хоку гилро,
Муросои каланду бел дидам.
179.
Ситора чашмакӣ зад, шарм кардам,
Суханхои ҳалиму нарм кардам.
Накардам бевафоӣ нисбати ёр,
Ман оғӯши занамро гарм кардам.
180.
Субҳона намоз карда омин гуфтам,
Шукронаи молики дилу дин гуфтам.
Сарбоз шудам, ба хеш фармон додам,
Тайёрии иди ҷумъаро бин, гуфтам.

https://bikhon.tj/

181.
Табиат гирярӯ шуд, ин чӣ даҳшат?
Мусибат рӯ ба рӯ шуд, ин чӣ даҳшат?
Зимистонро чӣ сон месозӣ, Эзид,
Чӣ гуна феълу хӯ шуд, ин чӣ даҳшат?
182.
Сафи шогирди шайтон шуд зиёда,
Худо бепурсуҷӯ шуд, ин чӣ даҳшат?
Гирифта рӯи дунё тухми Яъҷуҷ,
Хари Даҷҷол рӯ шуд, ин чӣ даҳшат?
183.
Хитоӣ гашт домоди ману ту,
Сари точик пурӯ шуд, ин чӣ даҳшат?
Вафову меҳрро дигар магӯ, Гул,
Муҳаббат зеру рӯ шуд, ин чӣ даҳшат?
184.
Бо ӯ чу мане ҳазорҳо дилдода,
В-аз ӯ чу мане зи пойҳо афтода.
Ному насабашро агар аз ман пурсед,
Гӯям ба Шумо Бодаи Ангурзода.
185.
Ба ту дил майл дорад, кай биёӣ?
Ситора сайр дорад, кай биёӣ?
Ана, бин хуфтан омад ошиқи ту,
Дуои хайр дорад, кай биёӣ?
186.
Ду карчи харбуза лабаш,
Муҳаббат аст, матлабаш.
Шакар-шакар, асал-асал,
Кӣ дода дарси мактабаш?
187.
Кабӯтар бо кабӯтар гуфтугӯ дошт,
Лаби ҷӯбор ҳарду шустушӯ дошт.
Назар кардам ба чанде аз канора,
Муҳаббат дар ҳақиқат рангубӯ дошт.
188.

https://bikhon.tj/

Туро дар чат ҳамехонам, азизам,
Ба як мақсад ҳамехонам, азизам.
Барои гуфтугӯи ошкоро,
Сад андар сад ҳамехонам, азизам.
189.
Кунам акси чу тобатро тамошо,
Ҳама нозу итобатро тамошо.
Иҷозат медиҳӣ боре намоям,
Тани зери ҳиҷобатро тамошо?
190.
Маро ин пуштаҳои хору бурсӣ,
Маро ин кӯҳҳо санҷиданиянд.
Маро ин шодиҳои лаҳзаина,
Ғаму андӯҳҳо санҷиданиянд.
191.
Дар ин дафтар яке афсона монад,
Яке тарҳи хуши кошона монад.
Яке байту ғазалҳои шакаррез,
Яке нақши дили девона монад.
192.
Қазоҳо рӯи ҳам дорам, намозо,
Назар сӯи ту кам дорам, намозо.
Гунаҳҳои азиме назди Аллоҳ,
Ба ҷои сура зам дорам, намозо.
193.
Макони одаму оламшиносист,
Магӯ инҷо макони айшу бозист.
Кушо қуфли дарашро бо таҳорат,
Ки ин ҷо дафтари ҷоинамозист.
194.
Бар кӯчаи дил ба рафтуойит садқа,
Бо мижжазаданҳои худоит садқа.
Завқида ба пушти парда бо нозу ароз,
Бар ҳадяи бӯсаи ҳавоит садқа.
195.
Тасаввур мекунӣ, оё Фейесбук,

https://bikhon.tj/

Муҳаббатҳои хосе бо Ту дорам.
Ҳазорон рашк созад гар Ҳамида,
Туро андар никоҳам медарорам.
196.
Худоё, мушкилаш осон намоӣ,
Гирифта пеши чашмашро сиёҳӣ.
Ба батнаш нӯҳ маҳу нуҳруза тифлест,
Магар ки абр мезояд пагоҳӣ?
197.
Баъд аз ту ба раҳ баромадам, бахшоям,
Бо узри гунаҳ баромадам, бахшоям,
Хамёзакашону бо дили нохоҳам,
Аз бистари маҳ баромадам, бахшоям.
198.
Атроф ҳама гулулаборони туман,
Табъи шабу рӯзи навбаҳораш хира.
Мехмони сари хони мураббош будам,
Дар суҳбати ӯ на шакару не шира.
199.
Рӯзе, ки сабо ба бӯса кардан омад,
Мастона ишораҳош ҳа-ҳа мегуфт,
Рафтори баду дағал намояд в-он гоҳ,
Гулдухтаракони олу на-на мегуфт.
200.
Кошонаи назму наср дорад ин ҷо,
Сад нарху навои аср дорад ин ҷо.
Донӣ агаре, ки дар Ватан нашносанд,
Шоир ба Худо, ки қаср дорад ин ҷо.
201.
Маро имрӯза дунё карда аблаҳ,
Ман аз дунёи дуюм ҳастам огаҳ.
Ҳама дард асту сӯзу макру дом аст,
Бигӯ, дунёи сеюм ин кадом аст?
202.
Ин зан чӣ зан аст, нозҳояш ширин,
Покизагии намозҳояш ширин.

https://bikhon.tj/

Бар даст агар китоби Қуръон гирад,
Оҳангу суруду нозҳояш ширин.
203.
Дар куртаи зангору гули беқасаб аст,
Дармони тамоми решаҳои асаб аст.
Ин хонуми Олучаи зебоандом,
Гулдухтари Олухолаи туршлабаст.
204.
Ишқ аз пайи ишқ мунтазам меояд,
Илҳоми навишт рӯйи ҳам меояд.
Ман байту дубайтиҳои нав мегӯям,
Кайфияти бозии қалам меояд.
205.
Ҳар як суханат намозӣ бошад, баччам,
Дилсӯзиву дилнавози бошад, баччам.
Шукрона ба он, ки эҳтиромам дорӣ,
Кош аз ту Худой розӣ бошад, баччам.
206.
Ҳақиқат ҷо шуда дар ҷомадонам,
Гаҳе бардорамаш, гоҳо бимонам.
Замона кардаям марди дурӯя,
Ки ман фарзанди имрӯзи замонам.
207.
Фароҳам омада андар баёнам,
Дурӯғу рост дорад имтиҳонам.
Ба ҳарду ошиқам дар зиндагонӣ,
Кадоме суд орад, ё зиёнам?
208.
Клавишҳо тамоман ҷо ба ҷо нест,
Муҳандисҳои сар дигар ба по нест.
Ба буксер бурдамаш то назди усто,
Бигуфто: ҷони ман, ӯро даво нест.
209.
Дили ман чашмаҳо аз тан баровард,
Садои ғаж-ғажу ван-ван баровард.
Магар ки салникояш хӯрда гашта,

https://bikhon.tj/

Матори синаам равған баровард.
210.
Мавсими шаробхӯрданом бигзашта,
Чархидану тобхӯрданом бигзашта.
Бад кардаву тавба кардаву сад савганд
Бар номи китобхӯрданом бигзашта.
211.
Ман бе ту азоб мекашам, медонӣ?
Танқисии хоб мекашам, медонӣ?
Аз ҳусну ҷамоли ту ҳаловат бурда,
Назме ба китоб мекашам, медонӣ?
212.
Рӯзномаву дафтари Худо буд рамазон,
Як навъи табобату шифо буд рамазон.
Ин моҳи муқаддасе, ки буд аз мо рафт,
Меҳмони азизи ҷони мо буд рамазон.
213.
Якмоҳа саёҳат омадаст ин рамазон,
Бо пойи таҳорат омадаст ин рамазон.
Бар хизмату бар навозишаш бархезем,
Моро ба зиёрат омадаст ин рамазон.
214.
Ё доруи хоб додиям ин бегоҳ,
Ё заҳр дар об додиям ин бегоҳ.
Дар хобаму дар тобаму дар обам ман,
Сӯзондаву тоб додиям ин бегоҳ.
215.
Дунёи васеъ-манозили Фейесбук,
Дар авҷи баланд –маҳфили Фейесбук.
Бо байту ғазал, бо сухани ноҷоя,
Кайҳо задаем мо ба дили Фейесбук.
216.
Бо чангу чағона мезанам қуфли дарат,
Бо авҷи тарона мезанам қуфли дарат.
Рӯзона ба чашми душманонат нанамом,
Ҳангоми шабона мезанам қуфли дарат.

https://bikhon.tj/

217.
Дар савти шароб бозӣ кардем, гузашт,
Дар ҳавзаи об бозӣ кардем, гузашт.
Дар аспи ғурур бо такаббур гоҳе,
Гирд-гирди алоб бозӣ кардем, гузашт.
218.
Дар роҳравам сафи амакҳо бешанд,
Нонхӯрдаву боз кӯрнамакҳо бешанд.
Аз дасти чунин ба ном ҳаммиллатҳо,
Беному нишону бедаракҳо бешанд.
219.
Дар бонки хаёл раҳбарам медонӣ?
Бар хонуми кор шавҳарам, медонӣ?
Бо нумраву муҳраҳо кушоишнома,
Аз номи диёр дар барам, медонӣ?
220.
Куҷое мегурезам, мерасандам,
Маро дар равғани худ мепазандам.
Чунонам пашшаҳо ошиқ шуданде,
Ба ҷои бӯса онҳо мегазандам.
221.
Моҳи рамазон чу пири ботадбир аст,
Маърӯза ҳама зи ояту тасвир аст.
Аз мардуми бонамоз лаззатбардор,
Аз мардуми бенамоз домангир аст.
223.
Яке оғӯш карда пайкари ёр,
Яке дорад тараддуд сӯи бозор.
Мисоли наркаман аз субҳ то шом,
Нишнам ман бамназди компютор.
224.
Бар дафтари ман дубайтиҳои хуб кошт,
Ҳар мисраи гуфта як ҷаҳон маъно дошт.
Гуфтам, ки ҷавоби неки додар бидиҳам,
Ин н-омади кора бин, ки кайфам бардошт.
225.

https://bikhon.tj/

Имсол чӣ сол? Нола дорад борон,
Тифлони ба ном Жола дорад борон.
Сарнӯхта зада қатораи абри сияҳ,
Як моҳаки пур кашола дорад борон.
227.
Пурсони маро накард роёна хароб,
Ғамҳои маро накард роёна ҳисоб.
Қоим шуду оим шуду садҳо афсӯс,
Дар ҷогаҳи ман нарафт роёна ба хоб.
228.
Эй банда, биё, масҷид!
Эй бандаи раҳкачрав!
Ровӣ сари минбар шуд,
Дастони Худо бишнав!
229.
Бар соғару бар гулӯ салом мегӯяд,
Ҳар лаҳзаи шустушӯ салом мегӯяд.
Ин обаки чашма бо ҳазорон таъзим,
Дониста ба ҷару ҷӯ салом мегӯяд.
230.
Бо шеър суол карданӣ, додаракам,
Моро яку нол карданӣ, додаракам.
Дар бозии бузкашӣ ба Рахшаш имрӯз,
Ё ин ки ҳалол карданӣ, додаракам?
231.
Доираву тор мебарам ман имшаб,
Ҳар гуна навор мебарам ман имшаб.
Дарёб кунам то дили ҷононаи худ,
Афсона ба кор мебарам ман имшаб.
232.
Дар бонки ибораҳо пасандоз кунам,
Рӯ ҷониби шеъри тоза парвоз кунам.
Биншонда ба рӯи курсии вазни арӯз,
Аз ранги ҷигар гирифта пардоз кунам.
233.
Шунвандаи ту ду гӯш маҳкам мекард.

https://bikhon.tj/

В-он долу дарахти ҳавлӣ сар хам мекард.
Бар ак-аки туву хонадонат ҳар рӯз,
Гуё, ки саги ҳамсоя таънам мекард.
234.
Боз омад субҳи нав, мавзӯи нав,
Ҷумла кард оғоз гуфтугӯи нав.
Шаҳри ман, дар шохроҳи зиндагӣ,
Боз мебинам ҳазорон рӯи нав.
235.
Қар-қари селаи зоғ омад боз,
Марг бар умри чароғ омад боз.
Норизо аз ману аз ишқу ҳавас,
Нолаи синаи доғ омад боз.
236.
Дарде, ки идора карданӣ, ин ишқ аст,
Ашке, ки қатора карданӣ, ин ишқ аст.
Бар кажжӣ агар равона гардам ногоҳ,
Сӯи ту равона карданӣ, ин ишқ аст.
237.
Ҷо-ҷо малахе дутор мезад дар кишт,
В-он ғунда сари тури шикорӣ мешишт.
Печон-печон ду кирмаки лойхӯрак,
Дар коғази хоки кӯча чизе бинвишт.
238.
Эй кӯза, хароб кардиям, медонӣ?
Монанди таноб кардиям, медонӣ?
Бобам кардӣ ба бӯсаҳои шакарин,
Ҳамроҳи азоб кардиям, медонӣ?
239.
То зинда манам ишқ амонат дорам,
Шукронаву ифтихори номат дорам.
Инъоми ту бандаро, ки се Гурӯғлӣ,
Эй пири тавоно, эҳтиромат дорам.
240.
Ҳаждахба даромад духтари зардолу,
Парвона фузун бар сари зардолу.

https://bikhon.tj/

Монанди ману бародарам Исфандёр,
Хостгор зиёд бар дари зардолу.
241.
Келин хамаҷо ба ҷиннигӣ машҳур аст,
Дарди дили модари ғарибаш зӯр аст.
Лабро бинамуда зери дандон умре,
Қалби амакаш хуну Сикандар кӯр аст.
242.
Афшураи гандуму ҷаву ток занем,
Мо дасти тамаъ ба сӯи афлок занем.
Гургоштием рӯбару гарчанде,
Аз пушт ба чашми якдигар хок занем.
243.
Ҳамин хоҳам, ҳамин хоҳам, ҳамин кун,
Панаҳ аз диди шайтони лаин кун.
Муҳаббат деҳ, Худоё, дар вуҷудам,
Яке аз ворисони роҳи дин кун.
244.
Моро ба шумор мегирад аз боло,
Умре ба навор мегирад аз боло.
Ҳар кор, ки мекунем дар рӯйи замин,
Санҷида ба кор мегирад аз боло.
245.
Зодгоҳи оҳу афғон будаӣ.
Пойтахти сӯзу армон будаӣ.
Ман туро монанди беозор, дӯст,
Ту маро як душмани ҷон будаӣ.
246.
Ман рӯ ба ту бинмудаму маҳтоб гирифт,
Аз шавқ вуҷуди мо ҳама об гирифт.
Вақте зи канори ҳам ба берун рафтем,
Чашмони ситораҳои шаб хоб гирифт.
247.
Аз нигоришҳои Ҳофиз хондаям,
Қалбро марди мубориз хондаям.
Ман ба гирди қалъаҳои меҳри ту,

https://bikhon.tj/

Ишқи худро чун муҳофиз мондаям.
248.
Шукронаи ин маош дорам имшаб,
Аз равғани думба ош дорам имшаб.
Эй очаи баччаҳо, маро мешунавӣ,
Бо лутф ба ту талош дорам имшаб?
249.
Ин тавр латифу хубу озодаӣ ту,
Бо ҳусни расо ҷавоби мах додаӣ ту.
Таърифи зиёд доданам ҳоҷат нест,
Гӯё малаки худофиристодаӣ ту.
250.
Мардум, ҳама ҷо кори хато мебинам,
Оҳуи ҳавас гурезпо мебинам.
Аз дидаи хеш гаштаям дилмонда,
Бадбинӣ миёни акрабо мебинам.
251.
Аз рӯдаки ту садои дарё шунавам,
Оҳангу сурудаҳои Лайло шунавам.
Аз ман ту, ки ҳамсадои –ММ –шунавӣ,
Ман аз ту садоноки А-ву О шунавам.
252.
Ба таъзиму ба одоб аз гузаргаҳ,
Нигори дилкашу озода бигзашт.
Кӣ ибрат дода бошад ҳиндидухтар,
Саломи тоҷикона дода бигзашт?
253.
Сармоя ба сӯи ман назар кам задааст,
Ё доду гирифти хеш барҳам задааст.
Сармоя чу дилбаре, ки бо нозу адо,
Гул ошиқи бебарори сархамзадааст.
254.
Чу тифли гирярӯ омад баҳорон,
Ба дарё, ҷӯ ба ҷӯ омад баҳорон.
Ба дида ғарқи селоби ғаму дард,
Ба се маҳ рӯ ба рӯ омад баҳорон.

https://bikhon.tj/

255.
Қонуни дигар дигар бароварда нашуд,
Фармони варо ба ҷой оварда нашуд.
Гуфтам, ки иловаҳо дорорӣ, чӣ шавад?
Дил розӣ нашуд, ҳеҷ дароварда нашуд.
256.
Баҳори хандарӯ хандида бигзашт.
Ба қабристон дуо бахшида бигзашт.
Қатори солимони беғаму дард,
Мани бемори ғамро дида бигзашт.
257.
Сабре, ки намудам, интиҳо мехоҳам,
Аз лаъли лаби ту бӯсаҳо мехоҳам.
Шояд, ки ту пай барӣ аз ин гуфторам,
Зеро ба илова ким-чиҳо мехоҳам.
258.
На аз момову бобо қисса дорам,
На аз мероси додо ҳисса дорам.
На дар як кассае дорам амонат,
Ба худ не як изофа киса дорам.
259.
Яке то бар сурайё хона бардошт,
Яке афсона аз афсона бардошт.
Яке бо дасти холӣ омаду рафт,
Ҳар он чӣ кишт, тухму дона бардошт.
260.
Боре нарасад ба гӯши ту тарғибам,
Тартиби замона мекунад таъқибам.
Иснайперу нагун дар пешоним,
Шояд мани сода хеш бетартибам?
261.
Саногӯи туям дар пушту пешат,
Маро аз ту ҷудо кардан намешад.
Бидонам Оли Сомон холабаччам,
Бухоро аз бароям хола мешад.
262.

https://bikhon.tj/

Дар минбари ҷилваҳову нозе мешишт,
Дар марзаи сина сурати гул мекишт.
Сад гуна ариза кардамаш бо ман бош!
Дар кунҷи аризаҳом «атказ» бинвишт.
263.
Шароитҳо мухайё шуд, вале дер,
Адоватҳо мадоро шуд, вале дер.
Таваккал карда рафтам бар қиморе,
Ҳама зиштам чӣ зебо шуд, вале дер.
264.
Имрӯза писар кидат кунад додоша,
Дуздида хӯрад пайдову нопайдоша.
Маънои демократияро фахмидам:
Мардинаи имрӯза чинад кошоша.
265.
Не як тани пӯшидаву як ишками сер,
Шуд зинда зи нав нишонаи «Ҳай Гитлер»,
Озодии тоҷикони озода нигар,
Бар китфи ҳама рутбаи «Гастарбайтер».
266.
Ноқобилии бачча кушад бе тирам.
Бо дарди пушаймонии худ мемирам.
Ҷон гуфта, балои ҷон кардам бо худ,
Умре мани гӯл зи хеш домангирам.
267.
Модар сари марги худ дуо гуфт:
Ҷон садқаи Ту кунам, Худо-гуфт.
Чун ман ба қтори ман ба модар,
Маҳтобу ситора «алвидоъ» гуфт.
268.
Дигар ту маро садо макун, ман нестам,
Шӯру мағале ба по макун, ман нестам.
Хоҳӣ зи пасам дуо кунӣ, боке не,
Ҷон аз бари ман фидо кунӣ, ман нестам.
269.
Соат сари рахши худ умре дар тоз,

https://bikhon.tj/

Ин боди аҷал ба мо намегирад соз.
Оне, ки рабуд модари зори маро,
Фардо ба муқобили кӣ мехезад боз?
270.
Даруни хона хоҳӣ, симу зар пӯш,
Ба берун меравӣ, тарзи дигар пӯш.
Ба бар кун тоҷикона ҳар матое,
Чу модар содаву зебову тар бош.
271.
На тилфуну на мактуб аст имшаб,
Маро навмедӣ мағлуб аст имшаб.
Саропо кулбаҳои меҳр барпо,
Чи хуш ташкилии хуб аст имшаб.
272.
Хонуми гулдомани занҷирамӯ,
Лаҳзаҳо бо ман намуде гуфтугӯ.
Рӯи зини биниш биншаста буд,
Айнаке бо нумраи «плюс-2».
273.
Тагаргу барфу борон ҳар куҷо рехт,
Закоту хайру эҳсони Худо рехт.
Набуд ҷое, ки ӯ норехта бошад,
Ба рӯйи дафтари мо муддао рехт.
274.
Эй фасли хазони пургунаҳ, омадаӣ,
Бо барги вазони рӯйи раҳ омадаӣ.
Бишкаста пару боли тамоми гулҳо,
Бар кишвари лола тирамаҳ омадаӣ.
275.
Неши бади хору ғишшахо мекушадам,
Озодӣ куҷо? Хархашаҳо мекушадам.
«Бигланҷ»-у пакети «Бич»-у «Ролтон»-и Хитой,
Ин гуна намуди кашаҳо мекушадам.
276.
Баъди борон деҳаро тар дидаям,
Ҷомадони субҳ аз зар дидаям.

https://bikhon.tj/

Товуси зебо миёни абрҳо,
Ман саморо ширу шаккар дидаям.
277.
Дар кишвари ақли хеш хизмат кардем,
Мо такя ба боғи панду ҳикмат кардем.
Берун қадаме намонда аз роҳи накӯ,
Фармуди Худой дар шариат кардем.
278.
Дар кишвари дай шикасти Баҳман хӯрда,
Тири сухани зиёд аз ман хӯрда.
Ҳаргиз наравам, гуфтаву бо номи Худо
Дардам ба танам қасами ҷабран хӯрда.
279.
Ба ёдат ҳаст кайфи бода будӣ,
Барои бӯса додан зода будӣ.
Миёни синаят ҷоям намуда,
Чӣ хуш обу зиёфат дода будӣ.
280.
Шоир дараи китоби худ гум карда,
Ошиқ сару сарҳисоби худ гум карда.
Гоҳ аз сари хайр бӯсаҳоям медод,
Маъшуқа раҳи савоби худ гум карда.
281.
Ҷонона ба ман нишони қишлоқаша гуфт,
Афсонаи садсолаи айлоқаша гуфт.
Аз бӯсаву аз канору аз кайфи ҳазор,
Охирсухане, ки гуфт, қаймоқаша гуфт.
282.
Намудӣ ҳар куҷо бардор-бардор.
Ба маҷлисҳои нодаркору даркор.
Задӣ беҳуда ӯро бар чапу рост,
Ту дасти ростро кардӣ гунаҳкор.
283.
Фурӯши бистару болин накардам,
Ва савдое на як қолин накардам.
Бидидам рӯи нопоки касеро,

https://bikhon.tj/

Саҳар то шомгаҳ починнакардам.
284.
Гаҳе аз шӯхӣ мечӯшад гули ман,
Ба пояш унтӣ мепӯшад гули ман.
Кафе-Бар хонамаш ҳар вақти холӣ,
Три в одном менӯшад гули ман.
285.
Яке аз дур ранги ҳина метофт,
Яке абрӯсияҳ, сабзина метофт.
Чиҳил соласт рӯяшро надидам,
Ба ман сабзинааш Таҳмина метофт.
286.
Ҳақиқат дар забону дар дар навишт аст,
Ҳақиқатро кӣ дида, ё кӣ киштаст?
Надиданду надидему набинанд,
Ҳақиқат, ҷони бобо, дар биҳишт аст.
287.
Бубахшам санҷиши наспурдаатро,
Дили аз синаи ман бурдаатро.
Ҷавоби ту фақат бар як суолам,
Чӣ боло карда аз таҳ куртаатро?
288.
Раҳораҳ дар сафар гуфтам дубайтӣ,
Чӣ хуш зебову тар гуфтам дубайтӣ.
Муфассал чун ғазал не, аз бароят,
Ба таври мухтасар гуфтам дубайтӣ.
289.
Киро хандонда мемирам,
Киро гирёнда мемирам.
Ба ҳарду гӯши Арзоил,
Дубайтӣ хонда мемирам.
290.
Пагаҳ мебинӣ дар пушти мазорам,
Талаб аз миллати худ ман чӣ дорам:
Барои хоҳарони тоҷики худ,
Туро ҳамчун намуна мегузорам.

https://bikhon.tj/

291.
Ман зи руи ту малакро дидаям,
Офтоби Аммалакро дидаям.
Дар нигоҳи гарму ширини ту, гул,
Дӯстдорони фалакро дидаям.
292.
Ҷаҳонеро ба ҳайрат мондаӣ ту,
Ба олам меҳри худ афшондаӣ ту.
Ба чандин моҳу чандин сол, эй дӯст,
Бигӯ, ки дар куҷоҳо хондаӣ ту?
293.
Иқтисоди пулу молӣ шуд, биё,
Рӯи хонам хушку холӣ шуд, биё.
Дида-дида зиндагии сахтро,
Синаям-Баҳри Шимолӣ шуд, биё.
294.
Рабудӣ аз сари ман модарамро,
Ба ҳадди Ҳавзи оби Кавсарамро.
Ту шояд ошиқаш будӣ, ки бурдӣ,
Худоё, вориси пайғамбарамро.
295.
Ҳамин, ки соатеро холӣ меёфт,
Зи мӯҳояш кашида ришта метофт.
Ба хуни дил ҳазорон нақш мезад,
Ба пойи ошиқаш пайтоба мебофт.
296.
Салом, устод, гуфту хонум истод.
Саломе гуфтамаш, эй ҷони устод.
Барояш сурати дил роҳӣ кардам,
Ҷавоби расми дил «фиг»-ам фиристод.
297.
Агар лозим шавад ҷонро фидо кун,
Барошон ҳуҷраи зебо чудо кун.
Чу Рубль ҳам бикун сар зери пошон,
Барои Ҳазрати Доллар дуо кун.
298.

https://bikhon.tj/

Яке Гулмаҳмадам гуфто, ба ёд аст,
Шуморо «Ҳоҷӣ»-ву «Гул»-гӯ зиёд аст.
Наранҷидам яке боре ! Гулак гуфт,
Маро ҳафтум тахаллус Гулмурод аст.

299.

Ду Гул биншаста бо ҳам шеър гуфтем,
Чӣ хуш пайваста бо ҳам шеър гуфтем.
Нагуфта ҳарфи болохонадоре,
Ба дил вобаста бо ҳам шеър гуфтем.

300.

Худо яктову банда ҷамъият ҳаст,
Ибодат гар кунӣ, якто ният ҳаст.
Агар бошад амал аз рӯи Қуръон,
Чаро байни ду муслим зиддият ҳаст?!

301.

Зи Ҳақ гӯӣ, маризат меҳисобанд,
Баланд ойӣ, азизат меҳисобанд.
Баҳоятро на аз рӯи тамизат,
Зи рӯи молу чизат меҳисобанд.

302.

Аҷаб холу хатам додӣ, Худованд,
Ҳама сад дар садам додӣ, Худованд.
Туро шукрона бинмоям, ки имрӯз,
Ба пирӣ навбатам додӣ, Худованд.

303.

Худованд «мантажам» кардаст, азизон,
Чӣ шайтон «шантажам» кардаст, азизон.
Ҳаминро бо дили озурда гуфтам,
Ғарибиҳо кажам кардаст, азизон.

304.

Фишурда мос карда, рост карда,
Муносиб, ё ки қоим карда гуфтам.
Ба рафторат назар бинмуда шеъре
Гуворову мулоим карда гуфтам.

305.

Эй майзада, соғари туро мешиканам,

https://bikhon.tj/

То ту напарӣ, пари туро мешиканам.
Нисбат ба гурури иблиси шайтонат,
Мегардаму бовари туро мешиканам.
306.
Бароям ошиқона хат навиштӣ,
Барои гул ба ман раҳмат навиштӣ.
Накардӣ сирри моро ошкоро,
Ғалатҳои маро дар «чат» навиштӣ.
307.
Мешӯраму меноламу меистезам,
Эй ғам, ба муқобили ту бармехезам.
Бо шодиву бо табассумам мекушамат,
Хоки ватани туро ҳама мебезам.
308.
Яке бо ашки ғам дил холӣ мекард,
Ба шеъру бо қалам дил холӣ мекард.
Яке бо доду фарёду ҳаёҳу,
Яке бо сад грамм дил холӣ мекард.
309.
Яке халку диёри хештан тохт,
Ба худ аз қасрҳои мармаре сохт.
Ба оғил ҷо намудандаш дар охир,
Занаш дар зери пояш хушкӣ андохт.
310.
Яке зан дар зани сеюм гурӯҳ буд,
Нашасти хонааш рӯ сӯи кӯҳ буд.
Ба як мирӣ агар худ қиммате дошт,
«Проб»-и ҳалқаҳояш сета нӯҳ буд.
311.
Ду зан дар рӯи роҳаткурсӣ бо ҳам,
Ҳикоят доштӣ инаш ба инаш
Яке таърифи некӣ шавҳари худ,
Дигар аз қиммати ангуштаринаш.
312.
Дорандаи Мерсу Ланкрузаш карданд,
Дорандаи пул алалхусусаш карданд.

https://bikhon.tj/

Дар охири дам ба ӯ чӣ шуд, медонӣ ?
Маҳбасхона бурда хурӯсаш карданд.
313.
Равам, очат маро ғам медиҳад, ҷон,
Внимани ба ман кам медиҳад, ҷон.
Пас аз измена карданҳои ман ӯ
Муҳаббатҳоша барҳам медиҳад, ҷон.
314.
Ту гул ҳастиву мепошам гулобат,
Ман аз болои зулфони дутобат
Ба ҷону дил, ба микдори муайян,
Зи рӯи шавқу завқу интихобат.
315.
Ма шифер мезанам дар боми додот,
Ба ин меоварам илҳоми додот.
Ҳамин, ки чашми ман бар чашмат афтод,
Дигаргун мешавд андоми додот.
316.
Қалам кардем, мо абрӯи Ширин,
Задему чётка кардем мӯи Ширин.
Ба он соне варо оро бидодем,
Дигар гап нест дар мавзӯи Ширин.
317.
Дубайтиҳои хандони маро хон,
Дубайтиҳои гирёни маро хон.
Бурун аз Тоҷикистони азизаш,
Чу ман дар Русӣ сарсони маро хон.
318.
Ману Хорпуштаку оқои Ранда,
Ҳама будем, мо, аз як команда.
Якеро карда будем тахтаба рост,
Якеро кушта будем мо зи ханда.
319.

Қасам бар сурфаву бо лаълии нон,
Туро як пайсае не дар ду кармон.

https://bikhon.tj/

Машин дар рӯ ба рӯям, тира гардӣ,
Таҳу боло бизан монанди мардон.
320.
На парвои дару девор кардӣ,
На раҳме бо гулу гулзор кардӣ.
Шикастӣ қомати сарву санавбар,
Дарахтонро ҳама террор кардӣ.
321.
Ба дарё наздат оям гӯям, аммо,
Кунад монеъӣ Делфинуу Насадка.
Ба Як-сорок(40) маро лозим биомад,
Ба майдони ту бинмоям пасадка.
322.
Ба меҳмонӣ маро ҳамроҳӣ карданд,
Чунин рафторро бегоҳӣ карданд.
Нахобонданд, на наркосам бидоданд,
Нахално рӯи раҳ ҷарроҳӣ карданд.
323.
Ариза карда, бомамро гирифтӣ,
Ба зӯрӣ Гуланорамро гирифтӣ.
Алиментро баҳона карда ҳар моҳ,
Ду танга музди корамро гирифтӣ.
324.
Ҳазорон риск кардам, дарнаёфтам,
Касета-диск кардам, дарнаёфтам.
Кушодам дафтари «Одноклассник»,
Туро поиск кардам, дарнаёфтам.
325.
Туро беҳуда ғам додан натонам,
Аҷинота қасам додан натонам.
Бирав, муллои сеҳру ҷодуро ҷӯй,
Ба ту ман оби дам додан натонам.
326.
Маро дар сина ҳисси навҷавон аст,
Вуҷудам бар ту не, бар ман аён аст.
Магӯ дар синфи якум шустри буд,

https://bikhon.tj/

Ҳанӯзам ғайратам хеле калон аст.
327.
Бубин дар шоҳидии Васка бобот,
Арӯсат карда аз дар мебарорам.
Мазан уллос, ҷонам, Лайкабону,
Туро фардо ба шавҳар мебарорам.
328.
Аз камкорӣ зиёда дардам, баччам.
Авҳолакама сёмка кардам, баччам.
Пулле, ки зи ҷайби ман ба кайҳо гум аст,
Те-те, гуфта мемунӣ гардам, баччам?
329.
Шаши нол-нол омад соҳиби зан.
Қатори мол омад соҳиби зан.
Чаҳорто ҷайба дорад, як дирам не,
Ба як авҳол омад соҳиби зан.
330.
Чӣ панди кӯри Маҳмудро гирифтӣ?
Ту духтархолаи худро гирифтӣ.
Зи қонунои нав огоҳӣ ёфта,
Рамидӣ! Роҳи Сургутро гирифтӣ.
331.
Бе равғани ман маторатон хоҳад зад,
Қурби лаби чун аноратон хоҳад зад.
Савдои ману шумо ба ҳам гар напазад,
Куллӣ ҳама нархи боратон хоҳад зад.
332.
Ба нодорӣ қаноат карда мондем,
Ба мардикорӣ одат карда мондем.
Ҳама ҷоҳил шудем аз бесаводӣ,
Ба ҷони худ хиёнат карда мондем.
333.
Маро Хон гуфтанатро ёд кардам,
Дилу ҷонгуфтанатро ёд кардам.
Зи шӯхӣ Лилипутат гуфта монам,
Пошёл вон гуфтанатро ёд кардам.

https://bikhon.tj/

334.
Ту гар шаҳдухтарӣ, аммо зан астӣ,
Паси беобрӯям кардан астӣ.
Ба ҳар ранге туро ман менавозам,
Ту асбоби мусиқии ман астӣ.
335.
Ба мардон марду бо занҳо зан астӣ,
Насиму обу хоку гулхан астӣ.
Ту дар рафтору дар гуфтору кирдор,
Сазовори санову аҳсан астӣ.
336.
Касал будам, уколам карда будӣ,
Ҳазору як суолам карда будӣ.
Ба вақти бӯса чун аз ҳуш рафтам,
Ба рӯймолак шамолам дода будӣ.
337.
Дехқонии хубу мол кардам, баччам,
Ман меҳнати худ ҳалол кардам, баччам.
Худро ба гарав мондаму аз баҳри Шумо,
Ғам хӯрдаму ҷоҷалол кардам, баччам.
338.
Бо найзаи нури мо дилаш рафтан не,
Бо тундиву шӯри мо дилаш рафтан не.
Чодар ба замини синаи мо задааст,
Бо зориву зӯри мо дилаш рафтан не.
339.
Бари ҳафтодумин солаш гиристам.
Аз ӯ пинҳонӣ бар ҳолаш гиристам.
Бигуфтам: ҳайфи одам, ҳайфи одам,
Чу кӯдак ман зи думболаш гиристам.
340.
Набуда лоиқи бозор молам,
Накарда лаҳзае раҳме ба ҳолам.
Ба дӯши ман ниҳод айби дубайтӣ,
Гирифту кард ногаҳ протоколам.
341.

https://bikhon.tj/

Ливои ишқро афрохтам, гул,
Ҳама қарзи туро пардохтам, гул.
Биё, ки ғафс шуд мастобаи ман,
Биринҷи Ёваро андохтам, гул.

342.

Агарчи ҳамзаминам хондаӣ ту.
Ба худ дӯсти каринам хондаӣ ту.
Чу дидӣ, ки харат аз об бигзашт,
Враг номер одинам хондаӣ ту.

343.

Ҷанг омаду бесавод мондем, баччам,
Дур аз хушии ҳаёт мондем, баччам.
Аз рӯи вазифамо наёфтем коре,
З-ин рӯ ҳама банкрот мондем, баччам.

344.

Сараввал халтаи носам бидоданд,
Барои риш алмосам бидоданд.
Задандам сиву шашто бо дубинка,
Пас аз он пару вопросам бидоданд.

345.

Тамоми мардуми мо журналистанд,
Ба саршон ҳарчӣ ояд, дарнавистанд.
Агар як зарра гӯӣ аз ҳақиқат.
Ба ҳукми Суди Олӣ мефиристанд.

346.

Савора гирди Майданро гузаштам,
Арартуҳои арманро гузаштам.
Дар ин панҷоҳу шаш соле, ки дорам,
Ҳазору нуҳсаду анро гузаштам.

347.

Бихондам номаатро рӯи чад, гул,
Маро дар байни мардум кардӣ бад, гул.
Дар охир тоқатамро тоқ кардӣ,
Таҳи ҷоғатба хӯрдӣ оқибат, гул.

348.

Гурӯҳе дар таманнои лаботанд,

https://bikhon.tj/

Дуогӯи Ту дар пешу қафотанд.
Дубайтиҳои дигар майда-майда,
Худоро шукр, ҳоло дар ҳаётанд.
349.
Додар ба акои хеш хеле бад гуфт,
Айбнома зи ӯ гирифту сад дар сад гуфт.
Мероси падар ҳама ту аз худ кардӣ,
Бар ҳиссаи гӯри падарат лаънат гуфт.
350.
Яке тиллову гавҳар гуфта дар ҷанг,
Яке бо завҷааш ғар гуфта дар ҷанг.
Шиори Сулҳ аз байн рафт имрӯз,
Яке Аллоҳу Акбар гуфта дар ҷанг.
351.
Ба ҳар ҷое, ки рафтам, ғаш намудӣ,
Ба ман умре кашу бар каш намудӣ.
Тавонистӣ! Ҳалолат бод, эй гул,
Диламро баста ресмонкаш намудӣ.
352.
Инетатба мешат хоҳам намудан,
Правота лишат хоҳам намудан.
Гуселат кардаву худ дар Рассия,
Свободно дишат хоҳам намудан.
353.
Кушоиш аз Худо дархост кардам,
Ҳар он чизе, ки ӯ мехост, кардам.
Буридам, дӯхтам, қолиб задам, ман.
Дубайтии наверо рост кардам.
354.
Чӣ гуна феъли бад дорӣ, гули ман,
Инето раҳбалад дорӣ, гули ман.
Гирифтӣ ранги дигар дар Рассия,
Правота качат дорӣ, гули ман.
355.
Шудам мамнуни кокулҳоиЛайлӣ,
Нафақа хостам, ҳуҷҷат надорам.

https://bikhon.tj/

Ба духтурҳои носолим чӣ гӯям?
Кунам қонунияш, буҷҷат надорам.
356.
Писарча гӯшт гуён нола сар дод,
Ба рӯи киштаҳо ӯ мола сар дод.
Бубинед толеъи бадро, азизон,
Табоқу коса ҳам ҷанҷола сар дод.
357.
Агарчӣ мард дар номем, ё Раб,
Майи дар ҷом оромем, ё Раб.
Замона пайкари моро шикаста,
Ҳама дар ҳолати комем, ё Раб.
358.
Замона гуфти мардум хуб замон шуд,
Замони мардуми ҳозирзамон шуд.
Зи пушти мансабаш чандин бародар,
Бародарро бикушту қаҳрамон шуд.
359.
Ту гуфта, умр барбод медиҳам, чӣ?
Шудам пир гуфтаву ход медиҳам, чӣ?
Куҷо рафтам, куҷо шиштам, чӣ кардам,
Ба ту ҳар ҳафта отчёт медиҳам, чи?
360.
Он роҳи гузашти ту надонам, илҳом,
Ман бе буди ту бигӯ, чӣ хонам, илҳом.
Дубайтӣ маро чӣ камнамоӣ, гӯяд,
Пас айба ба гардани ту монам, илҳом.
361.
Гузашт як моҳи дигар аз ту дата,
Намедонам, чӣ биспорам зи хата?
Бигӯ, дасти маро кай мекунӣ чарб?
Бимирам аз ғамат, эй зарплата.
362.
Ба худ раҳ додаву шодам намуда,
Зи доми ғусса озодам намуда.
Муҳайё аз бароям хонаву дар,

https://bikhon.tj/

Рассия хонадомодам намуда.
363.
Ин Тоиру Шоири туву Димаи ман,
Ҳам нимаи ту буванду ҳам нимаи ман.
Пӯшондани баччаҳобар зимаи ту,
Оббозии баччаҳо бар гардани ман.
364.
Аз Ватан додараку хоҳаракам меояд,
Зани бар мушкили тобоваракам меояд.
Ҳама дар ҳасрати дидори мани бечора,
Ба ҳама омадашон боваракам меояд.
365.
Варақ гардонда шиштан метавонад,
Алифбо хонда шиштан метавонад.
Чӣ мешад дар ТВС ҷони бобо,
Ба мо фаҳмонда шиштан метавонад.
366.
Маҳин астиву шағшулат насозам,
Дар оби ганда маҳлулат насозам.
Накӯкорист шуғлат, ҷони ширин,
Ба дигар кор машғулат насозам.
367.
Яке бар гӯши шеърам тарсакӣ зад,
Зи думболаш саге, ё акаке зад.
Ба истиқболи ӯ шодам, валекин,
Чиҳил хонанда чилто қарсакӣ зад.
368.
Зи меъёраш сухан гуфтӣ зиёда,
Ба гӯши ҳам савора, ҳам пиёда.
Ду қошуқ шаккар андозӣ, басанда,
Қаламфурро бикун ҳам истифода.
369.
Маро ҷо додӣ дар бӯстонсароят,
Харидам, гуфтӣ кафше зеби поят.
Бигӯ, Цейлонӣ, Ахмад, ё Брукбонд,
Кадомин чоя резам аз бароят?

https://bikhon.tj/

370.
Туро оби таҳорат медиҳам, гуфт,
Иҷозат бар Аморат медиҳам, гуфт.
Даҳонатро нигаҳ дорӣ фақат шуд,
Чӣ хоҳӣ беҳақорат медиҳам, гуфт.
371.
Нишастам дар кабини мошини «Маз»,
Барои ҳуҷҷато рафтам ба марказ.
Ба дард омад сари бечораам боз,
Ҳамин шаб очаҷонаш туппаам паз.
372.
Қади болои зеби пайкарашро,
Тамошо кардаму додам балашро,
Ба гӯшаш пастакак, вақти муносиб,
Ба ӯ гуфтам гапа ман, дангалашро.
373.
Насиҳат додамат, абрӯ гирифтӣ,
Зи иншои муҳаббат ду гирифтӣ.
Рассия омадиву гаштагашта,
Чӣ кардӣ?Як зани БУ гирифтӣ.
374.
Барои ношто қотурма кардӣ,
Лабашро сӯхтиву бурма кардӣ.
Каме эрод бигрифтам, мани гул,
Маро бо моддаи 2 турма кардӣ.
375.
Маро ними Житомир мешиносад,
Мусалмон то ба кофир мешиносад.
Ҳазорон сол гар ин ҷо бимонам,
Маро ҳамчу мусофир мешиносад.
376.
Бигӯ, оё ту дар минбар нишастӣ?
Ва ё машғул бо дафтар нишастӣ?
Чӣ бо руҳонӣ андар издивоҷӣ?
Ба кайҳо дар таҳи чодар нишастӣ.
377.

https://bikhon.tj/

Ту мавзӯи мани дарвешӣ имшаб.
Саропо ғарка дар пул мешӣ имшаб
Падар орост хони хатнасурӣ,
Худо хоҳад, мусулмон мешӣ имшаб.
378.
Яке зодрӯз истиқбол дорад,
Яке мавлуди Истиқлол дорад.
Яке моли туро бинмуд ғорат,
Яке хуни ман истеъмол дорад.
379.
Ба мактаб рафтаму як, ду навиштам,
Ба маънӣ шиштаму хушрӯ навиштам.
Гузаштам сонӣ бар ҳарфу ҳиҷоҳо,
Ҳамоно вожаи люблю навиштам.
380.
Мусофирбаччаи сарсонам, эй гул,
Ба гулзорат бикун меҳмонам, эй гул.
Биё, тангам бигир! Лаб бар лабам мон,
Дар арвоҳои очат ҷонам, эй гул.
381.
На аз бандат, на аз ту меҳаросад,
Ҳама оҳанги бадро менавозад.
Худоё, Амрико аз зоти шайтон,
Ду пӯсти қоқа бо ҳам ҷанг дозад.
382.
Рассия маркази Вампир шуду монд,
Ҳавасманди камону тир шуду монд.
Ба ҳар ҷое равӣ, дар тан ҳарос аст,
Неорусаш саги бадгир шуду монд.
383.
Криса бо ту ман номат ниҳодам,
Ба боми хонаам домат ниҳодам.
Ба кулли, дуздиҳоят бар дилам зад,
Ҳалоҳилзаҳр бар ҷомат ниҳодам.
384.
Дар ин ҷо, ё ки дар Компучӣ мекард,

https://bikhon.tj/

Ту медонӣ, ки додоят чӣ мекард?
На монанди ту дар мобайни кӯча,
Маро пинҳонӣ умре мучӣ мекард.
385.
Бизистам дар қатори поку нопок,
Ҳазорон бода хӯрдам аз раги ток.
Аҷал меронад акнун аз маконам,
Ҳаросон меравам бар кулбаи хок.
387.
Ба дастат нону дар наздат сабат ҳаст,
Шумори риштаҳоят сад кабат ҳаст.
Ду маҳрукулчаҳоят шуд аёнам,
Бигӯ, андар танӯрат чанд адад хаст?
388.
Мапиндорӣ сабукпойодамам ман,
Расо дорандаву бойодамам ман.
Шавам хоки қадамҳотон, азизон,
Худо шоҳид, прастойодамам ман.
389.
Чаро дар пушти раф ҳастӣ, пиёла?
Туро ношуста пинҳон кард хола?
Туро бо хокаҳои кимиёвӣ,
Худам оббозӣ медорам, пиёла.
390.
Арӯс овард баччам, Мазда номаш,
Нахустин зан ба ӯ гардид ғуломаш.
Чунон танноз ин ҷопонидухтар,
Чӣ гардад зиндагӣ охир, давомаш?
391.
Маро хонӣ, ту бар гап медаровӣ,
Ба омӯзиш, ба мактаб медаровӣ.
Паси лаззатбарӣ ту, хоҳу нохоҳ,
Ба оғӯшам ба ҳар шаб медаровӣ.
392.
Битобӣ рӯй аз хондан, писарҷон,
Ва хиште рӯи хишт мондан, писарҷон.

https://bikhon.tj/

Намеояд зи дастат ҳеҷ коре,
Ба ҷуз аз рулгардондан, писарҷон.
393.
Яке сӯрохиҳоро пена мекард,
Яке мӯи сарашро фена мекард.
Муҳоҷирбаччаи зандори тоҷик,
Движени ба сӯи Лена мекард.
394.
Зи дастат ҳеҷ н-ояд ҷуз ба ман-ман,
Намефорат насиҳат бар ту кардан.
Ба чил рафтиву ойимбозӣ то ҳол,
Ту кай одам шавӣ, эй тахтагардан?
395.
Шитоби кор кардем аз сари субҳ,
Нишаста як дуо дод модари ҷон.
Ба тифлоне, ки бар ӯ монда рафтем,
Паёме аз Худо дод модари ҷон.
396.
Ҳамегӯям, ки молҳоро чӣ кардед?
Чу ман чандин уболҳоро чӣ кардед?
Ба ин монанд гӯед, эй раисон,
Ҳазору як суолҳоро чӣ кардед?!
397.
Туро ҷои сифаткардан набошад,
Ва ғайбат рӯи чад кардан набошад.
Ба соне ҳастӣ бад моми зимистон,
Дигар боло ба бад кардан набошад.
398.
Агарчанде зи ту ғамхо бидидам,
Зи гармиҳо ками камҳо бидидам.
Ба ҳаштоду ба сад андар ҳарорат,
Хунуктар аз ту одамҳо надидам.
399.
На файзе мондӣ андар гулистон,
Зи водӣ бастаӣ роҳи куҳистон.
Басо тӯл мекашӣ, панҷ моҳу шаш моҳ,

https://bikhon.tj/

Ту бешак мекунӣ пирам, зимистон.
400.
Ту бошӣ гар паси дилсӯзии ман,
Бишав пурсони ризқу рӯзии ман.
Назар кун, худ баҳо дех, ҷони ширин,
Чунин аст ҳолати имрӯзии ман.
401.
Дубайтидухтарам ҳомиладор аст,
Дугоник буданаш дар интизор аст.
Намедонам, кадом маҳ бошад, аммо,
Ба олам омадаш мавсими кор аст
402.
Бо кулли мусофирон ту хешӣ, баччам,
Медонӣ калон шавӣ, чӣ мешӣ, баччам?
Дар рӯзнома таълими меҳнат ҳама панч,
Бо ман, ки ту қолабу ширешӣ, баччам.
403.
Зани ҳамсоямо клёвӣ буданд,
Ба тилвизуни тоҷик ровӣ буданд.
Ба сар доштанд шоле аз Оренбург,
Ҷӯроби пояшон махровӣ буданд.
404.
Паём аз баччаҳо додам, гиристед,
Ба онҳо як-ду сум кай мефиристед?
Падартон одами талкови буданд,
Намедонам, шумо фарзанди кистед?
405.
Нигори ман наёмад хона имшаб,
Кӣ гуяд, қиссаву афсона имшаб?
СМС-ҳои мо через ту буданд,
Аловат мезанам, роёна, имшаб.
406.
Маникен монда савдо мекунам ман,
Биё, гир, гуфта савдо мекунам ман.
Дурӯғро мебарам то бар сурайё,
Ҳамин тур, оча, савдо мекунам ман.

https://bikhon.tj/

407.
Дилат то гарм шавад, тенат занам ман,
Ту то хушрӯ шавӣ, фенат занам ман.
Бигирад телвизорат аз ғарибӣ,
Ба пушти мӯрӣ антенат занам ман.
408.
Куҷое хоҳӣ, таскат мекунам, гул,
Пласкат карда, ласкат мекунам, гул.
Кунӣ розница то ту аз дигарҳо,
Педикюру краскаат мекунам, гул.
409.
Се байти зимистона навиштам, ях кард,
Дар пушти дари хона навиштам, ях кард.
Бар гӯши ҳаво магар нафорид байтом,
Дар синаи роёна навиштам, ях кард.
410.
Ҳамсоя дару девора бад зад, бас кун!
Нозири участка сад лағат зад, бас кун!
Дар дасташ уколи гарм омад ба ғазаб,
Медсестра духтари Самад зад, бас кун!
411.
Наойӣ, ҳоли мо бад мешавад боз
Ватан поринааҳмад мешавад боз.
Миёни пиру барно то дили марг
Ҳазорон аз ту ғайбат мешавад боз.
412.
Бо ҳам, ки ширеши мо начаспид, бирав,
Сӯҳбат ба миёни мо натафсид, бирав.
Мо ҳарду, ҳавои хеш додем бар ӯ,
Шайтон, ки зи мову ту натарсид, бирав.
413.
Маҷоли халкиро такрор дорам,
Ман имрӯз аз саҳар шудгор дорам.
Биё, бегоҳӣ, вақти холиям ҳаст,
Пагаҳ то соати се кор дорам.
414.

https://bikhon.tj/

Пагоҳӣ модарам аз худ дарак дод,
Хабар аз ними соат камтарак дод.
Ба вазни се килову чил громӣ,
Ба ту Халлоқи олам додарак дод.
415.
Ба ман ҳамраҳ шавӣ, гум мешавӣ ту,
Гунаҳ нокарда, маҳкум мешавӣ ту.
Ту то меёбӣ ноне баҳри хӯрдан,
Ҷудо аз гӯшу аз дум мешавӣ ту.
416.
Ана, ман омадам, дарвоза руст аст,
Паси дарвозаат авчарка хуфтаст.
Ба зулфони даричат ҳалқаи зар,
Фиреби додаят оё дуруст аст?
417.
Арӯсакҷон, ба ту гав мехарам ман,
Сатилу гуппии нав мехарам ман.
Худо хоҳад пас аз се солу шаш моҳ,
Агар рафтам, зи Маскав мехарам ман.
418.
Таомамро гирифтӣ, мондӣ пешат,
Ғаминам кардӣ аз ҳоли парешат.
Магӯ не, розӣ шав, бар фифтӣ-фифтӣ,
Агар бо ҳам бубинемаш, чӣ мешад?
419.
Магар берун зи деворат намуданд,
Ва ё аз бозӣ бекорат намуданд.
Кадомеро таҷовуз кардӣ, шояд,
Гурехтӣ, ё ки сангсорат намуданд?
420.
Ба меҳмонӣ биё, шӯрбои ман пухт,
Зи раҳгардӣ ба гирдаш пои ман пухт.
Даруни офтоба карда ҷиз-ҷиз,
Зи тафси лахча ҳам ширчои ман пухт.
421.
Ба меҳмонони худ ақвот кардам,

https://bikhon.tj/

Ба қошуқ оби ӯро бод кардам.
Худо хохад, сари дегу учоқам,
Туву мастоваатро ёд кардам.
422.
Наям, гуён хабар кардам, наойӣ,
Пароламро дигар кардам, наойӣ.
Ду чашмак мондаям бар ду дари худ,
Агарчанде зарар кардам, наойӣ.
423.
Бирав бозорҳо, рекета гум кун,
Ба кӯча номи сикенхета гум кун.
Ба ту овоз додам вакти выбор,
Ба ҳарбӣ рав, нишони деда гум кун.
424.
Бадиро ҳеҷ дархостат накардам,
Ҳама барҷо! Каму костат накардам.
Ту аз чарми кадомин моли ваҳшӣ?
Дусад қолаб задам, ростат накардам.
425.
Утубусчӣ мусофир мекашонад,
Зи Маскав то Житомир мекашонад.
Ба ҷои кораш аз рӯи вазифа,
Мусалмон асту кофир мекашонад.
426.
Ба кор ҳар субҳ одам мебарорад,
Ҳисобчӣ музди ӯ кам мебарорад.
Чӣ гӯӣ, шофири бечора ҳар дам,
Сигоре мекашад, ғам мебарорад.
427.
Ба ман як нози дилкаш мекунад боз,
Маро андозу баркаш мекунад боз.
Бихоҳам дар бараш сарро гузорам,
Ҳамон дам кӯдакаш ғаш мекунад боз.
428.
Зи дукон шарбату нон хоҳам овард,
Ду килло гӯшти арзон хоҳам овард.

https://bikhon.tj/

Занакҷон, хонаҳоро рубӯчин кун,
Ба хона як-ду меҳмон хоҳам овард.
429.
Зи боимҷон салат дорад гули ман,
Ба зарфи хуб лағат дорад гули ман.
Гаҳе бо ман шуда оввораи гап,
Рецептоша ғалат дорад гули ман.
430.
Яке дидам гитора менавозад,
Яке зебо тағора менавозад.
Барои шӯхиҳоям гоҳ-гоҳе,
Маро моми Анора менавозад.
431.
Агар ҷон хоҳӣ, ҷонат медиҳам, гул,
Ситора з-осмонат медиҳам, гул.
Ту то бо чашми худ бовар намоӣ,
Худамро ҳам нишонат медиҳам, гул.
432.
Сараввал аз худам гап мекушоям,
Бароят буғчаи гап мекушоям.
Наафтӣ бар навори кӯча, бегаҳ,
Ба рустӣ о, дари чап мекушоям.
433.
Аҷоиб Ҷеки Чан дорад ҷопонӣ,
Мисибушӣ, Ниссан дорад ҷопонӣ.
Дилаш аз шаҳри худ берун шудан не,
Ҳунар пур дар Ватан дорад ҷопонӣ.
434.
Бубин, ки вақт рафта, поя бардор,
Мусулмоно, кулӯху лоя бардор.
Амал аз рӯи мероси падар кун,
Ҳамин, ки ташна мондӣ, чоя бардор.
435.
Ба мо боз аз дигар пайвастӣ, барфак,
Чӣ тур? Соқу саломат ҳастӣ, барфак ?
Ба дашту домани хоки муқаддас,

https://bikhon.tj/

Бигӯ, шартномаи хуб бастӣ, барфак?
436.
Ту ойӣ, дар табассум мешавам, гул,
Чу лола сурх, маълум мешавам, гул.
Наойӣ, сӯхта монанди ҳезум,
Миёни ғуссаҳо гум мешавам, гул.
437.
Ана, ҳалвои тар пухтам, биё, хӯр,
Ба ширу бо шакар пухтам, биё, хӯр.
Чашондам СЭС-ро, ӯ офарин гуфт,
Лазизу безарар пухтам, биё, хӯр.
438.
Намедонӣ, азоби мардикорӣ,
Хӯроки субҳу шомаш як наҳорӣ.
Ту дар як ҳафта чор рӯзистироҳат,
Вале дар ӯ дувоздаҳ рӯзи корӣ.
439.
Номгӯ накунам, ҳар гуна чизам мекард,
Мастоваву оши болазизам мекард.
Ҳар шоми душанбеву шаби одина,
Ҳар як ҳафта ду сюрпризам мекард.
440.
Куҷоҳое, ки сар судам, набудӣ,
Ба оташхонаҳо будам, набудӣ.
Ба ту кори заруре доштам ман,
Инетро кор фармудам, набудӣ.
441.
Шудем давлении гӯён, такка хӯрдем,
Касал ман, гуфта зоғу акка хӯрдем.
Фишори хуни мо поён наомад,
Харида дӯғу мосу чакка хӯрдем.
442.
Ба дукон рафта аз молат шиносам,
Зи қоши чидаву холат шиносам.
Ту кай паспорти худро медиҳиям?
Ман аз тарҷумаи ҳолат шиносам!

https://bikhon.tj/

443.
Ба монанди фатир астӣ, гули ман,
Ту чун қаймоқу шир астӣ, гули ман.
Нигаҳ дорад зи чашми бад, Худоё,
Аҷаб бозоргир астӣ, гули ман.
444.
Агар рухсат гирӣ аз ҷои корат,
Ба гӯши модарат форад-нафорад.
Гирифта рӯи дастонам туро, гул,
Барам бар Росровут, истироҳат.
445.
Хабар шуд аз расона мебиёяд,
Сахаргаҳ ё шабона мебиёяд.
Намакпурсӣ, шакарпурсӣ ва ё теғ,
Намуда як баҳона, мебиёяд.
446.
Зи ту бар мо хабар омад ба Маскав,
Ба марказ рафтаӣ, эй холаи гав.
Муборак бошадат тӯю тамошо,
Муборак бошадат оилаи нав.
447.
Ба зӯрӣ шавҳарам додӣ, падарҷон,
Дуо пушти дарам додӣ, падарҷон.
Наёфтӣ боле менеашро насӯзам,
Сиёҳу ачкарам додӣ, падарҷон.
448.
Баланд овоз кардам, то шиносӣ,
Дарамро боз кардам, то шиносӣ.
Задам мӯи сарамро то ба охир,
Худамро соз кардам, то шиносӣ.
449.
Лабонаш, тарзи гуфтораш чу қанд аст,
Ба мо андозаи меҳраш дучанд аст.
Ба пояш туфлӣ – истеҳсоли ҳиндӣ,
Худи Зебо масолеҳи Хуҷанд аст.
450.

https://bikhon.tj/

Саҳар хестиву хап мондиву рафтӣ,
Маро дар зери гап мондиву рафтӣ.
Ду поиз мешавад, аз ту дарак не,
Қадам аз пои чап мондиву рафтӣ.
451.
Чу хуршеде, ки аз шаб мегурезад,
Чу тифле, ки зи мактаб мегурезад.
Ба мо мерос аз бобову бибист,
Заношӯро зи ҳам гап мегурезад.
452.
Расида сар ба сар гандум, дарав монд,
Танӯри навсохтат беалав монд.
Кӣ медӯшад варо аз баъди рафтат,
Миёни кӯча ҳайрон модагав монд.
453.
Асоси кори шабро гӯямат, гул,
Мисоли ҳалталабро гӯямат, гул.
Пагаҳ вақтам шавад, ё на, азизам,
Биё, як нӯги гапро гӯмат, гул.
454.
Ба боғи Максу Рафик кор кардӣ,
Шабона бегарафик кор кардӣ.
Кидатчик будаанд ин ду рафиқат,
Ҳамедонистӣ! Нафик кор кардӣ?
455.
Ту рафтиву маро кохонда рафтӣ,
Ғазалҳои басо хуб хонда рафтӣ.
Напурсам аз ту чизе вақти рафтан,
Бароям ултиматум монда рафтӣ.
456.
Сараввал омадиву дард гуфтӣ.
Сухан баъдан қабеҳу сард гуфтӣ.
Нишон додам, 2 приёми худамро,
Рамидиӣ, қочмаган номард гуфтӣ.
457.
Агарчи Шарки Дурашро бидидам,

https://bikhon.tj/

Ва ё, ки Сингапурашро бидидам.
Худоро шукр, соли рафта ман боз,
Аз он ҳам зӯри зӯрашро бидидам.
458.
Яке парвоз карду моҳ бигрифт,
Яке уқёнусу гулгоҳ бигрифт.
Гули гумроҳу гӯл аз камсаводӣ,
Ба ҳар чое пиёда роҳ бигрифт.
459.
Ҳар оне бешу кам гуфтам дубайтӣ,
Ба шодӣ, бо алам гуфтам дубайтӣ.
Ба самъи кулли Лайлоҳо расонед,
Ба Лайлои худам гуфтам дубайтӣ.
460.
Туро беҳуда хезондам, писарҷон,
Ман ашк аз дида резондам, писарҷон.
Ту то огаҳ нагардӣ аз сиришкам,
Нигоҳамро гурезондам, писарҷон.
461.
Ба покӣ поки покистонӣ, эй зан,
Ту гулбоғе зи боғистонӣ, эй зан.
Ту себу ноку ангури тагобӣ,
Ширинҳои тобистонӣ, зй гул.
462.
Ба зебоӣ ватанро ғолиб астӣ,
Стандарт астиву дар қолиб астӣ.
Ҳамин ҷо ҳам агар овоз бидҳанд,
Ту унвони Париро соҳиб астӣ.
463.
Нигори нозанини тахту ҳамвор,
Лабони нозукат шаҳду шакарбор.
Қабурҳоро зи беҳаш қайчӣ кардам,
Ту ки ҳастӣ, отоплни чӣ даркор.
464.
Нордона ба зери гарданат монам, гул,
Дар сафҳаи дафтарат қалам монам, гул.

https://bikhon.tj/

Ин гуфтаву он гуфтаву навъе карда,
Ман ғунчаи лабҳота шукуфонам, гул.
465.
Даҳ дафтарама қатор кардам имшаб,
Аз кӯҳна гирифта кор кардам имшаб.
Илҳом ба дари Аливу Тиллобанд аст,
Ночораша барқарор кардам имшаб.
466.
Дар хона расо бикофтамат, рубоӣ,
В-аз кӯча туро наёфтамат, рубоӣ.
Дидам, ки илоҷи дигаре нест маро,
Аз росту дурӯғ бофтамат, рубоӣ.
467.
Зимистон ҳукми шохӣ дода аз даст,
Баҳорон омада чун ошиқи маст.
Ба дасти одамӣ нахли таманно,
Ба дасти боғҳо гул доданӣ аст.
468.
Ба дунё омадӣ, дунё бикун соз,
Пайи ороиши олам бипардоз.
Ғанимат дон, ҷоно, лаҳзаи умр,
Пагаҳ имкон оё мешавад боз?!
469.
Баланд аз реҷа рафтӣ, ёри чонӣ,
Чӣ мегӯӣ, агар чизе надонӣ?
Даҳонат ғор не, мушхонамонанд,
Чаро пан(ҷ) панҷаатро мехалонӣ?
470.
Маро гӯйӣ навис шеъри ҷавонӣ
Магӯ дигар ба ман аз нотавонӣ.
Туро дар сар фақат мол асту сарват,
Барои кӣ нависам, гар нахонӣ?
471.
Туро гӯям азоби дил кашам ман,
Чу бемории дарди сил кашам ман.
Азоберо миёни оташу об.

https://bikhon.tj/

Ба сони пилтаи қандил кашам ман.
472.
Чу меҳмон будӣ, меҳмон меравӣ, дил.
Чӣ қиммат будӣ, арзон меравӣ, дил.
Ҳавасҳо доштӣ, беинтиҳо буд,
Аз ин дунё ба армон меравӣ, дил.
473.
Чаро, эй ёр, ғорат кардӣ сина,
Бирафтӣ беасосу безамина.
Ба ёдат сина-сина сӯхтам ман,
Бадар аз хеш гаштам зина-зина.
474.
Надодам беғамеро раҳ ба киштам,
Задам ман рост подевори хиштам.
Накардам ман ситоиш нораворо,
Фақат Ҳақ гуфтаму аз ҳақ навиштам.
475.
Гаҳе моро ба ишрат мегузорад,
Гаҳе дуду ба ғайбат мегузорад.
Барад ин сӯ, барад он сӯ, халоиқ,
Фалак моро ба ҳайрат мегузорад.
476.
Ҳаргиз ту магӯ замони хуш омадааст,
Донам, ки замони ҷангу ҷӯш омадааст.
Гум гашта ҳама номи азизони диёр,
Номи Фану Бонгу Чу Атуш омадааст.
477.
Ту эҳё кардаӣ арзу саморо,
Ҷаҳон офардӣ, офардӣ, Ту моро.
Чаро ин ҷоҳилони қавми шайтон,
Ба Ту шӯхӣ кунад, Парвардигоро?
478.
Ба кунҷи дил ба ту ҷо мегузорам,
Ба аҳди карда имзо мегузорам.
Зи кишвар меравам бар ҷои дигар,
Туро ман бар Худо вомегузорам.

https://bikhon.tj/

479.
Ба кундӣ мерасӣ, эй ақли пирӣ,
Аҷал бинмоядат дунболагирӣ.
Чароғи хонаям дар чашмакӣ шуд,
Чароғи синаям ҳаргиз намирӣ.
480.
Қонуни баровардаи ман помол аст,
Сад сол равад, Ватан ҳамин аҳвол аст.
Хоҳам бубарам варо ҳазорон фоиз,
Аз дасти шарикони ман аммо нол аст.
481.
Ин ҷону тани амонатам месӯзад,
Ду дидаи дар назоратам месӯзад.
Гӯям, ки ба ҳифзи ту бароям, Ватанам,
Норафта зи дар иморатам месӯзад.
482.
Ҳавасҳо як ҷаҳонам додӣ, эй ишқ,
Машаққатҳо ба ҷонам додӣ, эй ишқ.
Маро таҷриба кардӣ ҳамчу устод,
Чӣ мавзӯи калонам додам, эй ишқ.
483.
Чӣ мепурсӣ ту аз обу аловам,
Мусофирбаччаям, андар азобам.
Манам мӯҳточи дасти меҳру шавқат,
Ба болини сарам санге ба хобам.
484.
Ба будат шукр кардам бар Худованд,
Ба нобудат таҳаммул кардаям ман.
Ба бор орад Худоё орзуям,
Зи ишқат Сабзагул гул кардаям ман.
485.
Хатоҳо кардаям пӯшиданӣ нест,
Худо дигар маро бахшиданӣ нест.
На балки ҷаннату аъроф, ҳатто
Ҷаҳаннам рӯи манро диданӣ нест.
486.

https://bikhon.tj/

Панаҳ аз чашми синфу чашми устод,
Назар сӯи ту андозам, гули ман.
Ба ҷои ҳиссаҳои нутқ ҳар дарс,
Ба таърифи ту пардозам, гули ман.
487.
Накардам дар ту боре комронӣ,
Ба серӣ ишрату кайфи ҷавонӣ.
Зи ғурбат кардӣ серам то ба ин дам,
Ту худ кай сер гардӣ зиндагонӣ?
488.
Ҳамехоҳам кунам чашми дигар боз,
Замона, бо ту то гардам ҳамовоз.
«Ман»-и ман ин туву садҳои дигар,
Ман аз номи ҳазорон мекунам роз.
489.
Ҳар оне будаям, онро сурудам,
Аён аз чашми мардум ҳар кӣ будам.
Ба сони чоку бели дастабеҷо,
Тавоноии худро гум намудам.
490.
Ҳамеша ёди ман дар боли парвоз,
Ба шаб фикри дигар мегардад оғоз.
Амал дигар, вале андеша беҷост.
Ҳавасҳо мекунам субҳи дигар боз.
491.
Ҳазору як ҳунар аз дастам ояд,
Чаро як дафтари корӣ надорам?
Ва шояд нуқси ман ҳам дар ҳамин аст:
Ба худ симои бозорӣ надорам.
492.
Ба худ бори гунаҳҳое харидем,
Замин дар зеру мо боло паридем.
Дар ин ҷо айби мо, айби Худо нест,
Барои хеш дӯзах офаридем.
493.
Куҷо таъмир созам ман сарамро,

https://bikhon.tj/

Магар аз нав кунам бому дарамро?
Занам беҳуда ҷо ҷо бар хатое,
Хавотир кардаям умре қаламро.
494.
Замину осмон дар ханда имшаб,
Ғам ин ҷо бингарӣ шарманда имшаб.
Ду дил пайванд гашта дар муҳаббат,
Таносубҳо дигар шуд канда имшаб.
495.
Зи Хуҷанду Самарқанду Бухоро,
Ба тӯят омадем, эй ҳамдиёро.
Ҳама бо як дилу ҷон гуфтанием,
Муборак хонаободӣ, нигоро.
496.
Муҳаббат доимо пайвандатон бод,
Хушиҳои табиат бандатон бод.
Ҷаҳони бемуҳаббат умри барбод,
Муҳаббат боз дар савгандатон бод.
497.
Яке аз дасти мо заҳре чашида,
Яке аз пушти мо ашке ба дида.
Яке бар дафтари мо хонда аҳсант,
Яке бар мисраи мо хат кашида.
498.
Ба ҳар ҷо меравӣ, номат нигаҳ дор,
Ту сони манзилӣ, бомат нигаҳ дор.
Амал аз руйи Қуръон кун ҳамеша,
Шукӯҳу номи исломат нигаҳ дор.
499.
Ба пирӣ омадам, раҳ кардаям гум,
Куҷо раҳбар, куҷо санъат, чӣ анҷум?
Маро дар саҳни шеъру шоирӣ не,
Маро дар мардикорӣ дида мардум.
500.
Маро гаҳ бешу кам кардӣ, Худоё,
Чӣ мушкилҳо ғарам кардӣ, Худоё.

https://bikhon.tj/

Муҳимаш шукр дорам, шукри беҳад,
Маро соҳибқалам кардӣ, Худоё.
501.
На аз ҳар сӯ хабар овардаям, гул,
На ҳамёне ба зар овардаям, гул.
Магӯ бо дасти холӣ омад Эшон,
Бароят шеъри тар овардаям, гул.
502.
Зи бас «Бӯстон»-и Саъдӣ кардаям бӯй,
Ба шеъру шоирӣ овардаям рӯй.
Ҳазорон нағмаҳо офардаям, шукр,
Ниҳода ишрати дунё ба як сӯй.
503.
Хумори дидани рӯят гирифтам,
Хумори тоқи абрӯят гирифтам.
Парешонии худро дида имрӯз,
Хумори бастани мӯят гирифтам.
504.
На парвои замин дорам, Худоё,
На бар ҷое камин дорам, Худоё.
Амирам бар сари нафсе, ки дорам,
Таманное ба дин дорам, Худоё.
505.
Машав дар орзуи молу сарват,
Макаш аз пушти сарват реҷаи бад.
Муҳаббат гӯ, муҳаббат гӯ, муҳаббат,
Дигар пешу қафо ояд ба навбат.
506.
Гадои бӯсаи ширинат астам,
Ба ёди бусаҳоят Қайси мастам.
Ба мислам дар замин девонае нест,
Ки ман як ошиқи кайҳонӣ астам.
507.
Аз гӯшаву аз канор инъом овард,
В-аз ғайб маро ҳазор пайғом овард.
Бар дафтари пурумеди ман субҳона,

https://bikhon.tj/

Файзу баракоти шеър, илҳом овард.

508.

Падар пир асту ӯ моҳона пояд,
Набера ҳар замон афсона пояд.
Писар бо ҳамсараш дар рестуранҳо,
Сагу момои кампир хона пояд.

509.

Аз гармии меҳри ту бағал чӯш занад.
Ваз нӯги забони ту асал чӯш занад.
Ҳар гаҳ ба лабони ту гузорам лаби худ,
Дар синаи душмано мағал чӯш занад.

510.

Гирди сари мо фариштаҳо сарсон аст,
Шайтони лаъин дохили майдон аст.
Аз тавба нишонае наёбӣ зи забон,
Оиди адаб навиштаҳо ҳайрон аст.

511.

Мо ҳарфу ҳичо дар сифати паст орем,
Гӯё ба назар бо пову бо даст орем.
Монандаи масти боданӯши сари раҳ,
Дар дафтари худ ҳуруфи бадмаст орем.

512.

Дар тантанаҳои хеш дорӣ прогул,
Дар анъанаҳои хеш дорӣ прогул.
Бегоҳ пагоҳу тирамаҳ мегӯӣ,
Ҳам дар санаҳои хеш дорӣ прогул.

513.

Камону тири мижгонам шикаста,
Куҷо ҳам меравам бо боли хаста.
Кунам чӯпонӣ бар саҳрои дафтар,
Қаламро то чаронам аста-аста.

514.

Ҳарфои ҳавоиро намегӯяд дил,
Байту ғазали заминӣ мечӯяд дил,
Дар ҳар сари як қадам чӣ нолон-нолон,
Месӯзаду мемираду мерӯяд дил.

https://bikhon.tj/

515.
Ашк аз дили худ ҷудо шудам гуфту гирист,
Аз дарду ғами Шумо шудам гуфту гирист.
Гар нури ду дидаҳои Одам будам,
Амр омаду зери по шудам гуфту гирист.
516.
Гулдухтара бин, ба сина холе монда,
Гуё ба фурӯш ҷуфти моле монда.
Монандаи шеъри Бахтиёри шоир
Дар гӯшаи абрӯ се суоле монда.
517.
Имрӯз зи чист дин бар динаш ҷанг?
Мобайни Фаластину Фаластинаш ҷанг?
Ҳайратзадаям, чӣ мушкилоте омад,
Ҳамсоя барои сару саргинаш ҷанг?
518.
Номам Гулу ҷои зисти ман дар хор аст,
Дарду аламом ҳазорҳо анбор аст.
Ман бандии бандаҳои бадкирдорам,
Андешаи туву оча ноҳамвор аст.
519.
Ман зодаи соли нузда(ҳ) панҷонӯям,
Бишкуфта гули ожанг андар рӯям.
Имкон надиҳад шуури фарсудаи ман,
Байти дигаре ширину дилкаш гӯям.
520.
Рақиби ман чаро чуну чарогӯй?
Чаро бошад чунин ӯ моҷароҷӯй?
Ба ҳар як шохаи хона нишаста,
Ба мисли зоғи бадгӯ қар-қарогӯй.
521.
Кайҳо ба қимори ишқ ошиқ задаям,
Чӯку пуку аспу хари содиқ задаям.
Гаҳ бурдаму гоҳе бохт кардам каму беш,
Шодам, ки ба худ низому лоиқ задаям.
522.

https://bikhon.tj/

Гули шеъру сухан дорад дубайтӣ,
Адаб дар ҷону тан дорад дубайтӣ.
Чу тоҷик ҳар куҷо бошад, бидонаш.
Ватан дорад, Ватан дорад дубайтӣ.

523.

Чуноне эҳтиромат мекунам, гул.
Салому сад саломат мекунам, гул.
Надорам Мерседесе баҳри тақдим,
Маводамро ба номат мекунам, гул.

524.

Ба рӯ чап-чап задан дорад шамолак,
Чӣ майли гап задан дорад шамолак.
Зи некӣ ё бадӣ донистаниям,
Дилат тап-тап задан дорад шамолак.

525.

Маро раҳдуриҳо бе ту будан кушт,
Ба фарқам мезанам бе ту ба сад мушт.
Ба сайти ман даро, эй бемурувват,
Нишон деҳ лоақал боре сарангушт.

526.

Рамидӣ гарчи аз ҳоли дубайтӣ,
Расӣ, мефаҳмӣ бар соли дубайтӣ
Пуропур гашта навъи равғанияш,
Чарогоҳи дил аз моли дубайтӣ

527.

Раҳораҳ дар сафар гуфтам дубайтӣ,
Чи хуш зебову тар гуфтам дубайтӣ.
Муфассал чун ғазал не, аз бароят
Ба таври мухтасар гуфтам, дубайтӣ.

528.

Ба ту ангуштарӣ додам, гирифтӣ?
Чу ту мисли парӣ додам, гирифтӣ?
Надонам аввалин ё охарин аст,
Бари ёдоварӣ додам, гирифтӣ?

529.

Эй дилбари дилнавози шармин,

https://bikhon.tj/

Мушкил набувад, шарти ман ин:
Як бӯса бидеҳ пули иҷора,
Дар ҳуҷраи синаям биё, шин!
530.
Зи шафтолу чӣ шаф-шаф бешумор аст.
Ба ҳам бархӯрдани каф бешумор аст.
Ба ҷои панду андарзи бузургон,
Афандиҳои дилкаф бешумор аст.
531.
Умеде буд инсон мепарастем,
Чу қарни рафта инсон мепарастем.
Вале мо мардуми хозирзамона,
Зи одам беш ҳайвон мепарастем.
532.
Чу ошиқ дил бидода ин сахифа,
Паси таҳлил бидода ин сахифа.
Чу боғи кӯдакону чун мураббӣ
Маро такмил бидода ин саҳифа.
533.
Замину осмонро хуҷаин Ӯст,
Нигаҳдорандаи рӯи замин Ӯст.
Зи наздик ошнояш шав, ки банда,
Сазоворе ба ҳамду офарин Ӯст.
534.
Агарчи бандаӣ, марзат зиёд аст,
Қазои суннату фарзат зиёд аст.
Намедонӣ, ки ту аз нақду нася,
Зи дукони Худо қарзат зиёд аст?
535.
Халоиқ ҷумла ҳозирбин шудасте.
Яке зидди Худову дин шудасте.
Ҳама болои як коре савора,
Ба ризқи ҳамдигар зомин шудасте.
536.
Шароит танг мегардад, маро фаҳм,
Ҳама бар ҷанг мегардад, маро фаҳм.

https://bikhon.tj/

Гулистоне, ки офардӣ ба заҳмат,
Ба хок ҳамранг мегардад, маро фаҳм.
537.
Яке тарзи қадаммонӣ дигар кард.
Яке тарзи қаламронӣ дигар кард.
Худ аз худ не, бидон, эй дӯст, к-имрӯз,
Замонро ақли инсонӣ дигар кард.
538.
Ба худ ман Осиёро дӯст кардам,
Ва кулли Африқоро дӯст кардам.
Барои ҳурмати Парвардгорам,
Ҳама фарди Худоро дӯст кардам.
539.
Агарчанде басо бад дидамат ман.
Ту сардӣ кардиву хандидамат ман.
Маро сабру таҳаммул дода Аллоҳ,
Зимистоно, бирав, бахшидамат ман.
540.
Яке гӯяд, ки ин байтат раво нест,
Дигар гӯяд, ки дар шеърат баҳо нест.
Агар хоҳӣ, бигиру марҳамат хон!
Нахонӣ, ёри ҷонам, илтиҷо нест.
541.
Ба ҳифзи ту ҳазорон каллаҳо рафт,
Ҳисобаш нест, соҳибсаллаҳо рафт.
Қатори кӯдаки дунёнадида,
Накарда гӯш савти аллахо рафт.
542.
Шодам, ки ба мо баҳор омад имрӯз,
Лашкаркаши хуби пор омад имрӯз.
Сечархама як тараф бигирам гӯён,
Дай бар садама дучор омад имрӯз.
543.
Ҳаёву шарм дорад хоҳари ман,
Таго аз Ғарм дорад хохари ман.
Акову додарони бешуморе,

https://bikhon.tj/

Зи Обигарм дорад хоҳари ман.
544.
Шамоле ҳаст, инсонро барад тез,
Ҳавое ҳаст, мардонро кунад ҳез.
Нигоҳе ҳаст, бахшад рӯҳи тоза,
Ҳаводисҳои олам ҳайратангез.
545.
Ду мома раҳматӣ шуд, кай биёӣ?
Набера сӯҳбатӣ шуд, кай биёӣ?
Ба солу маҳ куҷо гардӣ, ки гурге
Ба моли ту қатӣ шуд, кай биёӣ?
546.
Миёни оча хам зад, кай биёӣ?
Ситора ду қадам зад, кай биёӣ?
Ду ҳосил аз анори боғ чидем,
Ду барфи рӯи ҳам зад, кай биёӣ?
547.
Тариқи торнома рӯзу шабҳо
Бароям пораи дил мефиристад.
Надонам бо чӣ азму бо чӣ ният,
Ҳамоно чӯҷаи фил мефиристад.
548.
Хонуме гулдоману занҷирамӯ,
Лаҳзаҳо бо ман намудӣ гуфтугӯ.
Рӯи зини биниаш биншаста буд,
Айнаке бо нумраи пилюси ду.
549.
Ба рахши орзу кардам саворат,
Худовандо бувад мӯнису ёрат.
Чаҳори қарзи худро кардам ичро,
Аз ин пас ҳарчи хоҳӣ, ихтиёрат.
550.
Бесабру таҳаммулу қаноат одам,
Арзандаи таҳқиру маломат одам
Дорад имон, валек мустаҳкам не,
Дар як шабу рӯз сад аломат одам.

https://bikhon.tj/

551.
Ба шайтон ҳамтанӣ кардему рафтем,
Ба дунё манманӣ кардему рафтем.
Ғалатҳоро ба ҷои кам намудан,
Гунаҳҳоро ганӣ кардему рафтем.
552.
Яке то сад қутан аз мол дорад,
Яке боксу дигар футбол дорад.
Барои зиндагиро пеш бурдан,
Ҳама ҳар чиз истеҳсол дорад.
553.
Мусофир буданам беҳад асар кард,
Тамоми ҷисму ҷонамро зарар кард.
Ба ӯ дарди диламро холӣ кардам,
Сабо ғамнок гашту дида тар кард.
554.
На ӯ сиху кабобам дода бигзашт,
Шикасти сахту томам дода бигзашт.
Ҳамин шаб соати нӯҳу чилу чор,
Аҷал омад, саломам дода бигзашт.
555.
Куҷо шавқе, ки то хонам тарона,
Фақат фикру хаёлам сӯи хона.
Чӣ кардиву чӣ кардиву чӣ кардӣ,
Замона, эй замона, эй замона?!
556.
Чил кокули ту чил мавҷи дарё дорад,
Чил кокули ту чиҳил муаммо дорад.
Ҳар банди чиҳил кокули ту чил ошиқ,
Чил Роҷи Капуру чил Мугамбо дорад.
557.
Саратро хам накардӣ, дон, ки рафтӣ
Гапатро кам накардӣ, дон, ки рафтӣ.
Ба худ дар ин замона, ҷони ширин,
Таҳаммул зам накардӣ, дон, ки рафтӣ.
558.

https://bikhon.tj/

Агарчанде, ки Ваҳдат барқарор аст,
В-агар байроқи мо овозадор аст.
Бирав, дар равшанӣ зан ту асоро,
Магӯдар кишвари мо ҷои кор аст.
559.
Харобат кард ҷанги Украина,
Сафи тоҷик кам шуд зина-зина.
Ҷавонмардони ту пушти май имрӯз,
Чӣ гардад ҳоли ғамгини Марина?
560.
Дару девораҳо ороише ёфт,
Дулори Амрико афзоише ёфт.
Валекин қурби одам дар ҳамин аср,
Ба бозори ҷаҳонӣ коҳише ёфт.
561.
Аз он тарсам, ки дашномам диҳӣ, гул,
Ва ё ки ваъдаи хомам диҳӣ, гул.
Ба уммеде зи думболат равонам,
Ки рустӣ бӯса дар бомам диҳӣ, гул.
562.
Яке мебинӣ борон асту шабнам,
Яке мебинӣ барфе ояду нам.
Яке мебинӣ оламро гулистон,
Баҳоро, шӯхиҳо ҳам дорӣ ҳар дам.
563.
Даҳони мору каждумҳо бишуд боз,
Азозил пушти мо дорад даву тоз.
Гирифт аз мо Худо меҳру муҳаббат,
Замона пақ-пақу андоз-андоз.
564.
Яке таърихи худ нохонда бигзашт,
Ба маҷлис каллае ҷунбонда бигзашт.
Яке аз рӯи нофаҳмӣ зи олам,
Хасе болои хас номонда бигзашт.
565.
Имшаб шаби Сол асту барат меоям,

https://bikhon.tj/

То соати нолноли шаб мепоям.
Аз ӯҳдаи боз кардани шампан не,
Аз ӯҳдаи бӯса карданат меброям.
566.
Ба гӯши худ дурш дорӣ, гули ман,
Ту маҳсиву калӯш дорӣ, гули ман.
Ба ҳар вақте ба оғӯшат дароям,
Чӣ оҳангои хуш дорӣ, гули ман.
567.
Дару дарвоза «таъмир» карда рафтанд,
Бубинед, «қулфу занчир» карда рафтанд.
Надода ҳуҷрапулиро ба шаш моҳ,
Аҷаб «суде» ба кампир дода рафтанд.
568.
Бузургиҳои шамтуро бубинед,
Сарашро зери кафкаш монда тар кард.
Пасон бо муи шабрангаш гули ман,
Мани девонаро девонатар кард.
569.
Агарчанде хурӯшондам туро ман,
Ни модни гуфта ҷӯшондам туро ман.
Риоят кардам аммо, ман ба қонун,
Либоси миллӣ пӯшондам туро ман.
570.
На аз ту ман палосамро гирифтам,
На ун тахти либосамро гирифтам.
Ба ёдат ҳаст бар чап рафта будӣ,
Фақат танҳо қасосамро гирифтам.
571.
Хоҳару апачаамро ёд кардам,
Баччаҳои баччаамро ёд кардам.
Ҳам Манижа, ҳам Юсуф, ҳам меҳанам,
Самрати майдачаамро ёд кардам.
572.
Харобу лоғаранду дилшикаста,
Ҳамеша кӯҳнахозу кӯҳначӯянд.

https://bikhon.tj/

Худам як марди шӯху ҳазлбардор,
Дубайтиҳоям аммо гирярӯянд.
573.
Трампосо макун сардӣ ба инсон,
Муҳоҷирҳоба шафкат кун, зимистон.
Бигир сарбозҳои сарди худро,
Ба як муддат уволнени фиристон.
574.
Раиси Ҷумҳури Вақт аст аст Наврӯз,
Саховатпешаву гулдаст Наврӯз.
Маро дар сардиҳо мурдан намонад,
Маро бо гармиҳо пайваст Наврӯз.
575.
Чун дастаи кӯзаи кулолам, эй дӯст,
Саргаштаву музтару уболам, эй дӯст.
Дар пуштаки вожаҳои киву чиву кай,
Монанди аломати суолам, эй дӯст.
576.
На дар пероҳани тангат бубинам,
На бо танпӯши шабрангат бубинам.
Туро гулдухтари дилҷӯву тоза,
Дилам хоҳад чунин рангат бубинам.
577.
Ба амри Эзиду толеъи банда,
На ҷои шарм ҳасту ҷои ханда.
Ҳама солим, ҳама бардам, бубинед,
Зи як ишқам футболни каманда.
578.
Шавад оғоз вақти доду воят,
Нақапад педали пешу қафоят.
Набитвонӣ кунияш контуролӣ,
Садоҳо вақту бевақте барояд.
579.
Блиниҳои хуштамъ мекунам ман,
Магӯ, ки хӯрдаву дам мекунам ман.
Чӣ ин ҷо ҳоҷати эрод, эй дӯст,

https://bikhon.tj/

Ба ҳолам дида ишқам мекунам ман.
580.
Ба машқи ҳарбӣ тайёрат намудам,
Ба ҳар се бачча сардорат намудам.
Чу дидам хизмати шоёнат, эй зан,
Капитан будӣ, майёрат намудам.
581.
На аксамро ба ҳайси актёре,
На чун марди раҳи ғурбат бигиред.
Маро андешаи шеър аст дар сар,
Чу як шоир маро сурат бигиред.
582.
Ту ҷинатро ба худ ҳамроҳ бурдӣ,
Қасам бо дафтари Аллоҳ, бурдӣ.
Кунун осуда сар монам ба болин,
Касофатро ба худ ҳамроҳ бурдӣ.
583.
Чиҳо гӯӣ, азизам, дар ту гардам,
Ба ин пиндори бад бинмудӣ сардам.
Тупой будӣ, нафаҳмидӣ маро ҳеҷ,
Ҳаво додам, дилатро зинда кардам.
584.
Ниссанбонуи сози наварӯсак,
Дар ин ҷо хешро ҳайф мекунӣ ту.
Ту роҳи ағбаи моро бубинӣ,
Сарат чарх мезанад, кайф мекунӣ ту.
585.
Маро гар ёр гардӣ, эй гуландом,
Ба як меъёр гардӣ, эй гуландом.
Қатори боғи зардолуву олу,
Ту ҳам бордор гардӣ, эй гуландом.
586.
Ҳамин, ки омадам, лоят занам ман,
Намуди хубӣ обойят занам ман
Иваз созам дари гижжокиятро,
Тирезаҳои зебоят занам ман.

https://bikhon.tj/

587.
Гули бело-красни, эй гули ман,
Ту бешухӣ классни, эй гули ман.
Сари зонуи ман биншастани ту,
Чӣ хубу безопасни, эй гули ман.
588.
Сари мижгона соз дорӣ, гули ман,
Чӣ хуш нохун дароз дорӣ, гули ман.
Чӣ мешад ҳоли дегу коса гӯям,
Зи ман чанде ароз дорӣ, гули ман.
589.
Рассия омадам дар бехариҳо,
Иванро ман амак кардам, азизам.
Паси паспорти русӣ бо Наташа,
Ма фективни брак кардам, азизам.
590.
Ма чанде мешавад дарди миёнам,
Мази Дииклофанак орад зиёнам.
Миёни шонаамро молише деҳ,
Баро бо ҳарду поят, дар ту ҷонам.
591.
Равам бозор, тарбуз орамаш ман,
Ва шири гарми калбуз орамаш ман.
Занак азбаски сарторик ин моҳ,
Дуто ноки дилафрӯзорамаш ман.
592.
Бигӯ, аз чӣ ту аксамро гирифтӣ?
Ҳама суми балансамро гирифтӣ?
Чаро якбора бар шантаж гузаштӣ,
Раҳи автотрансамро гирифтӣ?
593.
Ба русӣ мекунам шариться умре,
Латиниро аҷаб медонам, эй гул.
Бифаҳмам вожахои Яхшиву Юк,
Ма кам-кам узбекӣ медонам, эй гул.
594.

https://bikhon.tj/

Тёмни-синни зан дорад писарҷон,
Зани Кашкай-Ниссан дорад писарҷон.
На ҷарӣ гӯяду не обу оташ,
Куҷо хоҳад, задан дорад писарҷон.
595.
Хулиганбаччаи Коля уволен.
Ба гуфти дуктуро ҳатто, ки болен
Агар хостгор ояд, сар маҷунбон,
Нидастаткои духтар установлен.
596.
Ба ихтиёри худ шӯ кардагим не,
Ма сирри оила рӯ кардагим не.
Ба ҷо овардам одоби заношӯй,
Гапи додота ман ду кардагим не.
597.
Биё, исриқ гир, дуд кун, гули ман,
Балоҳоро ту маҳдуд кун, гули ман.
Нагардам, то ки ман бегона аз ту,
Маро зуд ову азхуд кун, гули ман.
598.
Ба рӯи мо дару дарвозаҳо руст,
Ба ҳар ҷо педали шарму ҳаё суст.
Бисоти хонаҳо паҳну парешон,
Муҷаррадро чунин ҳол аст, эй дӯст.
599.
Аҷаб мастона гап додӣ, гули ман,
Маро бо худ талаб додӣ, гули ман.
Лабамро бурдани будам ба лабҳот,
Чаро резки ту чап додӣ, гули ман?
600.
Лабамро буссаат қоқ мекунад, ёр,
На ин ки вақтама чоқ мекунад, ёр
Алерги дорам охир, дар ту ҷонам,
Ҳама ҷо бӯйи пайпоқ мекунад, ёр.
601.
Пагоҳӣ ҳамраҳи булбул шудам ман,

https://bikhon.tj/

Ба сайри кӯчабоғи гул шудам ман.
Ба ин рафтору одоби саломам,
Ба садҳо духтаро мақбул шудам ман.

602.

Қадат то ҳадди афлок аст, Маша,
Муаллифи сухан шок аст, Маша.
Мани тарсӯ наметонам барам, даст,
Ба дастонат магар ток аст, Маша?

603.

Аҷаб Шедри край ҳастӣ, Рассия,
Ба зебои Дубай ҳастӣ, Рассия.
Барои ризқу рӯзӣ ҷамъ кардан,
Ба мо мулки қулай ҳастӣ, Рассия.

604.

Сагу сагбачча гашта рӯи хона,
Мағоракҳошуда гесӯи хона.
Мурад ин зиндагиву хонадорӣ,
Дилам шуд беҳузур аз бӯи хона.

605.

Пагоҳӣ рафта ҳезум мекашонам,
Пасон шоливу гандум мекашонам.
Шароит кард маҷбурам, азизон,
Қатори ҷумла мардум мекашонам.

606.

Туро гулдухтари шайтон дар оғӯш,
Намудӣ зикри Аллоҳро фаромӯш.
Агар пурсандаҳо пурсидан оянд,
Бимонӣ вакти мурдан гунгу хомӯш.

607.

Ба ҳар як лаҳза ёдат мекунам ман,
Чи додӣ, шукри додат мекунам ман.
Барои омадан наздат ба имон,
Ариза пешниҳодат мекунам ман.

608.

Равам, асои дастатро бигирам,
Раҳи гавҳои мастатро бигирам.

https://bikhon.tj/

Агар ин давра бар қасди ту бархост,
Ман аз ин давра қасдатро бигирам.
609.
Рӯ хотири Рухшонаву Ҷамшед накард,
Занге зи мабили Холу Хуршед накард.
Ё ин ки да-ну бигуфту остин афшонд,
Ё ки ба электричка успет накард.
610.
Ту ҳиндӣ гуфтамаш, ӯ рӯша гардонд,
Намуди аслияш чои БрукБонд.
Ба мӯяш ранги тилло дода имрӯз,
Худашро дорад ин гул евроремонт.
611.
Ба сойти Лола шеъраш монда рафтам,
Гуворо аз парераш монда рафтам.
Пур аз ишқу муҳаббат, дона-дона,
Коментое ба зераш монда рафтам.
612.
Занак бо меҳр ошам пухта омад,
Ба гӯшти моли ёшам пухта омад.
Ба зирку зираю чисноку кишмиш,
Ба музди як маошам пухта омад.
613.
Аз суфи сияҳ ҳичоб дорад борон,
Дарду ғами беҳисоб дорад борон.
Дар ишқами худ ба чои барф ин саҳарӣ,
Систернаи пур зи об дорад борон.
614.
Чу дидам хишт аз қолаб, ки хестаст,
Муҳаббат байни мо кайҳо, ки нестаст,
Бигардон рӯта бар девору кун хоб,
Заношӯии мо кайҳо крестаст.
615.
Ту нукрашохиву зарринликоӣ,
Ту ризқу рӯзии авлоди моӣ.
Бигирам пешвозат, ё дугона

https://bikhon.tj/

Худат бо пода рафта мебиёи?
616.
Намехандам дигар ман назди ҳар кас,
Зи мушбозӣ напурседам дигар ас.
Дувоздаҳто бурут дар зери бинӣ,
Дуто дандони пешам мондаву бас.
617.
Гули гӯсфанд бишкуфтаст ин ҷо,
Ба ранги қанд бишкуфтаст ин ҷо.
Шуморашро надонистам, азизон,
Ҳазору чанд бишкуфтаст ин ҷо.
618.
Куҷое менишинам, ҳарфи ғурбат,
Саломи ҳар пагоҳам барфи ғурбат.
Маро берунвилоят кард ин давр,
Шуда умри азизам сарфи ғурбат.
619.
Кредит пешниҳодам мекунӣ ту,
Ду танга дода, шодам мекунӣ ту.
Зада аз ин тараф, аз он тараф боз,
Дар охир банкротам мекунӣ ту.
620.
На хошоке диҳад келин ба говмон,
На чизе мепазад вақти даравмон.
Хушомадгӯ ба ӯ мову занакҷон,
Скандальни будаст келини навмон.
621.
Гаҳе гирди сарам гардондамаш ман,
Куҷо будам, ҳама фаҳмондамаш ман.
Ба буса оташи рашкоша куштам,
Ба ҳар навъ кардаму хандондамаш ман.
622.
Шудӣ шасти кадомин навъи моҳӣ?
Задӣ худро ба коми иштибоҳе.
Туро хуни мани бечора гирад,
Ба тилфунам ҷавоб додан нахоҳӣ.

https://bikhon.tj/

623.
Ману ту бенавову хонабардӯш.
Фалак мову туро карда фаромӯш.
Зи зарби танку тупу бомбаи давр,
Магар кар гашта ӯро ҳардуи гӯш?
624.
Ба гӯши зан нахонӣ гар тарона,
Ба ту ҷангӣ шавад бо сад баҳона.
Ҳамон шоме, ки заряд гирад аз ту,
Ду ҳафта равшанӣ бидҳад ба хона.
625.
Обижени агар аз шавҳар астӣ,
Ба қасди ӯ сари ҳар дафтар астӣ.
Ба ман чашмак мазан бо ҳазлу шӯхӣ,
Ту дар қайди никоҳи дигар астӣ.
626.
Дар ин майдон бидидам манзаре дӯш,
Якеаш ҳузновар, дигаре хуш.
Амакпочои гурба ғарқи бозӣ,
Калима арза дорад момаи муш.
627.
Саҳар хестиву мӯ бофтӣ, азизам,
Шимолу шарқ партофтӣ, азизам.
Туро бо сайри гул хондам, ту аммо,
Табассум карда рӯ тофтӣ, азизам.
628.
Аз дарду ғами замона серам, эй дӯст,
Бемории сина карда зерам, эй дӯст.
Муссота барор як саҳар баъди намоз,
Зардолӯхурӣ Исфара мерам, эй дӯст.
629.
Мусалмон бо мусалмон ҷангу ҷӯш аст,
Ба хоки Газза Исроил чу муш аст.
Араб вайрона асту хонабардӯш,
Сикандар, Антаресаш дар фурӯш аст.
630.

https://bikhon.tj/

Агарчӣ ҳарду чашмони ту кӯр аст,
Агар оҳанги ғамҳо бо ту ҷӯр аст.
Агарчӣ нотавонӣ, норавонӣ,
Вале дарди ман аз дарди ту зӯр аст.
631.
Нигоҳи меҳр кардам як-ду-сеяш,
Маро тақдир кард бо ин клейяш.
Арӯси ман бишав, мегӯяд ин шоҳ,
Чӣ гӯям? Хуб гӯям? Ё ки неяш?
632.
Ту қанд астӣ, асал астиву гӯён,
Диламро орухона карда мондӣ.
Хӯрокам карвалолу волокардин,
Кленти дорухона карда мондӣ.
633.
Паёми чиниҳо шояд нихо аст,
Камарҷуба саломи гурҷиҳо аст.
Салом аслан мутобиқ бо арабҳо,
Бигӯ, ки гуд-гудаш моли киҳо аст?
634.
Бани Момоҳаво ҷояш трасс шуд,
Бани Бобои Одам пурҳавас шуд.
Ҳама нафси таҳу болоша сар дод,
Ба мо одамгарӣ якбора бас шуд.
635.
Намебинӣ ту авҳоли харобаш,
Намегирӣ хабар оштоналобаш.
Намудӣ нисбаташ беэътиборӣ,
Фақат мошини ту мечӯшад обаш.
636.
Зи додот гуфта себам додӣ, мома,
Саропои базебам додӣ, мома.
Худаш ҳам мебиёяд, гуфта фардо,
Ду-се сол аст фиребам додӣ, мома.
637.
Ҳикоятҳо муфассал мешад имшаб,

https://bikhon.tj/

Ба ин тақдири мо ҳал мешад имшаб.
Фузунтар гашта тапиши дили мо,
Диванларза ду-се бал мешад имшаб.

638.

Чи хоҳӣ, завҷа беминнат диҳад, Гул,
Ситора, моҳу парвинат диҳад, Гул.
Харобу лоғарам бошӣ, ничоӣ,
Туро мӯи лабат зиннат диҳад, Гул.

639.

Ба деройит агар ранҷонда будӣ,
Зада як чашмакӣ, хандонда будӣ.
Чу дидӣ дар ниҳодам бомбаи ғам,
Ҳамоно безарар гардонда будӣ.

640.

Нишинӣ, туту бедам гӯӣ, эй зан,
Ту пириву тудедам гӯӣ, эй зан.
Худат пахлӯзаданро додиям ёд,
Чаро худ дармаедам гӯӣ, эй зан?

641.

Чаро бар гесувонам мезанӣ даст,
Чаро бар бӯса кардан мекунӣ қасд?
Бирав, мулло биовар, кун никоҳам,
Маро ҳоло бувам мучӣ накардаст.

642.

Гаҳе жалоба аз газ мекунад гул,
Шикоят аз унитаз мекунад гул.
Ҳама камбудиҳома дида-дида,
Наверно аз ман отказ мекунад гул.

643.

Зи рӯи меҳрубонӣ бошад, эй дӯст,
Хурусро мурғакаш бардошта шиштаст.
Амакпочо ба фикрам гашта мачрӯҳ,
Ки ӯро ҳамсараш бардошта шиштаст.

644.

Яке ошиқшавӣ Ҳиндустон рафт,
Ҳақиқатсанҷ шаҳри Урдуғон рафт.

https://bikhon.tj/

Бубин дунёву рангорангиашро,
Адолатхоҳ сӯи Олмон рафт.
645.
Ба зан гоҳе туву ман карда мешишт,
Гаҳе гардан ба гардан карда мешишт.
Чӣ гӯям мардиву номардиашро,
Талоқаш додаву зан карда мешишт.
646.
Туро дарси басо хуб дода буданд,
Ба дастат хорҷорӯб дода буданд.
Биомурзад Худо хушдоманамро,
Кӣ таълими занокӯб дода буданд.
647.
Анбӯҳи дарахту мавҷи дарё ин ҷост,
Хилватгаҳи ошиқони шайдо ин ҷост.
Эй кош Худо барори савдора диҳад,
Мобайни ману ту ишқсавдо ин ҷост.
648.
Ба ҷо кардӣ дулори кааб-кабутро,
Зи ёдат бурдӣ Масчоҳу Курудро.
Ба ҷои музди меҳнатро супурдан,
Нишон додӣ ба мардум фиги худро.
649.
Яке дар ин замона ҳолаташ соз,
Дигар зери кредит, зери андоз.
Ва сеюм коинотро мангирам кард,
Кризис камбағалро хӯрда шуд боз.
650.
Шикаста пои аспи навсаворам,
Зи савдо бозмонда кулли борам.
Дар оғӯши ту ман кардастам одат,
Зи ту фикри баромадро надорам.
651.
Ба ту наклейка кардам роҳӣ, гулҷон,
Дар он акси вафову аҳду паймон.
Дар ӯ рамзи дили озурдаи ман,

https://bikhon.tj/

Бигир онро ба болои дилат мон.
652.
Хуни ҷигари замина хӯрдӣ, эй нафс,
Дороии Украина хӯрдӣ, эй нафс.
Додӣ ба ғуломӣ Осиёро бар Ғарб,
Садҳо сари муслимина хӯрдӣ, эй нафс.
653.
Ба меҳмонӣ биё, шӯрбои ман пухт,
Зи раҳгардӣ ба гирдаш пои ман пухт.
Даруни офтоба карда ҷиз-ҷиз,
Зи тафси лахча ҳам ширчои ман пухт.
654.
Маро детски дом оварда мондӣ,
Ба фикри ким-кадом оварда мондӣ.
Наомад аз Рассӣ номард, гуфта,
Чӣ бар қасди дадом оварда мондӣ?
655.
Бафурча шишта сайтамро кушоям,
Бубинам, ҳоҷибобо хуфта монда?
Ва ё дар васфи ман, дар васфи гаршок
Ягон байти аҷибе гуфта монда?
656.
Биё, бар ман назар кун, кӯзабардаст,
Шудам аз мӯи шабранги ту сармаст.
Маро ту дӯст медорӣ ва ё на?
Дурӯғе гӯй, дар боло Худо аст.
657.
Заминро барф обу лой дорад,
Ба фаслаш дида рафтуой дорад,
Ва кам-кам, ноаён аз чашми мардум,
Миёни сабза худро ҷой дорад.
658.
Гулдастаи додагита оғӯш кунам,
Аз накҳати он димоғама хуш кунам.
В-ин меҳру садоқати туро як лаҳза
Ман кӯр шавам, агар фаромӯш кунам.

https://bikhon.tj/

659.
Халатро баъди ҳаммом ӯ ба тан кард,
Худашро дар барам бардорузан кард.
Маро дар интизорӣ кӯштӣ гуён,
Ду-се синяк маро андар бадан кард.
660.
Биё, ташкилӣ кардан аз тани ман,
Нишона Мир-14 маскани ман.
Просто мекунем як сӯҳбати хуб,
Гуноҳе гар шавад, бар гардани ман.
661.
Ба шавҳар додиям, гӯё ба зоча.
Ба мардум кардиям гапу калоча.
Ҳаётамро ту сӯзондиву рафтӣ,
Чаро додӣ маро бар калтапоча?!
662.
Бирав, ғундор дову даскаатро,
Бубар бо хеш хумби маскаатро.
Ба худ гир китикети гурбаро низ,
Даҳону бинибанди Васкаатро.
663.
Чӣ гуна зист шуд дар ин замона?
Ки ҷанг беист шуд дар ин замона.
Профессуру дуктур то ба олим,
Ҳама таксист шуд дар ин замона.
664.
Аз дасти занҳо ҳама кор меояд.
На ҷое рафта даъво мекунам, гуфт,
На шӯре бо ту барпо мекунам, гуфт.
Тихонко, незаметно вақташ ояд,
Ба пӯсти ту намак ҷо мекунам, гуфт.
665.
Бар модаракам салом гӯ, холаи ҷун,
Аз мо як-як ба ном гӯ, холаи ҷун.
Аз рӯзи ба манзили пасин омаданат,
Хоби шабашон ҳаром гӯ, холаи ҷун.

https://bikhon.tj/

666.
Ба роҳат дидаҳоро дӯхта мондам,
Чароғи орзу афрӯхта мондам.
Хабар омад, ки шанбе мебиёӣ,
Ба ту нони танӯрӣ пухта мондам.
667.
Зи ангорка ту дорӣ каллапӯшак,
Ма қурбони ту, зардолуфурӯшак.
Ба савдо мондаӣ қандак навишта,
Лаби зардолуҳоят тип-турушак.
668.
Аз сардӣ, ки тирамаҳ хабар дод, баччам,
Дар Южноурал гармира сар дод, баччам.
Ҷуз кундакафонӣ нест, дигар коре,
Бабушка ба дасти ман табар дод, баччам.
669.
Ба ҳадде қанду тортат дода буданд,
Намедонам ба чандат дода буданд
Чу бамбук сабз гаштӣ, ҷони ширин,
Удобрени баландат дода буданд.
670.
Насиҳатҳома машъал кун, писарҷон,
Саратро мисли ман кал кун, писарҷон.
Нашин бар гардани ман то ба мурдан,
Ту мушкилҳота худ ҳал кун, писарҷон.
671.
Мусалмониву кофар ҳамсарат ҳаст,
Либоси аврупоиёӣ дар барат ҳаст.
Бирав, ислоҳ шав, ҳоло ҷавонӣ,
Басо камбудиҳои дигарат ҳаст.
672.
Салому пайкат овардам, гули ман,
Плавки найкат овардам, гули ман.
Писандидам туро чандон, ки дарҳол.
Ду мошин лайкат овардам, гули ман.
673.

https://bikhon.tj/

Ин ҳарду писар Шумоба рафтас, мардак,
Касбу кори ако-уко шабгардак.
Падрушкаи дӯяшон ба ҳам монанданд,
Қоқинаву қаддарозу каллазардак.
674.
Яке ҳамфикри Шабдолов дар ин давр,
Яке ёри Богомолов дар ин давр.
Сиёсатбозҳо, моро чӣ кардед?
Ҳама бе молу беҳолов дар ин давр.
675.
Макону ҷои корам шаҳри Сочӣ,
Гирифтам ҳуҷҷати разнорабочи.
Ба Маша, хоҳ Даша, хоҳ Саша,
Иҷозат шуд шиносоӣ карочи.
676.
Агарчи дар ғарибӣ нимасерам,
Ба умре гар пиёда роҳ мерам.
Бидонӣ, бо вуҷуди тангдастӣ,
Ба пули ӯзбекӣ ман милёнерам.
677.
Ду килло гӯшти гав гир, омадам ман,
Ба оташдон алав гир, омадам ман.
Дуто нимметра аз суфи тоза,
Ва як постели нав гир, омадам ман.
678.
Ба ҷо мон кулли дела-дафтаратро,
Наҷунбонад касе куфли даратро.
Дуо деҳ, то саломат бозгардам,
Саробонии хуб кун духтаратро.
679.
Ба ҳар ҷое, ки хоҳам Мерс мебурд,
Фақат шаш литр оби нафт мехӯрд.
Набуд авлоди ИЖу Москвич ӯ,
Аловаш ҳар қадам, ҳар ҷо намемурд.
680.
Сари картошка Нозбону нишастаст,

https://bikhon.tj/

Сари сабзӣ Ниёзбону нишастаст.
Иваз кун бо Ниёзбону ту ҷойро,
Ба ту бӯи Пиёзбону нишастаст.

681.

Ба гул гул додаму шодаш намудам,
Зи доми ғусса озодаш намудам.
Ба чӣ анҷомад ин шоми таманно?
Тамоми рӯз падходаш намудам.

682.

Агар фикру хаёлат ҷониби мост,
Чаро дар гӯшиат акси дигарҳост?
Яке Б-у яке В-у яке 4,
Паролу нумраҳои махфӣ садҳост.

683.

Сагак омад, ба ду по рост истод,
Ба шогирдӣ даромад назди устод.
Таоми хом хӯрдан бар дилаш зад,
Кунун шашликпазиро гирад ӯ ёд.

684.

Мурам дар ҷиҷиҳоят, Чаккахола,
Бузург астанду обию кашола.
Агар бинад туро маккиданамро,
Кунад очам маро з-ин ҷо ҳавола.

685.

Занашро мезанад чӯгӣ ба ҳар боб,
Яке дар соҳилу дар дохили об.
Ва баъзе рост ояд, ҳар куҷое,
Намуди дигаре дар ҷогаҳи хоб.

686.

Ту медонӣ, ки Путин ҳамдиёрам,
Бубин, ними Рассӣ дар ихтиёрам.
Ба тӯйи мо ба ҳайси як баранда,
Жиреновискиро ман мебиёрам.

687.

Саҳар хезӣ, Худо гӯ, роҳ паймой,
Намонӣ то миёни тӯдаи лой.

https://bikhon.tj/

Нахобонаш ба ҳар ҷо рост ояд,
Бигиру каллатро кор фармой.
688.
Писарҷон, баъди ман цар мешавӣ ту,
Занакҷон, раҳбари зар мешавӣ ту.
Намемонӣ ту ҳам домоди шӯхам,
Калони кулли афсар мешавӣ ту.
689.
Зи макру тири душман модарам рафт,
Шумори рафтаҳо аз хонамо ҳафт.
Ҳазорон чашмҳоро кард пурнам,
Илоҳо, хушк гардад чашмаи нафт.
690.
Гирифтам шасти додоро зи хона,
Лаби баҳр омадам бо сад баҳона.
Иҷозат мегирам ман аз Худованд,
Ба тилломоҳӣ то гардам дугона.
691.
Мазан гапҳои бесарҳад, азизам,
Маро шарту шароит бад, азизам.
Намози шом шуд, ман бенаҳорӣ,
Дилам рафту ба пуштам зад, азизам.
692.
Макун духтарчаатро эрка, кампир,
Ва ҳоло дер не, андар адаб гир.
Ба ӯ дӯзандагиро нағз омӯз,
Ва ҳам пухтупазу дӯшидани шир.
693.
Агар нушӣ запой мерӣ духафта,
Намебинӣ таоми гарму тафта.
Нигодни мешавад, додар, моторат,
Ту тормоз мекунӣ, бар чил нарафта.
694.
Дар заҳмати хона сачкават мекардӣ,
Давлении очара дусад мекардӣ.
Бинмуда баҳона сериоли Жади,

https://bikhon.tj/

Ҳар соати се ту кора қат мекардӣ.
695.
Бирав, мӯи лабатро зан, азизам,
Ва мӯи гушакота кан, азизам.
Сараввал пешу пуштатро хабар гир,
Мулоқотам биё баъдан, азизам.
696.
Зани бообруи молодец буд,
Ба ӯ бинандаҳоро интерес буд.
Ба ту мегӯям аз рӯи шунидам,
Ҳамин момокалони Мерседесс буд.
697.
Навозишҳои занҳо гар чунинанд,
Калон гардам, дуто зан мегирам ман.
Ва таъмин кардани нафси дуяшро,
Ба ҷону дил ба гардан мегирам ман.
698.
Кунун бовар намудӣ, чонаки ман?
Ширинанд тарбузои Тоҷикистон.
Чӣ мегӯӣ, ба ин андешаҳоям,
Захира карда монем бар зимистон?
699.
Бобои Шумо ЦК ба кор мекарданд,
Оҳубараҳои хуб шикор мекарданд.
Оббозӣ ба шир менамуданд умре,
Май хӯрдаву жижи газ бухор мекарданд.
700.
Иҳота карда дехро абр, ёрон,
Мушакҳо мепарад дар кӯҳсорон.
Диёри гарми моро фасли поиз,
Магар дорад ҳавоӣ бомбаборон?
701.
Хилватгаҳи ошиқон ҳамин ҷост, биё,
Даҳ метр аз инҷа дур дарёст, биё.
Аз Южноурал ду истгоҳ болотар,
Дигар ҳама кӯча бар ту фаҳмост, биё.

https://bikhon.tj/

702.
Хеле ба авоз месарояд имрӯз,
«О» гуфта дароз месарояд имрӯз.
Гурӯғлисарой менавозад, хомӯш,
Доиранавоз месарояд имрӯз.
703.
Таҳи ду сейфама рӯфтиву рафтӣ,
Ҷудо аз ман кучо хуфтиву рафтӣ?
Биё, то вохӯрем гуфтам, шабона,
Пока! Посмотрим, гуфтиву рафтӣ.
704.
Свежий чида овардам, азизон,
Якояк дида овардам, азизон.
На кирмеву на осебе расида,
Ҳама санҷида овардам, азизон.
705.
Замоне хонамо тарҳи бутун дошт,
Ҳам айвон дошту дах посутун дошт.
Ду хучра, се тиреза, чор парда,
Дари гижжокии берун-дарун дошт.
706.
Пагоҳӣ қанду чоят мекунам ман,
Обедӣ туппатоят мекунам ман.
Шабона мепаземат маннакашша,
Эконом карда, боят мекунам ман.
707.
Агарчанде ба хона ойӣ хам дер,
Бурутамро набуррад корду шамшер.
Нашаста бар ту бӯи ошхона,
Маро бӯи хуши ту мекунад сер.
708.
Ин нона барои гав бипухтӣ, келин?
Ё ин ки ба муди нав бипухтӣ, келин?
Бо нури маҳаст, ё шуои хуршед,
Худ гӯ, ба кадом алав бипухтӣ, келин?
709.

https://bikhon.tj/

Дар дастурхон ҳам асалу ҳам каша,
Одоба нигаҳ надорӣ, Муллопашша.
Нагли шудаӣ, ки дар ҳузури мардум,
Маккида нишастӣ аз лабони Даша ?
710.
Дар интернет ғазал пур шуд, куҷоӣ?
Зи дарду ғам бағал пур шуд, куҷоӣ?
Алиҷон каллу Гул каллу Тило кал,
Ҳама ҷо аз касал пур шуд, куҷоӣ?!
711.
Суруди Алла хонам, ҷони хоҳар,
Ба ин хобат баронам, ҷони хоҳар.
Худамро гар хумори алла гирад,
Равам хобат паронам, ҷони хоҳар.
712.
Накардӣ аз чӣ бошад истиҳола?
Ҳама бар ҳар тараф кардӣ ҳавола.
Дили ту ҳарчӣ хоҳад, қиммат охир,
Ҳамин себора бар, хӯр, ҷони хола.
713.
Ба пешвозат танӯрам пур зи нон аст,
Чароғакҳои сабзам даргирон аст.
Умедворам, ки бегаҳ мебиёӣ,
Утоқи хоби ман хеле фасон аст.
714.
Гадои обу нон аст ин бародар,
Ва ҳам безори ҷон аст ин бародар.
Сабаб якто, фақат якто, азизон,
Ба қавле занкалон аст ин бародар.
715.
Ҳазорон бонгҳоро гӯш кардам,
Ба ҳар ҷо оташе хомӯш кардам.
Бидидам сад ҳазорон айбҳоро,
Нагуфтам пеши кас, рӯпӯш кардам.
716.
Дилам ҷӯёи харбуз, рӯзадорам,

https://bikhon.tj/

Зи боби ӯ ба ту маърӯза дорам.
Харидам ҳарчи бодо бод, гӯён,
Ба музди заҳмати серӯза корам.
717.
Зи ҷӯ як қатра нам бошад, ки бошад,
Агарчанде, ки кам бошад, ки бошад.
Басанда аз барои луқмаи нон,
Агар як танга ҳам бошад, ки бошад.
718.
Ба шаҳри мома меҳмон буд Лаку Пак,
Калидаш зери гулдон буд Лаку Пак.
Умеди кардани дуздӣ насозед,
Бисоташ пораи нон буд Лаку Пак.
719.
Зи сина рондани шайтон намоз аст,
Асоси панд аз Қуръон намоз аст.
Гирифтан маскан аз гулбоғи Фирдавс,
Бубастан бо Худо паймон намоз аст.
720.
Миёни неку бад шуд фарқият гум,
Ва ҳам дар байни инсон тарбият гум.
Хусусӣ шуд ҳама амволи олам,
Билохир гашт номи ҷамъият гум.
721.
Ба гӯшаш хондӣ, форондӣ, дубайтӣ,
Ғамашро андаке рондӣ, дубайтӣ.
Ба ҳадде буд сози ту гуворо,
Қаламро бозӣ дорондӣ, дубайтӣ.
722.
Қаламро сар буридам, нола сар кард,
Хабарҳои маро бар баҳру бар кард.
Ба пушташ буд изи панҷаи ман,
Ба суди Олӣ ӯ аз ман хабар кард.
723.
Дар ин ошён кайди ном карданд,
Тариқи қарз моро ром карданд.

https://bikhon.tj/

Шудандӣ ҷонишин дар манзили мо,
Нишасти мо ба кунҷи бом карданд.
724.
Шарики некиву бадҳои ман буд,
Ғамини ҷумла заҳматҳои ман буд.
Маро шарманда бинмуд охири кор,
Қалам дар пахши ғайбатои ман буд.
725.
Умеди аввалину охаринам,
Ту кардӣ байни мардум офаринам.
Каму беше аз ин бошад, надонам,
Ташаккур, хонуми ҳаштодуминам.
726.
Ба дафтар киштаамро хома донад,
Гирехи риштаамро хома донад.
Аз ӯ пинҳон набошад хеҷ корам,
Ҳама бинвиштаамро хома донад.
727.
Аламҳо хона-хона дар дили мо,
Зи ғам садҳо фасона дар дили мо.
Хумораш дона-дона бошад, аммо,
Ғубораш тонна-тонна дар дили мо.
728.
Шоҳони Фарансаву Парагвай рафтанд,
Меросхӯрони Ҳотами Тай рафтанд
Гитлеру ҷаноби Чингизу Темури Ланг,
Хай гуфтаву ҳай гуфта ба ҳай-ҳай рафтанд.
729.
Яке з-ин манзили мо мегурезад,
Чи ҳамдил аз дили мо мегурезад.
Магар мо сӯҳбати ширин надорем,
Ҳама аз маҳфили мо мегурезад?
730.
Ба сӯҳбат қанд дар қандӣ, гули ман,
Ба лаззат гӯшти гӯфандӣ, гули ман.
Назар кун, дасти ман дар чӣ ишора,

https://bikhon.tj/

Ба ҷонам сахт пайвандӣ, гули ман.
731.
Дар ин даврони хешу шоҳии худ,
Кунам шукронаи гулмоҳии худ.
Расонад то ба ичро хоҳишамро,
Ба ҳарҷо мебарам ҳамроҳии худ.
732.
Муаллим ҳозиру ғоиб надорад,
Ва рафти дарсҳо қолиб надорад.
Ҳама фан фанни варзиш гашта имрӯз,
Чӣ, ин дорулфунун соҳиб надорад?!
733.
Зи худ дуре, ки мо ҳастем, кас нест,
Кару кӯре, ки мо ҳастем, кас нест.
Зи майдон дуру болои зани худ,
Басо зӯре, ки мо ҳастем, кас нест.
734.
Ҳазорон мазораро гул кошт ин дил,
Бузургиҳову меҳре дошт ин дил.
Чӣ сахт аз дасти фарзандони Одам,
Ҷароҳатҳо басе бардошт ин дил.
735.
Ана, по ҳам баровардам, бубинед
Сухан кам-кам баровардам, бубинед.
Гирифтам, бӯса кардам, дасти модар,
Варо аз ғам баровардам, бубинед.
736.
Саҳар то шом бо ҳам кор кардем,
Ба дастури Худо рафтор кардем.
Ба буду доди Аллоҳ шукр, гуён,
Нишаста бо занак ифтор кардем.
737.
Урусо бибиро бабушка гӯянд,
Зани рӯҳониро матушка гӯянд.
Зи рӯи меҳрубонӣ гоҳ-гоҳе,
Арӯси хешро сольнушка гӯянд.

https://bikhon.tj/

738.
Дар ҳавзаи об то гулӯ хобида,
Даҳсӯмаи бобоӣ пурӯ хобида.
Бо чангу ғубору гарди раҳ олуда,
Пажмурдаву пучу беутӯ хобида.
739.
Фирефта бандаро об мекунӣ ту,
Ба ҷонам мерасӣ, боб мекунӣ ту.
Ҳамин, ки дар сари сӯҳбат нишастем,
Ғанав мероиву хоб мекунӣ ту.
740.
Маро дар вакти кору истироҳат,
Ва ҳангоми намозу ҳам тиловат.
Хаёлам ибрати ҳамсоя дар ӯст,
Сагаш умре маро бидҳад ҳақорат.
741.
Гумон кардам, дуои зишту бад гуфт,
Ва ё шаш пушти инсонро сағат гуфт.
Ба диққат гӯш додам ман, якеро,
Калоғе тӯй дорам, маъзарат, гуфт.
742.
Иҷобат бар дуо буд рӯзи ҷумъа,
Беҳин рӯзи Худо буд рӯзи ҷумъа.
Ба мискинон бувад чун ҳаҷҷи акбар
Барои мо ато буд рӯзи ҷумъа.
743.
Зи модарҷон фармон шуд, нарафтам,
Ба хона як-ду меҳмон шуд, нарафтам.
Ба дигар шом мондам вохӯриро,
Шабона реҷа вайрон шуд, нарафтам.
744.
Яке чангу чағона кор мебурд,
Яке по, даст, шона кор мебурд.
Барои пеш бурдан зиндагиро
Яке садҳо баҳона кор мебурд.

https://bikhon.tj/

МОДАРНОМА

https://bikhon.tj/

1.
Деҳотизани фариштахӯӣ, эй зан,
Озодазаифи пахтарӯӣ, эй зан.
Умре ту кашидӣ ғурбати раҳдурӣ,
Дар роҳи вафодории шӯӣ, эй зан.
2.
Бо очаи бачча дар тамосам,эй дӯст,
Гӯяд, ки бихар сару либосам, эй дӯст.
Моҳона нашуд гуфта фиребаш додам,
То моҳи дигар аз ӯ халосам,эй дӯст.
3.
Чун дастагули рӯи замин буд оча,
Бо моҳу ситора ҳамнишин буд оча.
Дар ҳар суханаш калимаи Аллоҳ буд,
Зеро ба Худо ёри қарин буд оча.
4.
Мушкил шуда лаҳза-лаҳза аз ҳар бобат,
Ҳарфе чӣ бигӯм, ки сина таскин ёбад?
Акнун бари шӯхиҳом баъди сари ту,
Кӣ гӯши мани ятимака метобад?
5.
Эй оча, замони бад ғарибам кардаст,
Бемории силли бетабибам кардаст.
Шиштам лаби хони ӯ ҳазину музтар,
Аз доди Худо ҳамин насибам кардаст.
6.
Кӯи ғаму дард убур мекард оча,
Оташ ба таги танӯр мекард оча.
Аз нӯги хамири худ фатири дилкаш,
Монанди худаш банур мекард оча.
7.
Аз кӯчаи дард убур мекард оча,
Оташ ба таги танӯр мекард оча.
Дар ишками зори тифлии ман доим,
Сад гӯшнагиҳома кӯр мекард оча.
8.

https://bikhon.tj/

Кӯи гаму дард убур мекард оча,
Оташ ба таги танӯр мекард оча.
Ман шеър ба «Нони гарм»-и ӯ мебастам,
Болида аз ӯ ҳузур мекардоча.
9.
Дари тиру камонҳоро бубандем,
Дари чашми «АМОН»-ҳоро бубандем.
Ба ҷои Кунда Тоҷ унвон гирем,
Дари захми забонҳоро бубандем.
10.
Дигар шуд илму техник иктидораш,
Каланду бели бобо мурд –кораш.
Ба худ о, тоҷики ман, дар ҳунар кӯш,
Сафи бекор афзун шуд-шумораш!
11.
Яке анбори додо кард холӣ,
Дигар дӯздандаи гандуму шолӣ.
Зану фарзанди худро монда дар деҳ,
Яке бигрехт то Қутби Шимолӣ.
12.
Бародар аз бародар боҷ гирад,
Яке бо ҷанг тахту тоҷ гирад.
Ғуломи нафси худ шуд одамизод,
Куҷо кас дасти як мӯҳтоҷ гирад?
13.
Ғарибонро чу ёде кард борон,
Хароҷоти зиёде кард борон.
Гиёҳу майсаҳои камбағалро,
Чӣ хуш хайру закоте кард борон.
14.
Зебову шинам куртаи атлас медӯхт,
Ӯ бистару болиноша аз лас медӯхт.
Чеварзани хуби деҳа буд модари ман,
Қоим ба тани ҳазору як кас медӯхт.
15.
Гаҳе аз бетабибӣ месароям,

https://bikhon.tj/

Гаҳе аз беҳабибӣ месароям,
Хабардори дили халқи ғарибам,
Фақат шеъри ғарибӣ месароям.
16.
Чун гиря кунам шаккару қандам медод,
Аз шохаи бед аспи самандам медод.
Дастам бигирифта модари рахматиям,
Ман тифлу зи мардонагӣ пандам медод.
17.
Модар, модар, моиндарам мезанадам,
Аз пуштаки бозӣ додарам мезанадам.
Аз тӯҳмати модари ӯгай ҳар лаҳза,
Бадбахтира бин, ки падарам мезанадам.
18.
Ҳамроҳаки ман нишастагӣ модар буд,
Рӯймолчаи шолчабастагӣ модар буд.
Бо чеҳраи коҳида зи дарди додо,
Бо ҳоли забуну хастагӣ модар буд.
19.
Аз синаи чок-чоки додар ҷустам,
Аз нолаву зораҳои хоҳар ҷустам.
Дидам, ки ҷавоби равшане нашнидам,
Аз дар ба даре рафтаму модар ҷустам.
20.
Бе ту бигузашт даҳ баҳори оча,
Шуд канда ба дар ду чашми чори оча.
Якрӯза набуданат - Шаҳи ноинсоф,
Сад сол намуд дар шумори оча.
21.
Дар хоки мазор модарам хобида.
Он лолаузор модарам хобида.
Бо ҷаннатиён ҳамқадаму ҳамсоя,
Панҷвақтагузор модарам хобида.
22.
Модар, модар баҳор омад, модар,
Ҷӯши дили бекарор омад, модар.

https://bikhon.tj/

Осори ғами ту монд дар чеҳраи ман,
Ранги рухи ин диёр омад, модар.
23.
Аз модари мо ситораҳои хуш монд,
Сад навъ дуову зораҳои хуш монд
Худ рафт агар, барои мо фарзандон
Байту газалу таронаҳои хуш монд.
24.
Хуш модари ман китобу дафтар мехонд,
Қуръону ривояти Паямбар(с) мехонд.
Умре зи паи дуои фарзандонаш,
Ал-Фотиҳаву сураи Кавсар мехонд.
25.
Модар, модар баҳор омад, ту куҷо?
В-он раҳмати Кирдугор омад, ту куҷо?
Дар ҷилва шуданд лолаю гул ба чаман
Боронаки мусиқор омад, ту куҷо?
26.
Ку гулназару гулбасару гулдӯзам?
Рафтаст куҷо, дида ба дар медӯзам.
Меноламу хомӯш падар мегиряд,
Ҳамроҳи падар ба модарам месӯзам.
27.
Дар синаи мо донаи ғам коштаӣ,
Бо кулли фаришта вохӯрӣ доштаӣ.
Чун чораи монданат набуд, очаи ҷон,
Он тираку тахтаҳота ғундоштаӣ.
28.
Вақте ту будӣ ба хоби ғафлат бурданд,
Шустан(д) туро ба Оби Раҳмат бурданд.
Оҳиста дили ғамзада бар гӯшам гуфт:
Тобути туро рост ба Ҷаннат бурданд.
29.
Ғамхои маро хӯрдиву дилчок шудӣ,
Модар, модар, ту модари хок шудӣ.
Рафтӣ ба макони абадӣ хаставу зор,

https://bikhon.tj/

Ҳамсӯҳбату ҳамнишини афлок шудӣ.
30.
Латхӯрдагул аз тагарг будӣ, модар,
Хушкида мисоли барг будӣ, модар.
Ман дар дами тири ғуссаву дарду алам,
Ту дар дами тири марг будӣ, модар.
31.
Ҳавои сард дарёро гурезонд,
Дурушти карду гарморо гурезонд.
Бурун шуд мардум аз майдони заҳмат,
Тамоми сайди саҳроро гурезонд.
32.
Зи атлас дӯхта почомаи Пул,
Кучое меравам ҳангомаи Пул.
Ту обу дону хоку чони мойӣ,
Ба ҳар сурат ту бошӣ, момаи Пул.
33.
Чу гул дастобадастӣ, момаи Пул,
Ту моро чирки дастӣ, момаи Пул.
Надорӣ камбағалро чашми дидан,
Бигӯ, доропарастӣ, момаи Пул?
34.
Ғам дар дили ман захира кардӣ, модар,
Шамъи дили ман ту тира кардӣ, модар.
Раҳме ту накардӣ бар мани бечора,
Рафтиву маро сағира кардӣ, модар.
35.
Дигар набарам бар лаби худ ҷоми туро,
Дигар накунам назорае боми туро.
Ман акси туро канам зи девораи дил,
Аз дафтари умр хат занам номи туро.
36.
Намонда гарди орди 40-килоӣ,
Фурӯхта оча, гӯшвори тилоӣ.
Варо вазнин шуд оилапоӣ,
Намедонам, ки додо, кай ту ойӣ?

https://bikhon.tj/

37.
Маро дил бурд бозори саховат,
Маро наздик кардӣ бар қиёмат.
Вале дар тули умри худ накардаст,,
Иваз ҷою макони истироҳат.
38.
Мурғакову чӯҷахо бедона монд,
Зист онҷо баҳри ман афсона монд.
Раҳ гирифтам сӯи дунёи дигар,
Хонаи бобоӣ кафтархона монд.
39.
Гузашта ҳусну мазмуни дигар дошт,
Дили дилдодаҳо аз ҳам хабар дошт.
Надонӣ, тифли ман, дар он замона,
Муҳаббат лаззати шаҳду шакар дошт.
40.
Табиатро ҳама сармо лағат кард,
Навозишҳои худ-Бузғола қат кард.
Ба тахти сандалӣ биншаст, Мошон,
Мушак ишкори худро дар сабат кард.
41.
Чу солу моҳҳо ман ҳам гузаштам,
Ва чун арвоҳҳо ман ҳам гузаштам.
Савора дар қатори корвонҳо,
Ба пушти роҳҳо ман ҳам гузаштам.
42.
Кӯрмуша ба киштаи дарав сар додем,
Бар синаи ҳамдигар алав сар додем.
Мо бар сари зодагони Одам имрӯз,
Искандару Мигу Ил-и нав сар додем.
43.
Умре, ки қимор мекунам, бурд кунам,
Гоҳо, ки шикор мекунам, бурд кунам.
Рӯзе, ки шикори ман бароре нагирифт,
Бо нафси сабилмонда задухӯрд кунам.
44.

https://bikhon.tj/

Як тӯи хуше баҳор хоҳем кардан,
Дар суфраи Бахтиёр хоҳем кардан.
Гулбаррачаро гирифта аз по, дасташ,
Бар уштури дег савор хоҳем кардан.

45.

Замини ҳотаям кайҳо буғӯз аст,
Ба 31-ҳафтаву боз ин 2-рӯз аст.
Пиёзу сабзӣ дар батнаш-дугоник,
Занак аз баҳри ин ду куртадӯз аст.

46.

Дар гӯшаи ҷар каме заминам мондаст,
Харсанги сапеди мармаринам мондаст.
Як боғчаву кати қадимӣ аз лой,
Аз раҳматии падар ҳаминам мондаст.

47.

Назар созам-табиат моили барф,
Чӣ асрорест андар дохили барф?
Кунад ӯ кишти дехконӣ-зимистон,
Баҳорон-мо чашем аз ҳосили барф.

48.

Дуди тумани ғализ бобам кардӣ,
Муштоқи нигохи офтобам кардӣ.
Яксола бисоти рӯзиямро ба тамом,
Бурдиву зиёни беҳисобам кардӣ.

49.

Омехта ба обу алав аст, медонӣ,
Маҳсули ҳама даводав аст, медонӣ?
Мошинаи асри бистуяк дӯхтааст,
Пероҳани шеъри ман нав аст, медонӣ?

50.

Хоҳам, ки Худо, ду офтобам бидиҳӣ,
Аз маҳбаси торики ҷавобам бидихӣ.
Бар ҷониби ту дасти дуо бардорам,
Аз чашмаи раҳмати худ обам бидихӣ.

51.

Сабо ҳар ҷо равӣ аз ман паёме,

https://bikhon.tj/

Паёми пур зи ишқамро ба номе.
Тавонӣ, як-ду байтамро бихонаш,
Набитвонӣ агар, ҳамту саломе.
52.
Ба дилҳо гармӣ коридиву рафтӣ,
Ҳалимӣ-нармӣ боридиву рафтӣ.
Амонат то ба дигар рӯз моро,
Ба дасти шаб супоридиву рафтӣ.
53.
Ба саҳна дастаи гул бозӣ мекард,
Ба як сӯ ҷуфти булбул бозӣ мекард.
Намоишномаро дидам саропо,
Асосинақш кокул бозӣ мекард.
54.
Гуфтам биравам ба хостгорӣ пешат,
То розӣ кунам модари дурандешат.
На-на, туву холадухтарам ҳамсинфед,
Бо ӯ шояд маслиҳатам хуб мешад?
55.
Рафтӣ ба куҷо, ки хор мешам, додо.
Бар гардани оча бор мешам, додо.
Бебаҳра зи илму донишу касби баланд,
Монанди ту мардикор мешам, додо.
56.
Ба меҳмонии дафтар хонамат, гул,
Ду-сето шарти вазнин монамат, гул.
Наёӣ гар ба меҳмонӣ, азизам,
Бидон, аз хонаи дил ронамат, гул.
57.
Бо оча баланду паст гуфтам, додо
Бар мову Шумо шикаст гуфтам, додо.
Оне гуфтам малоли хотир нашавад,
Аз рӯи ҳақиқат аст, гуфтам, додо.
58.
Абрӯи каҷи шикорият мекушадам,
Таҳпӯши ласи баҳорият мекушадам.

https://bikhon.tj/

Зебанда ба вақти ош пухтан духтар,
Пешдоманакои корият мекушадам.
59.
Бароят байти ноб оварданиям,
Ситора, моҳтоб оварданиям.
Дурӯғи маҳз мешад, рӯз гӯям,
Шабона вақти хоб оварданиям.
60.
Зи худ огоҳ шав, ҳоло, ки вақт аст,
Ба ақл ҳамроҳ шав, ҳоло, ки вақт аст.
Худоро хуш биёяд-тавба созӣ,
Биё, ислоҳ шав, ҳоло, ки вақт аст.
61.
Эй оча, китоби Тоҷиконро хондам,
Қисми авалу охири онро хондам.
Аз дафтари имрӯзаи таърихнависон,
Афсонаи пучи хоинонро хондам.
62.
Ту ҳастиву ман ҳузур дорам, модар,
Дар чеҳра шуову нур дорам, модар.
Дороиву дунёи намеҷӯям ҳеҷ,
Аз давлати ту ҳузур дорам, модар.
63.
Саҳар то бегаҳӣ ёнбоша мезад,
Ҳамин, ки гӯшна шуд, поҳоша мезад.
Аҷоиб иштиҳои карнайӣ дошт,
Навола карда дӯстам оша мезад.
64.
Яке бар хона ризқу рӯзӣ орад,
Ба саҳро дувуминаш дона корад.
Баробар мекашад бори ғаму дард,
Лаку Пак ҳамдигарро дӯст дорад.
65.
Не пора ба ту зи молҳо овардем,
Не мева аз он ниҳолҳо овардем.
Аз ноҳақиҳо, ки нисбати мо дорӣ,

https://bikhon.tj/

Мо бар сари ту суолҳо овардем.
66.
Худоё, мағфират кун модарамро,
Нигаҳ аз ҳар ҷиҳат кун модарамро.
Тамоми меҳрубониҳои монда,
Ҳама дар охират кун модарамро.
67.
Дубора ҳой гӯӣ ҳам, наоям,
Ба русӣ мой гӯӣ ҳам, наоям.
Ширин карда, шакар карда, пас аз ин,
Маро Гулбой гӯӣ ҳам, наоям.
68.
Дубайтӣ беқарорам карда монда,
Чӣ мушкилҳора борам карда монда.
На балки ровии шӯхе ба саҳна,
Ва чун як бастакорам карда монда.
69.
Ба дил гуфтам, ки ёдам мекунад ёр,
Чу ҷонаш эҳтиётам мекунад ёр.
Надонам, аз кӣ бигзашт? Аз ман?Аз вай?
Чаро ғам дар ниҳодам мекунад ёр?
70.
Гулдухтари тоҷика ба кӯзаш садқа,
Дар махсиву дар калӯшу мӯзаш садқа.
Дар ҷои нишасту тарзи одоби нишаст,
Бар чевари хубӣ куртадӯзаш садқа.
71.
Ман дар ғами мӯи рафтаи бедаракам,
Нагрузкаи бисёр бо ӯ каракам.
Нимаш агаре сапед шуд, дар ҷояш,
Ними дигараш фирор кард аз саракам.
72.
Маконат пур-пури дон бод, Тилоҷон,
Сарат аз мӯ фаровон бод, Тилоҷон.
Ҳамин сарсабзиатро, эй бародар,
Бикелин дида шодон бод, Тилоҷон.

https://bikhon.tj/

73.
Зи баҳси илмӣ гӯӣ, ӯ раманда,
Зи кору боракош ойӣ ба ханда,
Даруни хонааш ӯ Қоришайтон,
Вале дар кӯча ӯ фатфодиҳанда.
14.
Нишонда дар барат гулҳои танноз,
Ба худ эй Мерс, дорӣ ишваву ноз.
Баланд гардиданат суде надорад,
Сезон омад, балонат мекафад боз.
75.
Кредит карда моро хонабардӯш,
Намонд дар мо қарору тоқату ҳуш.
Ба ҷои завҷаҳои ташнаи меҳр,
Кунем цементи 100 килоӣ оғӯш.
76.
Ба Маскав ою раф(т) кардӣ, бидидам.
Ба Саша Бурдашф(т) кардӣ, бидидам.
Ҷавон мебудӣ, ин дарди ба хайр буд,
Ба синни чилуҳаф(т) кардӣ, бидидам.
77.
Ба хӯрдан хӯрдаму андеша рондам,
Занак, оши туро ман кашша хондам.
Баҳои паст монам, хафа мешӣ,
Аз ин рӯ бар ту панҷи чаппа мондам.
78.
Агар ойӣ, сагамро мегирам ман,
Зи раҳ в-он лаклакамро мегирам ман.
Ба айши мову ту рашкаш наояд,
Зи чашмам айнакамро мегирам ман.
79.
Ба саҳро худ равам, худ дона пошам,
Ба умре аз пайи гову харошам.
Ба сӣ рафтиву ҳоло эркаӣ ту,
Туро ман кай ба раҳ мемонда бошам?
80.

https://bikhon.tj/

Сараввал туту беде гуфта рафтӣ,
Канӣ, зудтар раведе гуфта рафтӣ.
Ду сето чашмакӣ кардам ба сӯят,
Зи шарм рӯтон сафеде гуфта рафтӣ.
81.
Ту барпоӣ, ту барҷоӣ, гули ман,
Ҳазоре не, ту яктоӣ, гули ман.
На моли дасти дуюми хитоӣ,
Заводской зебоӣ, гули ман.
82.
Ҳама тафти замин ру зад, куҷоӣ?
Бузу бузғола бар кӯ зад, куҷоӣ?
Баҳор омад, ҳама ҷо сабзу хуррам,
Шафоат гул ба гесӯ зад, куҷоӣ?
83.
Ба се моҳаст бекорам, Худоё,
Сар аз бекорӣ мехорам, Худоё.
Сару нӯги калобам гум, чӣ созам?
Миёни чор деворам, Худоё.
84.
Ба шӯр омад зи як шухӣ зани ман,
Пиёба заҳр шуд андар тани ман.
Калону хурди хона мухлиси мо,
Кривой зеркало буд маскани ман.
85.
Яке худро ба дониш доданӣ аст,
Яке худро ба ДОИШ доданӣ аст.
Яке бо машқи шеъру машқи варзиш,
Ҳама худро намоиш доданӣ аст.
86.
Барояш як дусе ҳангома бофтам,
Ғазаб бинмуда коҳи кӯҳна кофтам.
Ба ман чандест нӯли зан гирифта,
Ба қаҳгардониаш одам наёфтам.
87.
Ду-се сум додаму раҳхат гирифтам,

https://bikhon.tj/

Паси таксизанӣ навбат гирифтам.
Задам Росровуту Метку Хишекат,
Зи мардум раҳкиро раҳмат гирифтам.
88.
Туро дилшоду худро беҳ накардам,
Дили фарсударо дарбеҳ накардам.
Намудам гарчи кӯшишҳои беҳад,
Ба хӯрдан хешро фарбеҳ накардам.
89.
Муборак бод, мавлуди баҳорон,
Муборак бод, тавлиди дубайтӣ.
Палав дам мекунам дар деги масҷид,
Биё, эй дӯст, бар иди дубайтӣ.
90.
Биё, Наврӯзи беҳамтои дилдӯз,
Биё, Наврӯзи наврӯзи дилафрӯз.
Раҳо кун дарду ғам аз қалби инсон,
Ба дилҳои пурармон оташ афрӯз.
91.
Ба хоби ман ту ҳаргаҳ медаровӣ,
Пагаҳ бегаҳ ба хаждаҳ медаровӣ.
Ба охир мерасад даврони ёшит,
Ба худ меойӣ, бар раҳ медаровӣ.
92.
Куҷо рафтӣ ту дар айёми пирӣ?
Умедворам, СМС-ома гирӣ.
Ба пои духтаре афтода шояд,
Сари пирӣ дар ин дуроҳа мирӣ.
93.
Нанолам, зочаи бозингарам нест,
Нанолам, қанду ширу шаккарам нест.
Дилам бисёр танг аст, эй падарҷон,
Дилам зиқ аст охир, модарам нест.
94.
Ба рӯи хок изи пома мондам,
Ба пушти равзана савғома мондам.

https://bikhon.tj/

Ту то бовар кунӣ бар омади ман,
Ба дар печаткаи дастома мондам.
95.
Либоси афсарӣ бар бар кашидам,
Ба суйи барфҳо лашкар кашидам.
Гуруҳеро табаркорӣ намудам,
Дигарро монда дар замбар кашидам.
96.
Ба софӣ обро бояд нигаҳ дошт,
Рамузи хобро бояд нигаҳ дошт.
Ало, эй зодаи Ҳаввову Одам,
Ҳама одобро бояд нигаҳ дошт.
97.
Ба дил гуфтам, ба дил хурдам ман, оча,
Гиристам, сӯхтам, мурдам ман, оча.
Нағунҷондам канори зиндагонӣ,
Аламҳота ба гӯр бурдам ман, оча.
98.
Аз ранҷу азоби дард хуфтаст модар.
Дар дида ғубори гард хуфтаст модар.
Маҳрум зи дили пур аз шарори хуршед,
Ҳамсӯҳати хоки сард хуфтаст модар.
99.
Диролрбуз мегӯям лабатро,
Мисоли шир хонам ғабғабатро.
Магир бар сина бими бечароғӣ,
Фурӯзон мекунам худ ҳар шабатро.
100.
Зане, ки дар радифи молу ҳол аст.
Ба шавҳар эътибораш ҳадди нол аст.
Зани ҳушёру боақлу фаросат,
Ҳамеша шӯйро дар контурол аст.
101.
Чӣ хоби беадаб дидӣ, азизам?
Киро дар хоби шаб дидӣ, азизам?
Сари ҷогаҳ ба сӯям ҳиҷҷа карда,

https://bikhon.tj/

Шикам қапида хандидӣ, азизам.
102.
Спортивни либосамро гирифтам,
Ба китфи чап насосамро гирифтам.
Маро ҷону ҷигар сӯзонда будӣ,
Дар охир ман қасосамро гирифтам.
103.
Ба гулгаштои Фейсат мефиристам,
Савори Мерседесат мефиристам.
Пайи санҷидани бахтат, азизам,
Туро Поле Чудесат мефиристам.
104.
Фидои ҷони ман бошӣ, ман аз ту,
Балогардони ман бошӣ, ман аз ту.
На ман дар зери фармони ту гардам,
Ту дар фармони ман бошӣ, ман аз ту.
105.
Паси андешаҳо дар рафтуоям,
Набидҳад гӯш бар ман дасту поям.
Ба рӯям баста аст дарҳои илҳом,
Набуд ин рӯз добрый аз бароям.
106.
Танӯрро нон дӯзад модари ҷон,
Чу хуршеде фурӯзад модари ҷон.
Ба рӯи лахчаҳо сартоба пӯшад,
Ки то нонаш насӯзад модари ҷон.
107.
Гумонам, ки ҳарорат дорам имрӯз,
Аз ин рӯ истироҳат дорам имрӯз.
Кушода диктофони гӯшиамро,
Дубайтӣ хонда роҳат дорам имрӯз.
108.
Киро хоҳем ба ӯ ҷанг мегирем мо,
Нафас аз гарду аз чанг мегирем мо.
Кӣ Ҳақ гӯяд, душман меҳисобем,
Чӣ гуна баъд аз ин ранг мегирем мо?!

https://bikhon.tj/

109.
Агар шӯхӣ кунӣ, молхона ҷоят,
Кунам маҳкам дарашро аз қафоят.
На обат медиҳам, на луқмае нон,
Дигар асло намешад кафши поят.
110.
Бишин! Ором шав, эй дӯсти ҷонам,
Туро лабташна ман ҳаргиз намонам.
Қатори тифлаконам, майда-майда,
Худам ҳар лахза шират мемаконам.
111.
Бигуфтам, наздат оям соати ҳашт,
Ба ҷои ваъдагӣ дар водии Рашт.
Вале ноомади кори маро бин,
Яке аз пеши роҳам гурба бигзашт.
112.
Кунӣ шукраш, ба нонат мерасонад,
Ҳар он хоҳӣ, ба онат мерасонад.
Фаромӯшаш намудӣ, дон, ки инсон,
Дар охир ӯ зиёнат мерасонад.
113.
Аё ошиқ, назар бинмо ба дальни,
Мадор аз дасти маҳбубе нахальни.
Агар хоҳӣ ба даст орӣ дилашро,
Бирав, подход кун, первоначальни.
114.
СССР буд, давратро бирондӣ,
Ту кайфи Москвичҳоро парондӣ.
Замони Мерседессу Опел омад,
Чу ман, эй нол як, аз муда мондӣ.
115.
Бароят об овардам, биё, нӯш,
Ба дардат тоб н-овардам, биё, нӯш.
Ба ту дармон бахшад гуфта шояд,
Ман аз Анзоб овардам, биё, нӯш.
116.

https://bikhon.tj/

Ба тонна зар гирӣ ҳам, меравӣ, дӯст,
Худатро кар гирӣ ҳам, меравӣ, дӯст.
Ба гирдогирди худ баҳри ҳимоят,
Ҳазор аскар гирӣ ҳам, меравӣ, дӯст.
117.
Ту ойӣ, бас кунам, ман ҷангу ҷӯшам,
Калӯшу маҳсии додмодӣ пӯшам.
Бубандам бар сарам дастори зебо,
Наойӣ, Мерседессамро фурӯшам.
118.
Биёӣ, чорта сӯҳбат мекунем шаб,
Дубайтихонӣнавбат мекунем шаб.
Ту аз момому ман аз очаи ту,
Нишаста як-ду ғайбат мекунем шаб.
19.
Табоқи ош овардам, нахестӣ
Ба каф барчош овардам, нахестӣ.
Ба он соне гирифтӣ сахт, эй ёр,
Скори помощ овардам, нахестӣ.
120.
Даври ман ба поён рафт,
Соли ман ба чанд омад?
Боядам хамӯш истод,
Ҳамсарам баланд омад.
121.
Ба тухму бо шакар буд нони модар,
Худи ҳалвои тар буд нони модар.
Ширин буд нони дасти ҳамсарам, лек,
Аз ӯ хушмаззатар буд нони модар.
122.
Ба ҳар андозаҳо пардозамат, дар,
Туро дар сурати гул созамат, дар.
Ба гӯшатҳалқа, бар ангуштҳоят
Харам ангуштарӣ андозамат, дар.
123.
Таомул кардаям аз каклику ғоз,

https://bikhon.tj/

Ва ё аз думбаи хумби пасандоз.
Чӣ чизеро хӯрам, аммо пас аз он,
Дилам як луқмае нон мекашад боз.
124.
Хурусу ҳамсараш созиш намуданд,
Гуноҳи карда бахшоиш намуданд.
Ба дармонгоҳи Зумрат пиру кампир,
Ду ҳафта ҳар ду осоиш намуданд.
125.
Наё наздам, ки футболат кунам ман,
Забонатро канам, лолат кунам ман.
Кунам аз ҳар ду гӯшҳоят кашола,
Ба зери Мерсу Соболат кунам ман.
126.
Суханҳои дуруштам дорӣ, эй гул,
Дуо дар пешу пуштам дорӣ, эй гул.
Агенти СРУ пеши ту ҳеҷ аст,
Бигӯ, ё қасди куштам дорӣ, эй гул?
127.
Ба боми боғ базми хуб карданд,
Ғами худро ба ин мағлуб карданд.
Мани бегонаро дидан ҳамоно,
Ҳама аз тор гелоскӯб карданд.
128.
Магӯ ҳарфе, ки ман 3-яш гузорам,
Ба ҷои Хуб ба он Не-яш гузорам.
Чуноне гӯй дар васфам дубайтӣ,
Дар ин роёна ОК-яш гузорам.
129.
Ҳамин гулбастаи дасти маро гир,
Ба дил пайвастаи дасти маро гир.
Дарозат кардаам бо сад таманно,
Гули наврастаи дасти маро гир.
130.
Ду рухсораш чу раз шуд, хоҳаракҷон,
Ду гесӯяш ду газ шуд, хоҳаракҷон.

https://bikhon.tj/

Ба ҷои модарам, шукрона имрӯз,
Бубин, чаппотипаз шуд хоҳаракҷон.
131.
Гулу гулбаччаҳоеро шикастам,
Пари олучаҳоеро шикастам.
Ман аз беэхтиётӣ, эй Худованд,
Қади раҳ мӯрчаҳоеро шикастам.
132.
Яке бинам, ба дукони зар астӣ,
Сари қанду наботу шаккар астӣ.
Гаҳе бинам қалам-қогаз ба дастат,
Сари чандин вазифа раҳбар астӣ?
133.
Гаҳе бар гуфти шайтон медароем,
Зи роҳу реҷаи худ мебароем.
Наметонем ба ин тур, эй азизон,
Пагаҳ аз мастии худ мефароем.
134.
Ба ҷисму ҷони ман гармонӣ, эй гул,
Ба сиду дарди ман дармонӣ, эй гул.
Куҷо бошад чунин бахте бароям,
Ту зери пирказу фармонӣ, эй гул.
135.
Аз шодӣ маро дида ба ҷавлон гаштӣ,
Макидӣ чунон ранги алвон гаштӣ.
Баъди задухӯрди ҷанги ҷандинлаҳза,
Ман захмӣ, вале ту қурбон гаштӣ.
136.
Алифосо, қаду болота садқа,
Зи шоматлас упаковкта садқа.
Заводу фабрики очата қурбон,
Ба зоташ Ҳазрати Додота садқа.
137.
Рассӣ рафтӣ? Ба Чин рафтӣ? Аморат?
Вафодорони ту чашминтизорат.
Маро тӯй дода овардӣ, валекин,

https://bikhon.tj/

Чаро серам накардӣ аз канорат?
138.
Ту як мастоваи талхам кун, эй гул,
Зи райҳону зубида зам кун, эй гул.
Ҳаво гарму сарам мечӯшад имрӯз,
Таоми равғаниро кам кун, эй гул.
139.
Забони кора меёбад гули ман,
Дили сад ёра меёбад гули ман.
Ба лаҳни шаҳдбору шаккаринаш,
Забони мора меёбад гули ман.
140.
Ту бӯи ишкро нав мешамидӣ,
Гирам дастат, ҳамоно мерамидӣ.
Ва дар дегу алови ҳазлҳоям,
Ба сони шир гоҳе медамидӣ.
141.
Ҳалиму хушсухан буд модари ман,
Гули дасти чаман буд модари ман.
Биё, то соддатар фахмонамат боз,
Бидон, як шаҳра зан буд модари ман.
142.
Ба шавҳар гар бихоҳӣ зиндагонӣ,
Насиҳатномаҳоямро бихонӣ.
Ту бояд лоақал дар ҳар намозаш,
Ба ӯ оби таҳорат дода тонӣ.
143.
Биё, хушрӯча гулзорат барам ман
Лаби дарёву чӯйборат барам ман.
Макони мумиёро то бидонӣ,
Сари харсанги кӯҳсорат барам ман.
144.
Баччам, ту биё, ки курутобат пухтам,
Ҳам нони танӯрии батобат пухтам.
Дар тефали соли рафта овардагиат,
Як чояки хуби чашмаобат пухтам.

https://bikhon.tj/

145.
Бузхолаи меҳрубонаки баччапараст,
Ман очаи ғамгусора додам аз даст.
Дар синаи ту агар, ки шаш литр шир,
Дар синаи ман ҳазор литр алам аст.
146.
На бо он нияте шири ту нӯшам,
Ба бозораш барам, ё ки фурӯшам.
Ба он хотир туро дӯшиданиям,
Табобат то кунам ман дарди гӯшам.
147.
Бо сарфа агар, ки хоҷагидорӣ кунам,
Бояд, ки ба ҷеби хештан ёрӣ кунам.
Норафта ба назди Ахмаду Сейлонаш,
Ман хонуми Гитаро харидорӣ кунам.
148.
Аз ширкадуи очаам нӯш кунам,
Афсонаву аллаҳои ӯ гӯш кунам.
Гар пис-писакои ман маро хандонанд,
Ман гардани очаҷона оғӯш кунам.
149.
Нахоҳӣ гарди моли дуюмин даст,
Ҷудоӣ кори бад, асло макун қасд.
Бирав, бо шавҳарат аҳду вафо кун,
Ҳама мардоя феълошон ҳамин аст.
150.
Ду кам шасте, ки солам додаӣ ту,
Ба ин ризқи ҳалолам додаӣ ту.
Барои чиданаш, Парвардигоро,
Куҷоҳо интиқолам додаӣ ту.
151.
Ту аз кӣ бигӯ, укол хӯрдӣ, мардак?
Монандаи даҳ ба нол хӯрдӣ, мардак.
Аз аввали шаб пристават дорӣ ту,
Ё ин, ки простамол хӯрдӣ, мардак?
152.

https://bikhon.tj/

Ман гуфта будам, ки по ба гӯрӣ, мардак,
Аз ишқу ҳавас ту хеле дурӣ, мардак.
Таҷрибаи имшабат маро ҳайрон кард,
Тарбияи ҷисмониба зӯрӣ, мардак.

153.

Табиатро ба дил гармӣ даромад,
Зи нав оғоз гашта рафтуомад.
Зи Аллоҳ амр шуд, эй ҳамнишинон,
Ҳаво аз қаҳри худ бегах фаромад.

154.

Волидаи режисоруу коргардонам,
Аз макру фиреби дуятон ҳайронам.
Пинҳонӣ зи ман ба саҳна гҳхе монед,
Ман филми бадеии шуморо донам.

155.

Падгузники додома иваз кард оча,
Сар то қадамоша пури маз кард оча.
Ман аз таҳи курпа зеҳн мондам, имшаб,
Инро ҳама баъди пухтупаз кард оча.

156.

Ниммӯзаи гарми намадӣ пӯшидам,
Рӯзона ба сӯи коргах кӯшидам.
Оғӯши ҳаво буд ончунон сарди сард,
Валлох, бародаро, қурут ҷӯшидам.

157.

Агар донистаме қассоби ман кист,
Ман аз ӯ пештар мекардамаш нест.
Аҷал наздик гӯё, мекунам ҳис,
Ҳаросидам, дилам дар ҷои худ хест.

158.

На байте гуфта битвонам ба мохӣ,
На шеър аз духтарони курташохӣ.
Ба қадди мӯза барф имрӯз борид,
Таҳи барф монд илҳомам пагоҳӣ.

159.

Саре дорам, маро бесар нагӯед,

https://bikhon.tj/

Сари ҳар кемаба раҳбар нагӯед.
Базӯр истодаам бар даргаҳи умр,
Дурӯғ аз муд монд, дигар нагӯед.
160.
Аҷаб нони фатири суфта кардам,
Шабона баҳри ту нохуфта кардам.
Агар пурсӣ чаро шӯраш намудам,
Ту бишносӣ намакро гуфта кардам.
161.
Зи рӯям хе намегӯӣ, Инетҷон,
Ту метӣ, те намегӯӣ, Инетҷон.
Ту саркаш не ба сони ҳамсари ман,
Чӣ гӯям не намегӯӣ, Инетҷон.
162.
Худо раҳмат кунад хушдоманамро,
Аҷоиб тарбия дода занамро.
Куҷое меравам зан курси дела
Намонад шаг ба бечо рафтанамро.
163.
Ба тилло гоҳ заҷчирам намудӣ,
Ба сӯзандору таъмирам намудӣ.
Ба дасти обу оташ дода як умр,
Таҳи 32-та амбӯрам намудӣ.
164.
Ордома гирифтаму ман элак кардам,
Бо тираки худ хамира ғелак кардам.
Омехта ба он кабудиҳои реза,
Тафсондаву дегама ҷигелак кардам.
165.
Маро дур аз қалам кардӣ, гули ман,
Маконам баҳри ғам кардӣ, гули ман.
Факат як бӯса будӣ музди корам,
Ҳамонро ҳам ту кам кардӣ, гули ман.
166.
Ғуноҷини навак гумраҳ шуду рафт,
Хӯрокаш беда неву каҳ шуду рафт.

https://bikhon.tj/

Чу дид турпоқ рафтори ғуночин,
Ба молои дигар ҳамраҳ шуду рафт.
167.
Хӯроки туву оча баргу лола,
Ту ҳам монандаи ӯ ҳаштсола.
Аз они очаи ман аз чӣ 2-то,
Чаро ту 4-та дорук дорӣ, хола?
168.
Холам мана макконда калон хоҳад кард,
Шир дода маро ба раҳ равон хоҳад кард.
Бар ҳоли мани сағира раҳмаш омад,
Ӯ ин амала бо дилу ҷон хоҳад кард.
169.
Бирав аз ман, паси нони танӯрат,
Надорад монданат ин ҷо зарурат.
Худам оббозӣ кардан метавонам,
Наисто! Шарм кардам, аз ҳузурат.
170.
Худо овардат охир ин тарафҳо,
Ду-се соле куҷо будӣ ту гумном?
Каме осуда шав, як дам ғанимат,
Садис, чут-чут побалтаем, дилором.
171.
Дорӣ ту агар миёни шахшӯлу хароб,
Ошиқ шудамат духтари Ангури Тагоб.
То ҳолати набзи дил биёрӣ ба низом,
Баргота палав созаму чашмота шароб.
172.
Зимистоншоҳро форад, нафорад,
Баҳоронро ба ин фарқе надорад.
Ба як анҷумане дар моҳи баҳман,
Ба шоҳӣ номзадиашро гузорад.
173.
Канори Таккабобо вақти зистам,
Дубайтиҳои зебо менавистам.
Кушодам дафтари хотираамро,

https://bikhon.tj/

Ба ёд омад ҷавонӣ, хун гиристам.
174.
Ма қурбони ҳунарҳои фасонат,
Мурам дар лунҷакои кап-калонат.
Кӣ гуфтат, ҷони бобо, тифлаконро,
Хуришҳои хамирӣ мерасонад?
175.
Якеро ҳафт иқлим гӯӣ танг аст,
Яке дар фикри ноне саргаранг аст.
Ҷавоби ин муамморо кӣ ёбад?
Баланд аст осмону зер санг аст.
176.
Манам он тири оташногирифта,
Манам шамшер, ҳоло дар ғилофам.
Ба ман бози-т бигрифт, эй бародар?
Туро то устухонат мешикофам.
177.
Бечора баран дар асл чун дарвешӣ,
Ё нодонӣ ва ё ки дурандешӣ?
Дар рӯи ту мераванд бузҳо галагов,
Тарсам ман аз он, ки оқибат хар мешӣ.
178.
Ман умре аз Шумо қарздорам, оча,
Ва аз додо ҷудо қарздорам, оча.
Ибодат не, итоат не Худоро,
Зи даргоҳи Худо қарздорам, оча.
179.
Бобояки боғчабар шудем охири кор,
Бобояки зочахар шудем охири кор.
Бобояки аллагӯю афсонасаро,
Шӯяндаи хушку тар шудем охири кор.
180.
Ҷигар н-осуда чанде хоб дорад,
Ғамаш мағзи сарамро об дорад.
Аз ин нороҳатии ҳамнишинаш,
Дилам гоҳе аз ӯ жалоб дорад.

https://bikhon.tj/

181.
Кунад андешаи бому дарашро,
Кунад ёди сагу гову харашро.
Паси ҷунбондани оила умре,
Ба ҳар ҷо мезанад точик сарашро.
182.
Нигоҳи сарди ту кардаст сардам,
Намондӣ як даме осуда гардам.
Камаш нӯҳ моҳ маҳкум мешавӣ, дай,
Ба суди навбаҳорон арза кардам.
183.
Бигрифтаву ман ҳавот додам, моҳӣ,
Андар бағалам ма ҷо-т додам, моҳӣ.
Дидам, ки ту ғарк мешавӣ бар дарё,
Дубора туро наҷот додам, моҳӣ.
184.
Миёни кӯлу ҳам кӯҳ аст ин дил,
Пур аз доғу пур андӯҳ аст ин дил.
Чу маҷрӯҳони ҶБВ-и пешин,
Тамоми ҷисм маҷрӯҳ аст ин дил.
185.
Занӣ гар, дон шелухат мекунам ман,
Агар мардӣ, петухат мекунам ман.
Чӣ мегӯӣ? Ба ман о, рӯ ба рӯ гӯй,
Агар куҳӣ, кулухат мекунам ман.
186.
Нигар, дар дохили дарёст ин дил,
Миёни оби пурғавғост ин дил.
Гаҳе монанди тобистони кишвар,
Гаҳе чун сардии сармост ин дил.
187.
Маро айёми пирӣ боб кардӣ,
Кулӯҳои сарамро об кардӣ.
Гумон кардӣ, ки ин манзил аз очат,
Бароҳат дар канорам хоб карди.
188.

https://bikhon.tj/

Туро гесӯву абрӯ ҳамнишинанд,
Нигаҳҳои базебат бар заминанд.
Чӣ асроре ту дорӣ, ман надонам,
Табассумҳои лабҳоят ғаминанд.
189.
Пас аз ду соли гаштан дар ғарибӣ,
Асабҳоро ману гул тоза кардем.
Гирифта танг оғӯш ҳамдигарро,
Муҳаббатҳои беандоза кардем.
190.
Двухкомнатни нос дорӣ, бародар,
Ва усто ихтисос дорӣ, бародар.
Барои рӯбучини бинии хеш,
Бигӯ, ки пилесос дорӣ, бародар?!
191.
Мадоре нест андар дасту поям,
Намудоранд кулли шонаҳоям.
Ба ҷои шир ҷонамро кашидӣ,
Шудам шармандаи ҳамсояҳоям.
192.
Каму беши ҳаётро сабр кардем,
Ҳама шукри буда гуфтему шиштем.
Ба қисмат ҷумла тан додем, ёрон,
Деватьса некуда, гуфтему шиштем.
193.
Сари шушу таҳи бинӣ маконаш,
Зимистонбибӣ аст модаркалонаш.
Ба сӯзандору бар пушташ занам ҳам,
Наметарсад грипро сахт ҷонаш.
194.
Ба як кунҷи дилам по монда рафтӣ,
Ҷазира байни дарё монда рафтӣ.
Чаро якбора шудгораш накардӣ?
Барои кӣ, бигӯ, ҷо монда рафтӣ?
195.
Ба мисли оби дарё шӯху мастанд,

https://bikhon.tj/

Ба сони шефашон зебопарастанд.
Дубайтиҳои ман чун актёре,
Ҳазорон нақшро дар бозӣ ҳастанд.
196.
Ба лаб лабҳои қандашро кашидам,
Ба дандон синабандашро кашидам.
Дар ин хилватгаҳи шоми гарибӣ,
Майи навъи баландашро кашидам.
197.
Маҷористон равам ҳам, тоҷик астам,
Татористон равам ҳам, тоҷик астам.
Манам аз нусхаи Бобои Тоҷик,
Ба қабристон равам ҳам, тоҷик астам.
198.
Биё, афсонаам гӯ аз гузашта,
Ман аз навгониҳо безорам, эй дӯст.
Хоҳархонду писархондам дурӯғанд,
Зи ҷамъи ростӣ безорам, эй дӯст.
199.
Туро ин кулба аз хишт аст, гули ман,
Ва саҳни ҳавлӣ гулкишт аст, гули ман.
Дизайнераш ҳамедонам, худи ту,
Мувофиқ бо план шиштаст, гули ман.
220.
Зи як то чорсадро ӯ шумур кард,
Чаҳорум соли умрашро убур кард
Худо бидҳад ба ӯ умри дарозе,
Адибаҷони бобо панҷа пур кард.
221.
Рухсораи ту синаи окрачка барин,
Раҳгаштанакот ба сони ласточка барин.
Мӯят ба мисоли ҷуфти мори печон,
Чашмони хушат молочни лампочка барин.
222.
Маро ояндаам бо танку тӯп аст,
На бо сементу обу сангу чӯб аст.

https://bikhon.tj/

Миёни касбу кори ин замона,
Мусулмонкуштан охир шуғли хуб аст.
223.
Намехоҳам таҳи чорӯб бошам,
Зи бадрафториям саркӯб бошам.
Дигар тарзи адабро кор фармой,
Дуои бад макун, то хуб бошам.
224.
Туро дидам, ҳавас кардам, дилором,
Нафасҳоро запас кардам, дилором.
Лабатро бар лабонам ҷафс мондам,
Ба табҳояш класс кардам, дилором.
225.
Танӯри гарму рахшон дорӣ, эй гул,
Ҳамеша лаззати нон дорӣ, эй гул.
Ҳамедонам, ту ҳам дар нисбати ман,
Ба дил меҳри фаровон дорӣ, эй гул.
226.
Таӯрат пур зи оташ, ҷони ширин,
Нигодни бе ҳавокаш, ҷони ширин.
Мабодо, ки фитад, рӯят бисӯзад,
Каме худро қафо каш, ҷони ширин.
227.
Фалак муҳре зада бар пову дастам,
Ҳазор афсӯс дорам, ки хар астам.
Чӣ рафтору чӣ гуфтору чӣ ҳусне,
Муҳаббатҳои инсонро парастам.
228.
Ба инсон чизу чора дода мондаст,
Хару асби савора дода мондаст.
Ба як рӯзу ба даҳ моҳу ба сад сол,
Ба мо ҷонро иҷора дода мондаст.
229.
Рассия кони зан, каммард будаст,
Ба тоҷик рафтан он ҷо дард будаст.
Ба Ту бовар намудам, Ҳоҷӣ Бобо,

https://bikhon.tj/

Рассия обсолютно сард будаст.
230.
Бе даста дарав намекунад доси дарав,
Бе даста нумӯ намекунад гандуму ҷав.
Бе даста каланду белро дукон нест,
Бе даста куҷост байрақи шону шараф?
231.
Ба дунё омадӣ аз Чину чун-чунг,
Гирифтӣ номи зебо, Бибисамсунг.
Халонам бар тагат гар симчаи барқ,
Дарои ту ба гап «динг-дингу дунг-дунг».
232.
Ба ман гул, база-даниҳота бинвис,
Ва размери тану поҳота бинвис.
Ту доро ҳастӣ, нодор астӣ, донам,
Нишони очаву додота бинвис!
233.
Туро ҳам муҳлати корат гузашта,
Ҳазорон муш з-анборат гузашта.
Гирифтам, қабзааш кардам, фишурдам,
Сроки ҳардуи норат гузашта.
234.
Садои нолае оварда раҳмам,
Зиёда гашт аз ин тарсу ваҳмам.
Чӣ гап шуд, гуфта бинам аз тиреза,
Ҳаво бемор будаст, сонӣ фаҳмам.
235.
Имшаб шаби сол асту барат меоям,
То соати нол-ноли шаб мепоям.
Аз ӯҳдаи боз кардани шампан не,
Аз ӯҳдаи бӯса карданат меброям.
236.
Ба гӯши худ дурӯш дорӣ, гули ман.
Ту маҳсиву калӯш дорӣ, гули ман.
Ба ҳар вақте ба оғӯшат дароям,
Чӣ оҳангои хуш дорӣ, гули ман.

https://bikhon.tj/

237.
Дару девора таъмир карда рафтанд,
Бубинед, куфлу занҷир карда рафтанд.
Надода ҳуҷрапулиро ба як сол,
Ачаб суде ба кампир карда рафтанд.
238.
Бузургиҳои шамтуро назар кард,
Сарашро зери кафкаш монда тар кард.
Бадон бо мӯи шабрангаш гули ман,
Мани девонаро девонатар кард.
239.
Агар чанде хурӯшондам туро ман,
Ни модни гуфта, ҷӯшондам туро ман.
Риоят кардам, аммо ман ба қонун,
Либоси миллӣ пӯшондам туро ман.
240.
На аз ту ман либосамро гирифтам,
На ун тахти палосамро гирифтам.
Ба ёдат ҳаст, бар чап рафта будӣ,
Ман аз ту он қасосамро гирифтам.
241.
Худошон фарша мешӯянд, азизам,
Зи мо сад айб мечӯянд, азизам.
Агар аз гуфти ту берун наоям,
Маро каблучни мегӯянд, азизам.
242.
Муҳаббат гар кунӣ, ҳамчун худам кун,
Мадоре бар мадорам ору зам кун.
Ба духтурхонаи ишқи ту хобам,
Биё, набзи диламро мунтазам кун.
243.
Туро, эй арча, ҳамворат кунам ман,
Диламро канда гӯшворат кунам ман.
Туро чун наварӯсе байни ҳафта,
Ба соли тоза тайёрат кунам ман.
244.

https://bikhon.tj/

Ба дӯши мардако ҳам рӯфтан, ҳам кӯфтан омад,
Ҳар он чизе, ки фармояд, занак, хуб гуфтан омад.
Зи нозу нузи ӯ хаста, ба қисмат гашта побаста,
Даруни ҷога пуш(т) бар зан намуда хуфтан омад.

245.

Тайёра ду тобути дигар овардаст,
Аз нобуди дигаре хабар овардаст.
Аз дидаву аз шунидаҳоям гуфтам,
Нодорӣ ба халқи мо хатар овардаст.

246.

Писанди ман наомад кору бораш,
Надидам гармиеро дар канораш.
Ба дигар рӯз монад, каша мешад,
Худи он шаб бидодам выговораш.

247.

Як замоне бар сараш дастор дошт,
Чашми кабк, абрӯ мисоли мор дошт.
Дар канораш ду анори косагул,
Ҳар яке сесадгромӣ бор дошт.

248.

Маро дар манзари гул зода будӣ,
Ба ҷон додан ба ман омода будӣ.
Ба умеде шукуфо бошам, оча,
Бароям номи Гулро дода будӣ.

249.

Ба ҳар гоҳе аёдат наздат оям,
Ба пеши поякат сар монам, оча.
Қазо созам агар ин қарзи худро,
Ба мушкилҳои сах(т) дар монам, оча.

250.

Ба шавҳар ман ба косиб мебароям,
Ма дар ин ҷода ғолиб мебароям.
На бо зӯрӣ, на бо фармони додо,
Ба як ёри муносиб мебароям.

251.

Умрест ба леви меравад, хомӯшам,

https://bikhon.tj/

Камбудии почома фақат мепӯшам.
Тарсам, ба апам гӯям агар сирроша,
Бо кундаи манту мезанад бар гӯшам.

252.

Ту гӯӣ бо ту меҳмон мешавам ман,
Туро хоҳӣ, саробон мешавам ман.
Ба хорич гар равиву барнагардӣ,
Чу гӯшти кӯҳна вайрон мешавам ман.

253.

Гуле, ки оча парво дорад имрӯз,
Зи ту сад шаҳр ғавғо дорад имрӯз.
Бубин таҳсину лойкоро азизам,
Талабгоро чӣ савдо дорад имрӯз?

254.

Ба шаб бонӣ кунам ман дачаҳоят,
Ба ясли бурда монам баччаҳоят.
Ҳамин, ки рӯ ба рӯ ойӣ ту бо ман,
Ба шӯр орӣ чаро авчаркаҳоят?!

255.

Хеле падари бузург дорӣ, духтар,
Ҳам очаи модагург дорӣ, духтар.
Чашмони кашидаи базебат кушадам,
Монандӣ ба Ота Турк дорӣ, духтар.

256.

Рафтам ба бараш, баланд буд тобу табаш,
Аз сӯҳбати мо қазо бишуд хоби шабаш.
Аз бӯсаву ину ону дигараш,
Инро ҳама дар нигоҳ буд холи лабаш.

257.

Моро ба ҷамоли хеш моил кардед,
Ин гуфтаву он гуфтаву қоил кардед.
Кал кардаву кӯру лоғару пажмурда,
Бурда ба Китоби Сурх дохил кардед.

258.

Муҳаббат дар лабонам, дар забонам,
Зи ишқат сӯхта мемирам, эй гул.

https://bikhon.tj/

Вафодории худро карда исбот,
Призи Нобелитро гирам, эй гул.
259.
Чашмони яке ба сӯи дар менигарад,
Сӯи қамари болои сар менигарад.
Чашми дигаре ба пулу молу сарват,
Чашми ману ту ба ҳамдигар менигарад.
260.
Дар шоҳии ман, ки душмано хеш шуданд,
Ореву балегӯяки ман беш шуданд.
Даҳ фоиз агар худиву давлатманд аст,
Боқӣ ҳама бегонаву дарвеш шуданд.
261.
Чун нонаки пурдрож астӣ, духтар,
Пурмакру фиребу лож астӣ, духтар.
Ман дафтари ҳардуи шуморо хондам,
Бо модаракат похож астӣ, духтар.
262.
Тоқӣ ба лабони қош кардам, бону,
То омадани ту ош кардам, бону.
То ин, ки писанди ту биёяд ошам,
Бо оташу об талош кардам, бону.
263.
Ду-се мушак зи пушти дар задам ман,
Майи ангур аз соғар задам ман.
Шикам серу, сарам бечо, азизам,
Худамро бар таҳи чодар задам ман.
264.
Сарамро бар қудумат мекунам, гул,
Бисотамро ба нумат мекунам, гул.
Бароям жалька не ҷон бо ту додан,
Вале андак подумат мекунам гул.
265.
Лабони лоларо помол карда,
Забони лоларо мемаккад ору.
Бад-он аз хонаи модарбузургаш,

https://bikhon.tj/

Худашро дар асал мешаккад ору.
266.
Ман бе ту агар асал хӯрам, заҳр шавад,
Аз кардаи ман Худой дар қаҳр шавад.
Оромӣ зи шаҳри дили ман бандад кӯч,
Дарду алами зиёд ҳамшаҳр шавад.
267.
Ба таклифи ту ҷонам, мебиёям,
Ба додар хоҳаронам, мебиёям.
Агар оям, ба як шаб не, азизам,
Ба бору ҷомадонам мебиёям.
268.
Ба дастонат каланд аст, эй дилором,
Лабат монанди қанд аст, эй дилором.
Сарам ҳар сӯ каловад баъди бӯса,
Аҷаб дозаш баланд аст, эй дилором.
269.
Ту имшаб шӯху мастӣ, ҷонаки ман,
Подозрительни ҳастӣ, ҷонаки ман.
Гиребонам гирифтӣ бо табассум,
Надонам дар чӣ қасдӣ, ҷонаки ман?
270.
Агар пул доштам, зан мегирифтам,
Зиёнашро ба гардан мегирифтам.
Ман аз андоми Ладабону безор,
Зане бо номи Ниссан мегирифтам.
271.
Ма шефи кӯчаи Павловам, эй дӯст,
Саробони ду-сето говам, эй дӯст.
Дутору тор бошад, менавозам,
Ки безор аз Калашниковам, эй дӯст.
272.
Ба оташдон алов кардам пагоҳӣ,
Дар ӯ ман равған об кардам пагоҳӣ.
Ба он равған массаж кардам занакро,
Аҷаб кори савоб кардам пагоҳӣ.

https://bikhon.tj/

273.
Дарде, ки зи ман фирор кард, дарде нест,
Аз пушти дигар шикор кард, дарде нест.
Аз баҳри давои ӯ пизишке кам-кам,
Се танга ба киса кор кард, дарде нест.
274.
Туро андар камингоҳ дида мондам,
Ту душман гуфтаву ваҳмида мондам.
Ман аз тарси садои пақ-пақи ту
Ба болои сарат шошида мондам.
275.
Ду поям Тоҷикистон рафта омад,
Нигаҳҳоям гулистон рафта омад.
Ба фармони дили бечора, ҳоло,
Хаёлам Тоҷикистон рафта омад.
276.
Ҷуворӣ то зи гандум мешиносад,
Дирафшу мӯзаву мум мешиносад.
Китобу дафтари синфои поён,
Зи якум то ба чорум мешиносад.
277.
Ба зан Максими Шевченко чунин гуфт:
Туро шими тунукат мехарам ман.
Намехоҳм, ки гардӣ нимбараҳна,
Спортивни брюкат мехарам ман.
278.
Бароят ёфтам як ҳамсари хуб,
Зи авлоди ако-Маҳмуди боянд.
Бидеҳ оро худатро, духтари ҷон,
Қудоҳо хостгорӣ мебиёянд.
279.
Чу нуре дар ду чашмони ту ҷо шам,
Туро ман ҳамнишину ҳамсадо шам.
Ту ҳоло гӯӣ, ки дӯстат бидорам,
Калон шам, мақбулат мегашта бошам?
280.

https://bikhon.tj/

Дилам бе диданат дар ҷои худ хест,
Ғарибу музтарасту лолу сардест.
Табибонро ба худ даъват накардам,
Ту гар ойӣ панангин лозимам нест.
281.
Басо шӯру мағал дорад сари ман,
Чӣ мушкилҳора ҳал дорад сари ман.
Мисоли тилвизори инзамона,
Ба худ сесад канал дорад сари ман.
282.
Яке аз зан ба сина сад аланга,
Яке ҳоким бувад болои янга.
Яке пӯшонда муди аврупоӣ,
Характерои мардон ранга-ранга.
283.
Агар хашмам биёяд, деви мастам,
Хатое гар кунӣ, афтӣ ба дастам.
Ба кӯча бо сари хам гард, азизам,
Худат донӣ, ки ман ревниви ҳастам.
284.
Ба хона баччу качу чӯҷа бисёр,
На ҷои сӯҳбату ҷои дигар кор.
Ана, бар ҷои ишқбозӣ расидем,
Машинро дар худи ин ҷо нигаҳ дор.
285.
Ҷавон аст ӯ, наход инро надонед?
Ба ҳар чизе гунаҳкораш нахонед.
Равед, эй очаву додои ширин,
Занакҷони маро оварда монед.
286.
Бадан дорӣ чу нони гарму доғак,
Нишастӣ дар сари китфони боғак.
Зи борон то ту осбе наёбӣ,
Плафонат шавам, эй шабчароғак.
287.
Саҳар дар бонки Кобул мекунам кор,

https://bikhon.tj/

Ба шаб дар бистари гул мекунам кор.
Наям бекора ман, вақтои охир,
Ба мӯю банди кокул мекунам кор.
288.
Ба диди ман чу кабки мастӣ, эй зан,
Чу очат духтари гулдастӣ, эй зан.
Агарчи пошнаи кафшат баланд аст,
Зи ман шаш сантиметр пастӣ, эй зан.
289.
Ба кӯча лаъли хандонро бимонад,
Ба хона абру боронро бимонад.
Таҳу болоша санҷидам ман умре,
Двухкамерни яхдонро бимонад.
290.
Ба дандонат нигар, хӯр мама, баччам,
Махӯр коко дигар, хӯр мама, баччам.
Маро бо инҷиқӣ, эй ҷони ширин,
Макун хуни ҷигар, хӯр мама, баччам.
291.
Зи қалбат решаи ғам канда бодо,
Ба наздат гиря ҳам, шарманда бодо.
Дуогӯи тану ҷони ту, бобо,
Давоми хандаҳоят ханда бодо.
292.
Дарахтам, реша дорам, поя дорам,
Чӣ дорам? Навда дорам, соя дорам.
Ва ҳам тармеваҳои туршу ширин,
Барои хештан сармоя дорам.
293.
Бигӯ! Озодӣ ё Нафс? Ин кадомаш?
Кашида Шарқи Наздикро ба комаш.
Гуреза дар миёни оташу об,
Қиёмат сар бизад?Ё ки давомаш?
294.
Ба пешвозат бароям, ним нигаҳ не?
Гулӯ рӯшан намоям, ним нигаҳне?

https://bikhon.tj/

Чу аскар назди майёр ин пагохӣ,
Ба ту чест дода оям, ним нигаҳ не?
295.
Симои басо сиёҳ дорад ин чашм,
Наззора ба қади роҳ дорад ин чашм.
Мастона кашад ба ҷониби ҳар кас теғ,
Валлоҳ, ки сад гуноҳ дорад ин чашм.
296.
Ягон сирри туро ман рӯ накардам,
Куҷое хостӣ, мамнӯъ накардам.
Бароям амри ту қонун буду бас,
Ягон гуфти туро ман ду накардам.
297.
Чӣ мехоҳӣ зи анборат диҳам ман.
Ва ё манзил ба бозорат диҳам ман?
Сари бинӣ чу наглет карда шиштӣ,
Шудам маҷбур озорат диҳам ман.
298.
Агар хоҳӣ, ки Гул ояд ба наздат,
Макун ташкиликарданро фаромӯш.
Бичӯшон ширчой аз шири калбуз,
Бипаз оши палав аз гӯшти заргӯш.
299.
Парид аз Байканур ӯ баъди чанде,
Сафина дар бари маҳ шишта монда.
Ту кай меойӣ? Чашмам чори роҳат,
Ки соат рӯи ёздаҳ шишта монда.
300.
Кунам аз сидқи дил, шукри Худоро,
Худои қодиру мушкилкушоро.
Шумо Бобои Ҳоҷӣ Гулмуродед,
Шинохтам ман, шинохтам ман, Шуморо.
301.
На дигар ҳарду ғур-ғур мекунем мо,
Баки мошината пур мекунем мо.
Ба он хотир, ки очамро накубӣ,

https://bikhon.tj/

Туро аз ҳавлимо сур мекунем мо.
302.
Ҳар субҳ пайи азон ту дарбанд астӣ,
Чун, ки ба Худо ҳамеша пайванд астӣ.
Зебову аҷибу дилкашу нотакрор,
Дар ҷомаи дӯхтаи Худованд астӣ.
303.
Гули дастони ту хеле базеб аст,
Ва мӯҳо чун нигоҳат сарнишеб аст.
Газидан аз куҷоят сар кунам, гӯй,
Ба чашми ман саропои ту себ аст.
304.
Ҳамебинӣ ту, дасту поя, оча,
Лёжа мезанам любоя, оча.
Бароям ҷиҷӣ додан гир шабу рӯз.
Махӯр ҳаргиз ғами фардоя, оча.
305.
Туӣ беаҳду бепаймон маро партофтӣ, рафтӣ,
Дар ин саҳрои беодам зи ман рӯ тофтӣ, рафтӣ
Ғаразҳои бадат буду маро бигзоштӣ ҳайрон.
Ту ин гуфтӣ, ту он гуфтӣ, баҳона кофтӣ, рафтӣ.
306.
Гули якдонаи хушрангубӯӣ,
Чу хуршеди дурахшон дар тулӯӣ.
Ту медонӣ, ки шоми ҷумъа имшаб,
Занакҷон, як чӣ пурсам, не нагӯӣ.
307.
Таоме гар ба лаззат мепазад гул,
Ба нерви мо каме ҳам мерасад гул.
Сари дег аз ману аз оча рустӣ,
Зи гӯшти нимабирён мезанад гул.
308.
Айёми ҷавонӣ дар канорат будакам,
Аз тафси баҳори тани ту гарм шудакам.
Акнун ба канорам ту даро, мардакҷун,
Болинаки гурдагармкунат ман худакам.

https://bikhon.tj/

309.
Замини Худойро ҳисор мекунанд,
Ғарибу ғарабро шикор мекунанд.
Аз Худо гирифта хештанро баланд,
Ин сояҳои Худо чӣ кор мекунанд?
310.
На аз моли Ҳисори шодмонӣ,
На гӯсфанди Хуҷанди бостонӣ.
Ман аз ин ҳуҷҷатат пай мебарам, ту
Қарокулии зоти ӯзбеконӣ.
311.
Хуш модаракам барои мо нон мепухт,
Дар оташи лолагуни чакдон мепухт.
Чӯбак зада, пар зада, муносиб карда,
Монанди худаш фатири ҷонон мепухт.

https://bikhon.tj/

ЗАНГИНОМА

https://bikhon.tj/

1.
Расидӣ, даст бар дастам намудӣ,
Ба Ҳелло гӯият мастам намудӣ.
Зи доми зангидухтар кардӣ озод,
Ба Ландан бурда пайвастам намудӣ.
2.
Урусистона ман ҳушёр кардам,
Ба наздаш хештанро хор кардам.
Зи души ӯ гирифтам бори сангин,
Иванро бо худам сардор кардам.
3.
Ду хоҳар дошт ӯ, як додарак дошт,
Ду почо дошт ӯ, сето амак дошт.
Буваш буд аз табори Алҷазоир,
Ва потте ӯ ба Абама Барак дошт.
4.
Тоҷико бад, гуфта сангам мезананд,
Бо сиёҳӣ гоҳ рангам мезананд.
Лек хонумҳои зангӣ ҳар замон
Дӯст дорам, гуфта зангам мезананд.
5.
Тарзи нигаҳат маро хуш ояд, зангӣ,
Ҷон пурсӣ, агар диҳам бароят, зангӣ.
Хоҳам ба калиди сари синаш имшаб,
Қуфли дари бахтама кушояд зангӣ.
6.
Ширин монанди коко ҳастӣ, зангӣ,
Сгушёний молоко ҳастӣ, зангӣ.
Ман аз лабҳои шаҳдат кардам эҳсос,
Ту гулқанди Марокко ҳастӣ, зангӣ.
7.
Ту як навъи гияҳро монӣ, зангӣ
Дугоникҳои маҳро монӣ, зангӣ.
Майе дар соғари баҳри дили ман,
Ту ангури сияҳро монӣ, зангӣ.
8.

https://bikhon.tj/

Ба ҳуснат дар ҳавас мондам, бидонӣ,
Ба акси ту класс мондам, бидонӣ.
Туро, эй зангибонуи фаришта,
Ба чёрни день запас мондам, бидонӣ.

9.

Агарчанде ки зангӣ ҳастӣ, зангӣ,
Ту ангури ҳусайнӣ ҳастӣ, зангӣ.
Ба теғи чашм сӯям мекашӣ теғ,
Ба ман шояд ту ҷангӣ ҳастӣ, зангӣ?

10.

Зи навъи чашми говӣ зангидухтар,
Чу гӯште дар паловӣ, зангидухтар.
Бимирам дар нигоҳи беназират,
Чу лахча дар аловӣ, зангидухтар.

11.

Туро бо ғӯшу бо хор пухта буданд,
На дар даҳлезу анбор пухта буданд.
Ту суперқанду супершаккар астӣ,
Туро дар Эквадор пухта буданд.

12.

Ба чанде дидамат дар пушти амбор,
Ба болои самосвал як ду-се бор.
Зи ту як чиза пурсам, зангидухтар,
Магар дар кони ангишт мекунӣ кор?!

13.

Паёми зангидухтарро гирифтам,
Инъоми зангидухтарро гирифтам.
Ба пушти гӯшакам сад шатта хӯрдам,
Чу номи зангидухтарро гирифтам.

14.

Ба ранги шом ҳастӣ, зангидухтар,
Маро илҳом ҳастӣ зангидухтар.
Мисоли қаҳваи хуби Брозил,
Три в одном ҳастӣ, зангидухтар.

15.

Лабаш монанди ангури сиё буд,

https://bikhon.tj/

Рухи зебои ӯ ранги тило буд.
Ба ӯ ман Зангигул номаш ниҳодам,
Ҷилои ҳалкаи гӯшаш ничо буд
16.
Мулоимкурсиро дидам, саворӣ,
Ту рашки Марҳабову Гуланорӣ.
Массажисти худам мемонамат ман,
Ту аз дигар вазифа барканорӣ.
17.
Ту ҳам аз Одам астӣ, бо ту хешам,
Чӣ дармонӣ ба қалби решрешам.
Канорат фасли тобистона монад,
Дар оғӯшат грипп асло намешам.
18.
Агар имкони хуб ояд бар даст,
Умеди оба нав кардан ба мо ҳаст.
Ба фикри ман аҷоиб мешавад, ин
Агар тоҷик бо зангӣ бупайваст
19.
Намегӯям, ки зангидухтаро зӯр,
Тамоми олама карданд пурнур.
Бирафта духтари тоҷик ба Пекин,
Ма ҷои тоҷиконро мекунам пур.
20.
Ту ҳастӣ кудряви зангидухтар,
Бидеҳ бӯса халяви, зангидухтар.
Намак дар ту, маза дар ту, азизам,
Ба мисли нони ҷавӣ, зангидухтар.
21.
Ма кафши пота гардам, зангидухтар,
Лаби дарёта гардам, зангидухтар.
Мувофиқ карда бар ҳусни ту додаст,
Ҳавокашҳота гардам, зангидухтар.
22.
Диламро зангидухтар карда пора.
Наметонам равам наздаш, чӣ чора?

https://bikhon.tj/

Ба савдо рафта духтарҳои тоҷик,
Намехоҳам, ки монӣ дар канора.

https://bikhon.tj/